БОЗОР СОБИР

Аз Гулихор то Симхор



БОЗОР СОБИР

АЗ "ГУЛЧХОР" ТО "СИМХОР"

(ГУЛЧИНИ ШЕЪР)

2003

Бозор Собир

«Аз «Гули хор» то «Симхор»»

«Аз «Гули хор» то «Симхор»» сурудаҳоеро дар бар мегирад, ки аз китобҳои пешинаи Бозор Собир сарчину гулчин шудаанд.
«Гули хор» унвони маҷмӯаи аввалин ва «Симхор» унвони маҷмӯаи пасини ӯст. Ҳамчунин, таҳти сарлавҳаи шеървора ва чорпора осоре фаро гирифта шудааст, ки дар муддати муҳоҷирати даҳсолаи шоир, ба қавли худаш аз Халиҷи Форс то Қутби Шимолӣ ва аз шаҳри Деҳлӣ то ба штатҳои Флоридаю Вашингтони Америка қаламӣ шудаанд.
Метавон гуфт, ки хусусан дар шеърият, тасвиру ташбеҳ ва ҳусни адо дар миёни асарҳои адабии муосири тоҷик, ки ҳафтод-ҳаштод соли ахир ба табъ расидаанд, ин мунтахаб намунаю ҳамтое надорад.
Хулоса, ҷойи «Аз «Гули хор» то «Симхор»» тоқу равоқи хонаву китобхонаҳо не, балки зери сару бистари шоирон хоҳад буд.

Гӯянд, ки шеър моями дарду ғам аст
Шоир нашавад касе, ки ӯ беалам аст,
Ҳар қатраи вожае, ки дар дафтари мост
Ҷун хуни чакида аз димоғи қалам аст.

Муҳаррир ва ношир Бӯрӣ Карим

Гирдоварандагон Ромиз ва Меҳрон

Рассом Манучеҳр

From the "Thorn-flower" to the "Barbed Wire"
Copyright © 2003 Bozor Sobir
All rights reserved.

ISBN 5-8493-0157-7

«Интрансдорнаука», Москва 2003

ҶУЗ ҚАЛАМ НЕСТ КАСЕ ҲАМХУНАМ

Ҷеваке ман ба сари дил дорам
Ҷои пул нест барои қалам аст,
Қалами ман ба дилам наздик аст,
Ба ҳавои дилам одат кардаст.

Хиш-хиши тарзи қаламронии ман
Тапиши қалби маро мемонад,
Тапиши қалбам агар мавзун аст,
Хиш-хиши хомаи ман мавзун аст;
Ҷуз қалам нест касе наздикам.

Ин қадар ранг, ки дар дафтари ман
Аз димоғи қаламам мерезад,
Ба худо, хуни ман аст,
Ба худо, ранги қалам хуни ман аст.
Аз димоғи қаламам дар дафтар
Хуни ман мерезад;
Ҷуз қалам нест касе ҳамрангам,
Ҷуз қалам нест касе ҳамхунам.

Набзи ман дар таги ангушти қалам,
Қаламам набзи маро месанҷад,
Қаламам набзи маро мешумарад,
Менигорад қаламам набзи маро;
Тапиши набзам агар мавзун аст,
Хиш-хиши хомаи ман мавзун аст.

Қалами ман, ки дар ангушти ман аст
Қаламам нест як ангушти ман аст,
Ба ин ангушт шаш ангушти ман аст,
Ин шаш ангушт, ки дар мушти ман аст,
Басам ин мушт, ки дар пушти ман аст.

6 Январи 2002, Сиэтл.

ШЕЪРИ ҒАРҚИ ХУН

Ба хотираи шаҳидони рӯзҳои 11-14
моҳи Феврали 1990:

Азизбек Файз
Наҷотов Тӯймаҳмад
Фозилов Қобилҷон
Гиёев Умаралӣ
Маҷнунов Саймуддин
Матросов Никита Игоревич
Нигматулина Наиля
Умаров Саид
Шеров Аъзам
Бобоев Шералӣ
Стрелков Вадим
Плаксин С.А.
Сайфуллоев Шамшербек
Холиқов Исматулло
Наимов Шарофиддин
Мирзораҳимов Исроил
Платонова Галина В.
Ҳомидов Абдусалим
Сангинов Аҳмад
Ҷумъаев Маҳмадҷон
Урунов Аъзам
Тешабоев Рустам
Балатонов Юрий Я.
Ҳалимов Эркин

Эй арғувон, эй арғувон, эй арғувони ғарқи хун,
Сурхида аз сар то қадам чун захмиёни ғарқи хун,
Дар бустонат дидаам як остони ғарқи хун,
Дар остони ғарқи хун садҳо ҷавони ғарқи хун.

Тиру камон, тиру камон, тиру камони чанбарӣ,
Пеш аз ту дидам беамон тиру камони аскарӣ.
Аз модаре, аз хоҳаре, аз додаре, аз ҳамсаре,
Тиру камони чанбарӣ бар куштаҳо гулчанбарӣ.

Эй нолаҳо, эй нолаҳо, эй нолаҳо, эй нолаҳо,
Аз хуни ҳаждаҳсолаҳо, аз хуни ҳаждаҳсолаҳо,
Дар фаршҳо, дар зери по монанди барги лолаҳо,
Монанди барги лолаҳо дар ҷолаҳо, дар ҷолаҳо.

Санги кафи мардум агар як шишаи бино шикаст,
Санги ҳукуматро нигар, сад шишаи дилҳо шикаст.
Гар сӯхт мардум ғурфае, асло надорам ман гила,
Вой аз ҳукумат сӯхт дил, дил аз ҳукумат пургила.

Хуни шаҳидон аз дари қасри ҳукумат шуста шуд,
Дасти ҳукумат шуста аз хунрезии ноҳақ нашуд.
Рахти шаҳидон аз таги пои ҳукумат баста шуд,
Пои ҳукумат баста аз хунрезии ноҳақ нашуд.

Эй халқи ман, эй халқи ман, умре ту ҳокимпарварӣ
Хуш нест ҳокимпарварӣ, хуш нест ин хушбоварӣ,
Фарқе надорад ҳокимат аз зархариду навкаре,
Аз дур мебинад туро бо дурбини аскарӣ.

Ҳафтод сол омад ба сар бе раҳбарони хоназод,
Гӯё дар ин ҳафтод сол аз модаре раҳбар назод.
Аз ҳар вазоратхонаат як урда меояд ба ёд,
Аз ин вазиронат маро як урду меояд ба ёд...

Эй арғувон, эй арғувон, эй арғувони ғарқи хун,
Сурхида аз сар то қадам чун захмиёни ғарқи хун.
Дар бустонат дидаам як остони ғарқи хун,
Аз остони ғарқи хун ин достони ғарқи хун.

ЯК НАФАР МАН МОНДААМ

Дар ҷавонӣ будаам дар зери барфи рӯсафедӣ,
Рӯзи пирӣ мондаам дар зери барфи мӯсафедӣ.
Баста рӯи чашмаҳои чашмҳоямро яхи айнак,
Интизори сактаи дил, сактаи мағзам ман инак.

Чеҳраи пири маро вақте кунад оина тасвир,
Мешавад аз чеҳраи ман чеҳраи оина ҳам пир.
Коғази рӯям, ки молиш хӯрда аз дасти замона,
Менамояд коғазе аз дафтари асри миёна.

Ҳамзамононам ту гӯй, мурда аз мелод ҳам пеш,
Қалъаи золи зарам дар теппаи танҳоии хеш.
Як нафар ман мондаам, не ҳамзамон, не ҳамзабоне,
Не адофаҳме дигар, не дар миёна тарҷумоне.

Як нафар ман мондаам дар байни кӯҳистони анбӯҳ,
Медиҳам овозу мепурсам, ки кӯҳистониҳо ку?
Мерасад бар гӯши вазнинам ҷавоб аз кӯҳ бо андӯҳ,
Вопас аз ман кӯҳ мепурсад, ки кӯҳисониҳо ку?

Як нафар ман мондаам дар байни гӯристони тоҷик,
Як фақат ман мондаам аз насли кӯҳистони тоҷик.
Гар қатори мурғу моҳиён маро ҳам мешиносед,
Дар китоби сурхи ҷондорони ноёбам нависед.

23 Феврали 1993.

ЧАШМҲОИ ДУРБИНҲО КӮР БОДО, КӮР!

Аз ҳавои Тоҷикистон мезанад ҳар дам ҳавоӣ
Ҷолаи тир, ҷолаи тир, ҷолаи тир, ҷолаи тир.
Дар миёни қоши духтарҳои тоҷик мешукӯфад
Лолаи тир, лолаи тир, лолаи тир, лолаи тир.

Дар ҷигар гул карда доғаш,
зинда аз доғаш чаканпӯш,
Дар кафан гул баста хунаш,
мурда аз хунаш чаканпӯш,
Мекунад мардум ҳазар аз хеши ҳамхуни чаканпӯш,
Хеши ҳамхун карда аз хун то ба нохунаш чаканпӯш.

Чор фасли Тоҷикистонро, ки мо болида медидем,
Фасли киштан, фасли киштан, фасли киштан,
фасли киштан,
Чор фасли тоҷикистонро дигар нолида мебинем
Фасли куштан, фасли куштан, фасли куштан,
фасли куштан.

Ман ба онҳоям, ки берун мондаанд аз марзи ҷумҳӯр,
Дар лаби марзанду он фарқе надорад аз лаби гӯр.
Кӯр бодо! Кӯр бодо! Кӯр бодо! Кӯр!
Чашмҳои дурбинҳое, ки мебинанд аз ҳад дур.

Кокули сабзи наистоне ба чанги мавҷи Омӯ
Ҳамчу аз гесӯи занҳои “шиновар”мекашад ӯ.
Як наистон нолаам ман, як наистон печу тоб,
Як ҷигар дарёи хунам, як ҷигар дарёи об.

Зардии рухсораам аз дарбадаргардии ман нест,
Зард шуд рухсораам аз ҳамраҳони дарбадаргард.
Гар нависам дарбадаргардии онҳоро ба коғаз,
Рӯи коғаз мешавад чун коғази рухсораам зард.

Ё мусофир ё муҳоҷир ҳар куҷое ман, ки мурдам,
Бар сари қабрам нависед он замон: қабри амонат.
Мардуми бехонумони ман, ки баргардад ба хона,
Андар он қабри амонат ман нахоҳам кард тоқат...

Кушта бодо! Кушта бодо! Тухми онҳое, ки охир,
Чор фасли Тоҷикистон тухми тоҷик кушта буданд.
Кишта бодо! Кишта бодо! Тухми онҳое, ки охир,
Чор фасли тоҷикистон тухми тоҷик кишта буданд.

14 Августи 1994, Москва.

ХОНАҚОҲИ МАН

Рост̄и, фарзанди ман сураткаши хуб аст,
Хуб сурат мекашад, аммо
Сураташро дар чи деворе биовезад намедонад,
Мо, ки деворе надорем,
Хонабардӯшем.

Рост̄и, ман ҳам чу пири хаста мехоҳам гузорам
Як нафас, як лаҳза пуштамро ба девор.
Ҳафт пушти ман, ки дар гилхонаҳо
гилкор̄и мекарданд,
Ба гил рафтанд.

Гар ба девори касе хушкида нақши панҷае боқист,
Нақши панҷаи онҳост.
Ҳафт пуштам мардуми деворие буданд,
Лек дар пуштам на деворист, на девор.

Дар ватан аз шоирон як шоири зиндон̄и ман будам,
Дигарон буданд шоирҳои зиндонбон.
Ҷомаи ман бӯи зиндон мекунад то ҳол,
Бо чи собуне бишӯям ҷомаи худро?
Аз хароши симхораш дастҳоямро агар бастам,
Чун бибандам ин даруни пурхарошамро?
Чун бибандам ин даруни реш –решамро?

Дар қафои чашмаки зиндон, ки ҳамчун
чашми сӯзан буд,
Аз тамоми чеҳраҳо як чеҳраи Гулчеҳраро
ман дида будам,
Аз тамоми чеҳраҳо як чеҳраи Гулчеҳраро
бӯсида будам,
Бӯсаам дар чашмаки зиндон намеғунҷид.

Аз ватан вақте, ки мерафтам,
Субҳи бефайзаш намоён буд,
Бар сараш барфи нахустини зимистон буд.
Ин ки гуфтам дар ҷавонӣ мӯсафедам кард,
Дар ҷавонӣ мӯсафедаш кардаанд
якбора дар як шаб,
Хуб пираш кардаанд якбора дар як шаб.
Субҳи бофайзе, ки ман бори сафар бастам,
Субҳи рӯи кӯдаконам буд,
Духтари ман ахтари ин субҳи содиқ буд.

Аз ватан вақте, ки мерафтам,
Ёдам аз ӯ дар фазо мерафт,
Додам аз ӯ дар ҳаво мерафт.

Гуфтам аз рӯи ҳаво хат мекашам рӯи ватанро,
Баъд аз ин бигзор, бигзор!
Ман набинам рӯи ӯро,
Ӯ набинад рӯи манро.
Хостам дар шишаи танги ҳавопймо ба ин маънӣ
Хат кашам акнун,
Вале он шишаро нохост бӯсидам,
Чун дилам мехост бӯсидам,
Бӯсаам дар шишаи танги ҳавопаймо намеғунҷид.

Аз ватан рафтам,
Валекин дур рафтан аз ватан имкон надорад,
Мекашад чун зодбуди меҳрубон меҳраш,
Гарчи бо ман меҳрубон кам буд.
Чун тавонам аз замини ҳамрагу ҳамхуни худ бигрехт?
Чун?
Ки дар нофи заминаш хуни нофам рехт.

Дарди ҷонкоҳам, ки аз он ҷост, дармони ман он ҷост,
Реши хуншорам, ки аз он ҷост, дорӯи ман он ҷост,

Заҳри чандонам, ки аз он ҷост,
Нӯшдорӯи ман он ҷост.
Зодгоҳам дар сари кӯҳи сафеди ширбияш тутиё дорад,

Дар сари кӯҳи зарафшон мӯмиё дорад,
Дар сари ҳар пушта аз рангинкамон чархофалак дорад,
Кӯзаи моҳи шабаш шири малак дорад,
Зодгоҳам оби гарму оби шӯрак дораду зарригиё дорад.
Дар қатори фавҷи мӯраш ҳамқадам дорам,
Балки ман дар он қаламрав сад найистон ҳамқалам дорам.

Лангари дуру дарози турнаҳои навбаҳораш ку?
Чок-чоки чокаки шабзиндадораш ку?
Кӯчаҳои каҳкашони пахтазораш ку?
Пуштаи хоке, ки хоки хоксори қиблагоҳам буд, ку?
Хонаи ман - хонаҳоҳам буд, ку?

Ку сафедорони анбӯҳи саропо чашм-
Чашми пурмеҳру муҳаббат?
Ку чанорони саропо панҷаи даст,
Панҷаи дасти мададгор?

Аз ватан рафтам,
Валекин дур рафтан аз ватан имкон надорад,
Мекашад хокаш;
Аз кашиданҳои хокаш набзи ман кандаст,
Зарбати набзам мураттаб нест,
Зарбати қалбам мураттаб нест.
Аз ватан рафтам, валекин мекашад хокаш,
Хоку хошокаш.

Зимистони 1997, Ҷексонвил.

ҶУНБИШИ ГАҲВОРАИ САБЗАШ - ҶУНБИШИ НАБЗАШ

Ҳар дам чаро ҷаноза бихонем?
Ҳар дам чаро кабуд бипӯшем?
Ҳар дам чаро бародари худро
Хунинкафан ба хок супорем?

Дасту бағал кушода биёед
Аз пӯстҳои хеш бароем,
Дар пӯстҳои ҳамдигар бидароем,
Аз ҷилди танги ҷанг бароем,
Дар ҷилди ору нанг дароем.

Дар пешгоҳи ҳазрати Мавлоно,
Дар пешгоҳи чашмаи шаҳ Носир,
Пеши мазори ҳазрати Султон,
Бо ҳам намози тавба гузорем,
Бо ҳам намози сулҳ бихонем.

Аз мо шикаст ҳурмати ҳамхунӣ,
Аз мо шикаст ҳурмати ҳамширӣ,
Аз мо шикаст иззати хешӣ,
Аз мо шикаст решаи пайвандӣ.

Дар зери хоку моки Хуросон,
Дар зери сангу хоки Бадахшон,

Дар қабрҳои кӯҳнаи Хатлон,
Дар қалъаҳои кӯҳнаи Вахшон,
Аз шарми ҷанги мо
Ҷунбид устухони азизон,
Ҷунбид устухони ниёгон.

Ранҷид рӯҳи Бурхи Валӣ аз мо,
Ранҷид рӯҳи Буалӣ аз мо,
Ранҷид рӯҳи Рӯдакӣ аз мо,
Ранҷид рӯҳи Хоҷа Камол,
Ранҷид рӯҳи ҳазрати Иқбол.

Хешу таборамон ҳама саргашта,
Саргаштаҳои гумгашта,
Хобанд пушта-пушта дар Афғонистон,
Хобанд пушта-пушта дар Покистон,
Хобанд пушта-пушта дар Эрон.

Оё умеди покии мо ҳаст?
Оре, умеди покии мо ҳаст:
Бигузор, ҳамчу мардуми осӣ
Бӯсида риши мӯсафедонро,

Бӯсида чашми ятимонро,
Дар пеши ҳайкали Фирдавсӣ,

Дар пеши пои ҳайкали Сино,
Дар пеши ҳайкали Айнӣ,
Дар пеши пои ҳайкали Восе
Зону занем аз пушаймонӣ.

Барпо кунем ҷашни ниёиш,
Барпо кунем ҳафтаи пӯзиш,
Барпо кунем тантанаи бахшиш
В-аз устухонҳои шаҳидон,
Аз гӯрхонаҳои азизон,
Аз ҳар шаҳид узр бипурсем,
Аз ҳар мазор узр бипурсем,
Бо нолаҳои зор узр бипурсем.

Ҳар сина покшӯӣ шавад аз кина,
Ҳар даст покшӯӣ шавад аз хун,
Ҳар чашм покшӯӣ шавад аз заҳр,
Ҳар ном покшӯӣ шавад аз доғ,

Яъне, ки покшӯй шавад барпо,
Монанди покшӯии тилло,
Аз касофати дарё.

Бигзор шири модари тоҷик
Чун чашмаи биҳиштӣ нахушкад!
Бигзор, гоҳвораи сабзаш
Ҷунбад баробари набзаш.

1995 Москва.



ШАҲРИ СИЁҲ

Аз шаҳри ман ба ғайри сафедии пахтааш
Дар ёди ман сафедии дигар намондааст,
Ҳар одамаш мусаввадаи одам асту бас,
Як одами сафед ба хотир намондааст.

Гӯянд ҷонамози нависанда дафтар аст,
Ҷои намози коғазию саҷда дафтар аст;
Аз бас, ки рӯи ҳамқаламонам сиёҳ буд,
Дар чашми ман сафедии дафтар намондааст.

Рӯи сиёҳи ҳамқаламони маро дар об,
Бояд, ки шӯст-шӯст ба хокистари китоб;
Зеро китоби шеъри маро сӯхтанду з-он
Ғайр аз ғами ба хун шиновар намондааст.

Рӯзе, ки аз сиёҳии зиндон бурун шудам,
Гуфти ту, аз сиёҳии заҳдон бурун шудам;
Дар сарнавишти ман, ки сиёҳаш навиштаанд,
Шояд аз ин сиёҳии бадтар намондааст.

Дар шаҳри ман кӣ пес набошад сафед нест,
Ҳамшаҳри ман, ки пес набошад сафед нест.
Аз шарми ин сафедии ҳамгавҳарони хеш,
Дар пеши ман сафедии гавҳар намондааст.

Аз пуштаҳош монда маро шабдарав ба ёд,
Аз куштаҳош монда маро сардарав ба ёд.
Чун шаҳри осмонзада аз осмони ӯ
Ҷӯз чашми тифли гушнаи ахтар намондааст.

Сарсон ба қалби сакта бародар ба ҳар даре,
Фарзанди тоҷи сар ҳама музтар ба ҳар даре,
Ҳамсоя хонабону саги хона гурбон,
Аз хешу акрабои ман аксар намондааст.

Бе мардуми сафед сафедӣ намекунад,
Бе гандуми сафед сафедӣ намекунад,
Ҳарчанд дар иморати шаҳри сиёҳи ман
Ранги сафеду шишаву мармар намондааст.

Тобистони 1996, Ҷексонвил, Ш.М.А.

ЧАРО НАМЕОӢ?

Дубора моҳ бадар шуд, чаро намеоӣ?
Дубора моҳи дигар шуд, чаро намеоӣ?

Парандаҳои муҳоҷир ба лона баргаштанд,
Дубора чаҳ-чаҳа сар шуд, чаро намеоӣ?

Бародарони мусофир ба хона баргаштанд,
Дубора қаҳ-қаҳа дар шуд, чаро намеоӣ?

Ҳазор лола ба дил лолазори файзобод,
Дубора хуни ҷигар шуд, чаро намеоӣ?

Ниҳоли пушти дарат бо қадат баробар буд,
Чанори хушқаду бар шуд, чаро намеоӣ?

Гули пиёда[1] ба манзил пиёда боз омад,
Ба рафтанат чи қадар шуд, чаро намеоӣ?

Ҳамон бинои баланде ватан бувад номаш,
Ба хишти ҷони падар шуд, чаро намеоӣ?

Ҳамон сутуни баланде ватан бувад бомаш,
Ба устухони падар шуд, чаро намеоӣ?

Апрели 1998, Сиэтл.

---

[1] Гулҳои алафӣ.

ШОИРУ ШЕЪРЕ АГАР ҲАСТ

Шоир андар синаи миллат чу дил,
Миллати бешоире анбори гил.
(Иқбол)

Шоиру шеъре агар ҳаст-
Арсаи сарбозие ҳаст,
Аз худову шоҳу аз пайғамбари дунё
Як нафар норозие ҳаст,
Ёғие ҳаст,
Осие ҳаст.

Шоиру шеъре агар бошад-
Дар сари дасти баланди халқ чарме ҳаст, -
Парчаме аз домани оҳангаре ҳаст
Коваи оҳангарею сангаре ҳаст.

Мӯҳтарам халқе, ки “Девони Кабир”-аш
Бартар аз девони тақдираш,
Бас, ки девон дорад ӯ деве надорад.
Мӯҳтарам халқе, ки шоирпарвар аст,
Шоҳу пайғамбар надорад, лек дорад шоире;
Шоире к-аз синааш ҳар нуктаро
Меканад чун маъдане аз кон,
Балки ҳамчун порае аз ҷон,
Ҳамчу маҳбусе, ки дар талвосаи ҷонканданаш
Меканад девори маҳбасро ба дандон...

Гарчи мардум ҳарчи мегӯянд:
Чӯби сад доре ба хуни шоирон сурхида мегӯянд;
Шоиреро дар фалақ куштанд мегӯянд;
Шоиреро сӯхтанд,
Хокистарашро ҳам ба оби Даҷла афканданд;
Шоиреро дӯхтанд аз гуфтугӯ лаб...

Гарчи мардум ҳарчи мегӯянд,
Кӣ чу ман дар орзуи номи ҳофизвор нест;
Ки намехоҳад, ки якто не,
Камтарин бошад, валекин шоире бошад,
Шоҳкоре не агар, байте бимонад ёдбуд
Дар забони миллати худ...

Мон маро бадбахт бошам, лек бошам шоире,
Мон маро сарсахт бошам, лек бошам шоире.
Мон, ки ҳамчун Саъди Салмон
Бо гуноҳи шоирӣ дар чоҳу зиндонам кунанд,
Чун Ҳилолӣ шеър дар лаб сангборонам кунанд.
Балки ҳамчун Рӯдакӣ кӯрам кунанд,
Аз дару дарбор берунам кунанд.

Гар бимирам,
Ҳамчу Фирдавсӣ маро
Дар мазори халқ нагзоранду лек
Шеър дар ҳалқам бимирам,
Шоири халқам бимирам.

ТЕҒИ СИНО

Ҳама қонунҳо ҳукуматианд,
ғайри "Қонун"-и Буалӣ Сино.

Турку тозӣ ҳар кучо даъвои Сино мекунад
То ба боми шӯҳрати ӯ нардбон пайдо кунад,
Лек Сино нардбонашро ба бомаш бурдааст,
Турку тозӣ бар ҳадар ин турктозиҳо кунад.

Аз азал дорӯи тоҷик решаи хор асту лек
Бӯйи сино мекунад ин халқ аз даври қадим,
Метавонӣ аз забони пиру кампираш шунид:
Дасти ман не, дасти ман не, дасти луқмони ҳаким.

Бӯалиро дӯш ин миллат ба даҳр овардааст,
Чун набудаш ғайри дарди бедаво нақди дигар.
Интизори нӯшдорӯ буд Сӯҳробаш ҳанӯз
Дар сари дасти падар хуншор аз дасти падар.

Рум агар аз шохи Искандар фаромӯш кард зуд,
Дар Хуросон захми теғи шохдораш монда буд.
Гар Қутайба аз Хуросон бозпас баргашту рафт,
Дар Хуросон решҳои зулфиқораш монда буд.

Қиссаи мурғи самандар пеши ман афсона нест
Саргузашти мардуми печидафарёди ман аст,
Он, ки месӯзад, вале аз тудаи хокистараш
Мекунад парвоз чун паррандаи оташпараст.

Соате Маҳмуди саҳроӣ ба султонӣ расид,
Дасти Сино то ба набзи Нӯҳи Сомонӣ расид,
Зери дасташ, балки набзи нӯҳи Сомонӣ набуд,
Номураттаб набзи асри хештанро мешумурд.

Асри турку асри тозӣ буд асри Бӯалӣ,
Асри шуми турктозӣ буд асри Бӯалӣ.
Дар таги гарди саворон аз ватан овора гашт
Оқибат аз зиндагӣ дар гӯшаи зиндон гузашт...

Соате Чингиз девори Бухороро шикаст
Дар миёнаш тир, теғи тези хунрезаш ба даст,
Халқи тоҷик теғи дармонбахши Синоро гирифт,
Теғи дармонбахши Сино рӯи дунёро гирифт.

ДЕВОРИ БУХОРО

Аз он тангчашмони дуну данӣ
на обистанӣ монду не растанӣ.
(Ҳотифӣ)

Пуштгардон бар Бухорои хасис
Дар Бухорои шариф истодааст,
Ним-ним аз рӯзгорони қадим,
Ҳар дилеро мекунад ним...
Аз кулӯхҳояш ҳазорон муш,
Душмани дерина дар пушт.

Ҳар тараф анбӯҳи найзораш,
Чун қатори найзадораш;
Ҳар тараф сарназаи тез,
Теғи хунрез:
Душмани дерина дар пеш аст,
Дашна месояд ба дандон,
Чашмҳо чун чашми сӯзан.

Синаи чокест ҳар чокаш,
Ҳар тараф як захми носур.
Рахнаҳои сина мебинам дар ин девор,
Ҳамчу дар оина мебинам дар ин девор;
Канда аз ҳам муҳраи банди миён аст,
Муҳраи банди миёни давлати Сомониён аст.

Бору банди як ҳазору як саду ансолааст
бар дӯши ин девор,
Бору банди як ҳазору як саду ансолаи як
миллати хуншор,
Назди ин девори абгор
Мешави як нақши девор.

Турктозиаш харошидасту пошидаст,
Тешаи бодаш тарошидаст,
Аммо аз кулӯххояш ҳазорон мушт
Миллатеро монда дар пушт.

Мезанам ман бӯса бар мушти кулӯххояш,
Марҳами сад бӯса мебандам
Дар ҷароҳатҳои носури тараҳҳояш,
Бӯсабандӣ мекунам захму харошу раҳнаҳояшро.

Мегузорам ман сарамро бар сари зонӯи девори
Бухоро,
Чун бар сари зонӯи халқ.

5 Феврали 2002, Сеатл.

ДАРВОЗАИ БУХОРО

Як замон шаҳри Бухоро дошт девори баланд
Гуфтӣ, устунмуҳраи пушти Бухоро буд,
Балки устунмуҳраи миллат,
Сахт маҳкам,
Тахтапушташ даҳ қадам паҳн.
Ёздаҳ дарвоза дошт,
Кандакорӣ,
Қуббакорӣ,
Зарнигорӣ.

Шоҳашонро ҳазрати Исмоили Сомонӣ мегуфтанд,
Шоҳи одил буд, “Девори Бухоро” буд унвонаш,
Балки ӯ девори миллат буд,
Девори Хуросон буд:

Бар даромадгоҳи қасраш зангу занҷири адолат
буд овезон,
Ҳар кӣ меҷунбонд занҷири адолатро
Шоҳи одил мепазируфташ ҳамон соат...

Дар ҳавои барфи шабҳои зимистон
Рост меистод дар майдони регистон
То ба мардум дастрас бошад,
Меҳрубон бошад ба мардум дар шаби сармо:
Ғарибонро,
Ятимонро,
Мусофирҳои барзанро мадад созад.

Баъди ин Исмоили Сомонӣ мардум
То чиҳил сол
Ҳар шикоятномаи худро
Дар таги санги мазораш мениҳоданд
В-аз ҳамон ҷо,
Аз таги санги мазораш ҳар пагоҳӣ
Бо ҳамон муҳру чаки ӯ низ посух мегирифтанд...

Баъди ин Исмоили Сомонӣ девори Бухоро рехт,
Тахтапушташ то замин хам зад,
Ҳамчун тахтаи пушти ғуломон,
Дар Бухоро рахнаҳо афтод,
Рехтанд аз ҳар тараф чун сел
Селаи қарлиқи кӯчӣ.

Баъд аз он аз ёздаҳ дарвозаи шаҳри Бухоро
Рост як дарвозааш монд,
Рост як дарвозаю дар ҳар кучо мушти кулӯхе...

Инак, ин дарвозаро бояд зиёрат кард,
Бояд аз пешонии ҳар тахтааш бӯсид,
Як ҳазору як саду ансол дар шаҳри Бухоро пойбарҷост.
Аз ҳама дарвозаҳо сад бор
Бартар ин дарвозаи танҳои бедевор,
То бигӯем:
Боз ҳам шаҳри Бухоро шаҳри бедарвоза нест;
Гарчи аз он ёздаҳ дарвоза даҳ дарвозааш нест,
Боз ҳам шаҳри Бухоро шаҳри бедарвоза нест.

14 Январи 2002, Сеатл.

АҲМАДИ ДОНИШ

“Аз қабри ту фаромӯш
карда бошанд ва надонанд, ки
мақбараи ту куҷост.”
(Аҳмади Дониш)

Бас рӯзу шаб гузашту баҳору хазон гузашт,
Бас оби рӯ намонду басе оби чӯ намонд.
Аллома гашт паҳлӯ шабе дар мазори хеш
Аз дарди тахтапушт, ки паҳлӯ нагашта буд.

Паҳлӯ, ки гашт гӯшаи чашмаш кушода шуд,
Омад ба хотираш қаламу лавҳу ҷадвалаш.
Ҳарчанд дар қаламрави авҳом хуфта буд,
Лавҳу қалам зи хотири аълам нарафта буд.

Бархест аз замини Бухорош чун бухор,
Рафт аз барои лавҳу қалам сӯи хонааш...
Маҳ дар фазо чу косае дар байни об буд,
Паҳлӯ ба паҳлӯ шаҳри наву кӯҳна хоб буд.

Медид ҳайкале, ки набудаш қиёс ҳеҷ,
Медид ҳайкале, ки набудаш шинос ҳеҷ,
Чарминапӯш, кепии чарминааш баланд,
Бо ҳайате, набуд ба бухороӣ хос ҳеҷ.
Маҳтобро ҷабида фурӯ мекашид хишт
Аз тоқу дар хутути чалипоӣ рӯ ба рӯ,

Монанди устухони фурӯ монда дар гулӯ,
Аълам дар ин хутуту рақам чашми хат надошт.

Аз сояи иморати Мири Араб гузашт,
Гӯё расид то гузари Хоҷа Ҷаъфарӣ.
Лекин сукут карду ҳаво хӯрду боз гашт,
Он ҷо наёфт хонаи худрову шаб гузашт.

Пур буд саросар он маҳал аз хонаи сафед,
Аммо набуд қулбаи урфии хоси ӯ,
Он туту току он дару он даргаҳи куҳан,
Он ғуфраи ба Ҳайрату Айнӣ шиноси ӯ.

Баргашт бар қаламрави авҳом бе қалам
Аз пушти ҷӯву хандаку девор, хам ба хам.
Маҳ метанид дар қалами хорҳои хушк
Аз нурҳои намзадааш торҳои хушк.

Ин лаҳза буд лаҳзаи пиндору пинакаш,
Молид дидарову нигаҳ кард пешу пас.
Дар бора низ марқади хораш наменамуд,
Он гӯри бе катибаи зораш наменамуд.

Шабнам, ки мечакид дар ин гӯшаи хароб
Гуфтӣ ту, мегирист саҳаргоҳӣ моҳтоб...
Аз маҳдуми муҳандису аз аълами нуҷум
Монд оқибат бухории гумгӯру хонагум.

Январи 1990

АЙНӢ

Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,
Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.
Сарзамини мо худ аз осори ӯ сар мешавад,
Ин замин бо ӯ ба дунёе баробар мешавад.
То ба Айнӣ гарчи дарёи сухан шодоб буд,
То ба ӯ дар зиндагӣ пайроҳаи ноёб буд,
Мисли он рӯзе, ки онро метавон дар ёд дошт,
Дар лаби Вахшу Зарафшон мардуме беоб буд.

Ин ҳақиқат мекунад чашми маро ҳар бор тар,
Кас набуд дар Панҷрӯд аз Рӯдакӣ гумномтар.
Дар Бухоро бохабар буд мардум аз дунё агар,
Аз Алӣ буд бохабар, аз Бӯалӣ буд бехабар.

Гарчи табъи рӯдакӣ шеъри закӣ эҷод кард,
Офарин бар табъи Айнӣ Рӯдакӣ эҷод кард.
Гар ба дунё рафт Сино чун табиби иллате
Кард ӯро ҳиммати Айнӣ табиби миллате.

Тоҷиконро аз замин чун донаҳо дарёфт ӯ,
Чун китоби кӯҳна аз вайронаҳо дарёфт ӯ.
Тоҷикистон гар на, ҳар як тоҷике осори ӯст,
Хотири бедори мардум хотири бедори ӯст.

ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Ҳар куҷое рафтам аз оғӯши ту
Доманамро ман такидам раҳ ба раҳ дар ҳар қадам,
Пойи худро раҳ ба раҳ афшонда рафтам,
Аз заминат
(Сарзамини камзаминам),
Гарди хоке кам накардам.

Ҳар куҷое об дидам,
Қатрае хӯрдам агар,
Ман гирифтам қатрае дар чашм,
То ба дарёят фишонам,
Оби дарёят шавад як қатра бисёр.

По ба ҳар хоке ниҳодам,
Гарди хокеро гирифтам дар сари мижгон,
То ба саҳроят фишонам,
Хоки саҳроят шавад як зарра бисёр.

Ҳар куҷое санг дидам,
Даст бурдам бар сараш чун бар сари фарзанди хеш
Бо навозиш,
Гуфтам, инро аз бадахшон кандаанд,
Тифли ширхори маро аз банди пистон кандаанд...

Тоҷикистон, тоҷикистон,
Мекунам шукри каму бисёри ту,
Мекунам шукрона аз озарму аз озори ту.
Аз ту ман сарват намехоҳам,
Ватан ҳастӣ, бас аст,
Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст.

ЗАБОНИ МОДАРӢ

Ҳарчи ӯ аз моли дунё дошт дод,
Хиттаи Балху Бухоро дошт дод,
Суннати волою Девон дошт дод,
Тахти Сомон дошт дод.

Душмани донишгадояш “Дониш”-и Сино гирифт,
Душмани бе суннаташ девони Мавлоно гирифт,
Душмани суратпарасташ сурати Беҳзод бурд,
Душмани бе хонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт.

Қомати кӯтоҳи манғит
Аз манори каллаи аҳли Хуросон шуд баланд,
Пастии саҳрои Қипчоқ
Аз баландии Бадахшон шуд баланд.

Аз ватан то бар кафан ҳар буду нобудаш, ки буд
Бар ватанталбу кафанталбандаҳо бахшиду дод,
Аз ватан то бар кафан худро адо кард,
Аз ватан то бар кафан худро гадо кард.

Дар миёни тангчашмоне, ки чашми тангашонро
Ҳеҷ ганҷе пур намекард,
Ҳафт хони Рустамашро барҳадар густурд,
Ҳафт ганҷи қиммати Афросиёбашро
Барҳадар рехт,
Ҳафт мулкашро фидо кард.

Оқибат аз ҳафт иқлим
Зери пояш як қадам монд,
Як қадам аз мулки ҷам монд,
Лек дар дасташ қалам монд,
Бо қалам дар ҳар қадам монд.

Мағзи кӯҳистон даромад,
Балки гӯристон даромад
Тарки дунё карду тарки шоирӣ не,
Тарки ин пайғамбарӣ не;
Ғорҳоро мактаби шеъру ғазал кард,
Дар забони модарӣ сеҳру амал кард,
Ҷилди девони ғазалро
Ҷилди девони азал кард.

(То ҳанӯз аз тоқи ғоре,
Аз мағоке, аз мағоре,
Аз мазору гӯшаи вайронае
Метавон дарёфт тӯморе, баёзе,
Дафтаре аз шоири гумном).

Дар сарояш тоҷик аз бахти нагун
Гарчи бо габру мусулмон ҳамсаро буд,
Ҳамрасулу ҳамхудо буд,
Дар забон, аммо ҷудо буд;

Оҷ гум карду забонро гум накард,
Тоҷ гум карду забонро гум накард,
Тахт гум карду забонро гум накард,
Рахт гум карду забонро гум накард,
Бахт гум карду забонро гум накард.

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,
Сарҳади тоҷик-
Забони тоҷик аст,
То забон дорад ватандор аст ӯ,
То забондор аст бисёр аст ӯ,
Бешумор аст,
Беҳисоб аст,
Беҳад аст.

Тирамоҳи 1975

ВОЙ БАР МАН! ВОЙ БАР МАН! ВОЙ! ВОЙ!

Панҷаи дасти маро то ман бурид
Ҳар араб бо панҷаҳои Борбад,
Ҳамчу дасти Бобак[2] ин дасти маро
Кард то ман ҳар араб аз тан ҷудо.

Аз сари ман сангсороне гузашт,
Сангборон, тирбороне гузашт;
Турку тозии фаровоне гузашт,
Турктозии фаровоне гузашт.

Сарбадоре будаам ман то ба ман,
Зери доре будаам ман то ба ман;
Каллаи ман дар канори каллае
Будааст андар манори каллае,
Вой бар ман! Вой бар ман! Вой! Вой!

Осиёббоне саропо гарди орд
Дашна зад то ман маро бо Яздигурд,
Рехт ӯ хуни маро дар хони ман
Тар шуд аз хуни равонам нони ман,
Осиёббон бурд обашро ба хун

Кард гардон осиёбашро ба хун;
Вой бар ман! Вой бар ман! Вой! Вой!

Бо хати мехӣ агар ман то ба ман
Кӯҳҳоро мехкӯбӣ кардаам,
Румиву юнонӣ дар майдони ҷанг
Мехкӯбам карда бо тири хаданг.
Дар ман аз сарнайза то теғу камон
Нест олоте набошад захми он;
Вой бар ман! Вой бар ман! Вой! Вой!

---

[2] Халифаи аббосӣ Бобаки Хармадинро дар боргоҳаш кушт. Ибтидо дастур дод дасташро бибуранд. Бобак бо дасти дигар хун бар чеҳра мемолид ки пас аз марг ҳам ҷасурона рӯяш сурх бошад.

Моҳи рӯйи ориёнии маро
Хӯрд шоми рӯйи тозии сиёҳ,
Хуни поки ориёниам ба хок
Аз гулӯгоҳи Низомулмулк рехт,
Аз гулӯи мулк рехт,
Ҳайфи хуни ориёнӣ, хуни пок...

Охирин захми ман аз алмос буд
(Захмҳои дигарам мерос буд),
Аз ватанхоҳӣ ба ман зиндон расид,
Як тарафдоре на, зиндонбон расид,
Аҷнабию аҷнабитар дар ватан
Ман надидам ҷуз ватандорони ман;
Вой бар ман! Вой бар ман! Вой! Вой!

ҒАЗОИ ВОСЕ

Восе, ки буд беҳад восеъ,
Бо шонаву пешонаву пешомади беҳад васеъ,
Будаш ҷувозе ҳамчунин
Бо кундаи беҳад восеъ,
Будаш нишоне дар ҷабин аз ҷабҳои беҳад васеъ.

Равғанкаше монанди ӯ олуда дар равған набуд,
Олуда не, қарқида не, ғарқида дар равған набуд,
Аммо аз ин равғанкашӣ равған набуд дар лампааш,
Аз гиж-ғижи хобоваре хобида бахти абтараш.

Азбас, ки санги тоқаташ тоқатшикан гардида буд,
Тоқатшикан гардида буд гӯри ҷувозаш ҳамчу гӯр.
Охир, дар ин равғанкашӣ монанди равған даргирифт,
Чун бӯйи равған ҷуръаташ як пуштаро дарбар гирифт.

Чашмони аспаш баста буд,
Чашмони аспашро кушод;
Чашмони бахташ баста буд,
Чашмони бахташро кушод.

Аспи ҷувозашро гирифт, аспи ҷиҳодаш карду рафт,
Тири ҷувозашро гирифт, тири ҷиҳодаш карду рафт;
Аспи ҷувозаш дар амон,
Тири ҷувозаш беамон,
Зад наъра аз рӯзи ғазо.

Мулке, ки мулкак буд фақад хурду хӯроки кӯдакаш,
Савганд мекарданд ёд мардум ба риши тактакаш,
Дар пеши мардум ҳурмати риши дарози тактакаш
Камтар набуд аз ҳурмати риши дарози мардакаш
Зад бар машомаш аз “ғазо!”
Бӯйи ғизо.

Пираш баромад аз дара
Бо риши ҳмчун шаршара,
Қошуқтарош аз гӯшае
Бо тешае.
Чун дарзаҳояш найдарав банди миёнашро бибаст,
Хирманчӣ шохинро гирифт, полизбон сангу кулӯх,
Ҳатто ятими лучакаш
Афшурд мушти кучакаш,
Гуфтӣ баромад мурдааш чӯби сари гӯраш ба даст.

Бархост, яъне мардуми берахт бо шохи дарахт,
Бархост, яъне мардуми бетир бо тири ҷувоз,
Дасти тиҳидастону дост,
Ҳар беғизое дар ғазо,
То тахтро яксон кунад,
Яъне кунад бар хок тахт.

Восе дар ин ҷанги васеъ,
Дар кундаи тоҷик бибаст
Урдуи манғитро ҷувоз.
Уро ҷувози вопасин на аз заҒир,
На тухми кунҷид будааст,
Уро ҷувози вопасин аз тухми манғит будааст.

1990 Душанбе.

СТАЛИН ВА СТАЛИНОБОД

Сурaташ дар пештоқи ҳуҷраи устои суратгир,
Сурaташ дар растаи суратфурӯшон,
Сурaташро мардуми ронанда гардонад
Дар ҳазорон шишаи мошин;

Сурaташ дар дасти мардум дар қатори роҳпаймоӣ,
Сурaташ дар фавҷи мардум дар қатори корпартоӣ,
Сурaташ дар навбати нон,
Сурaташ ҳар рӯз дар майдони сурх аст,
Дар намоиш.
Сурaташ дар чорчӯби шишаи дилҳост,
Сурaташ дар осмон
Дар чамбари рангинкамон аст.

Сурaташро миллати шаш бахши дунё мешиносад,
Чун шахси дунё мешиносад:
Аз ду абрӯи камонии баландаш мешиносад,
Аз буруташ мешиносад,
Аз чубуқаш мешиносад,
Аз кителаш, аз шинелаш мешиносад...
Сири ӯ дар ин буруташ буд,
Сеҳри ӯ дар ин чубуқаш буд.

Ёд дорам,
Сталинободи мо шаҳри базеби сталинҳо буд:
Бачамардони базеби хушбуруташро
Бурути сталинворона мезебид,
Кители сталинворона мезебид,
Мӯзаи ғарчу кӯлоҳи “кепка” мезебид.

Аз падар ҳам, ростӣ, ғайр аз бурут дар хотирам нест,
Косаи дуғобаро вақте, ки менӯшид
Тоб медод сталинворона думболи буруташро...
Ёд бодо сталинободи сурхи кӯдакиам, ёд!
Шаҳри сурхи камбағалҳо.

Аз ҳавойи Сталинободи ман бӯйи халифи[3] пухта меомад,
Сталинободи ман хишти иморатҳои сурхашро намерухт,

Хишт-хишт
Хишти халиф мепухт,
Хишт-хишт
Хишти халифи пухтаи сурх...

Хоҳари ман кӯчарӯбаш буд,
Об мезад кӯчаҳои хокиашро шоми тобистон,
Лек рӯзи мотаму марги падарсолори миллатҳо
Хоҳари ман кӯчаҳои хокиашро
Об зад бо ашки сӯзон,
Хоҳари ман оби чашмашро
Як сатил дар кӯчаҳо пошид.

Ман ҳам аз як парваришгоҳи[4] ҳамон шаҳрам,
Дар ҳамон ҷо куртаи нав, шими нав пӯшида будам,
Дар ҳамон ҷо пойи ман попӯширо дид,
Дар ҳамон ҷо бори аввал нони серӣ хӯрда будам,
Дасту рӯямро ба собун шуста будам...

Сурати бечорчӯби сталин дар пешгоҳаш буд,
Сураташро ман, ки аввал дар ҳамон кӯйи
сағирон дида будам,
Аз ҳамон кӯйи сағирон
Сураташ оинапӯш
Дар лавҳаи чашми ман аст умре;
Мезанам мижгону гарди сураташро
Ман ба мижгон мекунам пок.

20 Январи 2002, Сеэтл

---

[3] Хлеб - нони фабрик
[4] Интернат

БА ХОТИРАИ БАРОДАРАМ ПРОФЕССОР ТЕМУР СОБИРОВ

То маро роҳи хаёлаш бибарад аз паси ӯ,
Дина шаб сӯи ба сӯ аз паи ёдаш будам.
Чашм пуробу чу оташзада аз пушти сароб,
Ҳама шаб кӯи ба кӯ аз паи ёдаш будам.

То расад бӯи вай аз бод, гирифтам раҳи бод,
Бод бе бӯи вай омад ба ман аз файзобод.
Гуфтам, эй бод, чӣ медонӣ ту аз додари ман,
Хок зад бар сари ман боду гузашт аз сари ман.

Боғ рафтам, ки ман аз дору дарахташ пурсам,
Боғи зарде, ки чу ман табзада буд бечора,
Боғ нашнида маро барги хазон афшонид,
Кард пероҳани зардӯзии худ садпора.

Нигарон сӯи ҳаво аз қафаси маҷнунбед,
Ҳайф хӯрдам, ки ғами хеш нахӯрдам барвақт.
Нигарон сӯи ҳаво аз қафаси маҷнунбед,
Ҳайф хӯрдам, ки барои чӣ намурдам барвақт,

То ки дар ёди бародар нашавам обу адо,
То намонад дилам аз зиндагиву аз дунё,
То набинам ба ҷаҳон доғи бародаро ҳеҷ,
То маро доғи бародар накушад бо тадриҷ...

Нигарон сӯи ҳаво бин, ки чи манзар дидам,
Абру аз абри гузар тӯдаи дафтар дидам,
Абру аз абри гузар болишу бистар дидам,
Маҳи бишкастае дар бистари додар дидам.

Менамуд боз яке манзараи даргузаре,
Ки манаш дидаму хоҳам, ки набинад дигаре,
Ашки ман ҳар қадар аз чашм ниҳонаш мекард,
Осмон пеши назар боз аёнаш мекард.

Тӯдаи абри равон буду дар он тӯдаи абр,
Товасангони сафеду сияҳи гӯристон.
Тӯдаи абри равон буду дар он тӯдаи абр,
Тали пурхору хаси деҳкадаи Суфиён.

Гуфтам эй абр, аз он олами абрӣ чӣ хабар,
Ҷигарам сӯхт, маро гум шуда фарзанди падар,
Ӯ, ки дар рӯи замин нест, магар он ҷо нест,
Паси талҳои булӯрии ҳаво ҷои кист?

Нашунидам чӣ гуфту чӣ нагуфт абри фалак
Он қадар лек харошид фалакро, ки малак
Ба фалак сахт хурушиду хурушид аз он,
Ки замин тар шуду тар шуд ҳама аз ашки равон.

Нигарон сӯи ҳаво будаму хобам бурдаст,
Шудам аз чак-чаки борони дарахтон бедор,
Задам оҳе, ки чаро то абадам хоб набурд?
Оҳ, безорам аз ин дидани дунё, безор.

АСП

Аз рӯй-рӯйи хотираҳои ҷавониам,
Балки аз он диёр, ки гум кардаам падар,
Аспе ҳанӯз медаваду медавад ҳанӯз,
Аспе, ки ҷӯз ба хоб намебинамаш дигар...

Пояш сафеду гардану пешониаш сафед,
Соқаш дарозу тахтаи пушташ дарозтар,
Зери шикам ба тахтаи пушташ кашида сахт,
Чашмаш мисоли лахчаи сӯзанда дар назар.

То рӯи сина шаршараю обшори ёл,
То пушти пой шаршараю обшори дум.
Чун зарбаҳои набзи раги дасту пойи ӯ,
Аз сангу хок мешунавам зарбаҳои сум.

Сар то қадам сарак-сараку резу печу тоб,
Дар подаи касофати маркаб намечарад.
Аспи фариштае, ки саисаш фариштаест,
Шаб то саҳар фаришта қашоғӯш мезанад.

Дар ҳарду пойи ӯ падари ман кишан назад
Дар банди пойи ӯ падарам ресмон набаст...
Дар кӯдакӣ шунидаму фарёд мезанад
Ин гӯши ман ба шиҳаи он аспи дурдаст.

Дар кӯдакӣ шунидаму аз ёди ман нарафт
Он шиҳаи азизи чиҳилсола бештар;
Як дам ба гӯш мерасад аз пуштаҳои дур,
Як дам ба гӯш мерасад аз кулбаи падар.

Ёдат ба хайр бому дари кӯдакии ман,
Кам нест аз ту дар ҷигарам нақши ҷоннавоз.
Марде, ки рафт аз бари мо дар ҷавониаш,
Хоҳам, ки пир ояду ояд дубора боз.

Умре ба ҳар ғубори шитобанда дар назар
Бо чашми чор менигарам ман, ки аз куҷост;
Маҳтоби нав ба тахтаи дарвозаи уфуқ
Кӯбида наъли ашқари гардуннаварди мост...

Аз рӯй-рӯйи хотираҳои ҷавониам,
Балки аз он диёр, ки гум кардаам падар,
Аспе ҳанӯз медаваду медавад ҳанӯз,
Аспе, ки ҷуз ба хоб намебинамаш дигар.

Тай шуд ҳазорҳо раҳу ҷуз дар раҳи хаёл
Бори дигар надидамат эй аспи бодпо,
Ту то куҷо давиди. Ку он саворaат,
Ӯро ту дар ҷавониаш афкандӣ дар куҷо?

ТИРАМОҲ

Рӯзҳои барфу боронӣ расида:
Ҷомаи зарди дарахтонро дарида,
Сабзаву гулро чарида,
Меваҳои пухтааш чида,
Меваи нопухтааш дар шоха ларзида,
Ранги хуршедаш парида,
Мурғи шеърам парбурида.

Хонаҳои холӣ пур аз бод,
Синаҳои холӣ пур аз ёд,
Меравад мушти паре барбод,
Коғазеву дафтаре барбод.

Селаи барги хазон дар тури борон мезанад пар,
Шишаҳои хонаам тар.
Мерасад ин лаҳза чашми модари пирам ба хотир;
Ҳар қадар обе, ки ӯ аз зиндагонӣ хӯрда буд,
Зиндагӣ баргашта онро рехт аз чашмонаш охир...

Мушти ёдам мезанад бар сар,
Мушти бодам мезанад бар дар...

БО ЧАМИДАН, БО ШАМИДАН, БО ЧАШИДАН...

Боди Файзобод чун дар пушта гардон мешавад
Косаҳои чашмҳоям чаппагардон мешавад,
Байни кӯрак монда меборад агар кӯҳи мазор
Хонаҳои чашмҳоям мечакад беихтиёр.

Гӯиё ин лаҳзаҳо дар гардани Файзоваам
Дар таги лабгӯшаи як боми беандоваам,
Ёд дорам, ин иморат хонақоҳи кӯҳна буд,
Дина ман даҳсолаю ин хона чумчуқхона буд.

Ин замон дар говгуми ёди ман бори дигар
Кӯрхатхонии кампири Назокатро нигар,
Гов гум кардасту аз говаш хавотир то пагоҳ
Мекунад бо кӯрхат аз чашми гургонаш паноҳ...

Ман ба ҳар як тори гесӯи сафеди модарам
Бо хасу хори ватан печидаам сар то қадам
Ширдӯшиҳои модар берун аз гӯшам нашуд,
Хум-хуми хобовараш умре фаромӯшам нашуд.

Ман ватанро аз хасе, гуфтӣ ту, пайхас кардаам,
Рӯзу шаб бо панҷ ҳиси зотиам ҳис кардаам:
Бо забону чашму гӯшу бо димоғу дасту по,
Бо чамидан, бо шамидан, бо чашидан, бо самоъ.

Дар шикофи мӯр по мондам агар мӯрам газид,
Гӯштам талх аст гуфтам, лек замбӯрам газид.
Аз заминҳо ман каҳу дон мекашидам пеш аз ин,
Хори дастамро ба дандон мекашидам пеш аз ин...

Боди Файзобод чун дар пушта гардон мешавад,
Косаҳои чашмҳоям чаппагардон мешавад.
Байни кӯрак монда меборад агар кӯҳи Мазор
Хонаҳои чашмҳоям мечакад беихтиёр.

Ҳар дарахти латтабандиаш, ки дар роҳи ман аст,
Он дарахти латтабандӣ нест, ҳамроҳи ман аст.
Ғайр аз он як мушти калтути сари хоки падар
Андар ин дунё наметарсам ман аз мушти дигар.

ЁДКАРДИ ҶУМЪА ОДИНА

Ӯ монда хоксории худро ба хокҳо,
Бар шуд ба бодҳо...

Аз чангу гарди мо, ки ба мӯяш нишаста буд,
Бар дасту пову гӯшу гулӯяш нишаста буд,
Афшонд дасту пову таконид гӯшу ҳуш.
Аз мо на гард бурд,
Не хотироти хуш.

Аз ӯ ту бад магӯ, ки замин мебарад хабар,
Бадро ҳамеша мешунавад мурда пештар.
Аз ӯ ту бад магӯ, ки дар ин раҳгузорҳо
Ӯ монда хоксории худро ба хокҳо,
Боде ба ҷои дод яке мевазад аз ӯ,
Ин хоки хоксорӣ туро кӯр кунад.

Аз он қаламкашон, ки бишуд умрашон ахир
Бо сактаҳои дил,
Оё ҳамон набуд, ки бе сакта менавишт,
Оё аз он намурд, ки бе сакта менавишт.

Афшурда дил ба панҷаю дар панҷааш қалам,
Афтод чун шаҳоб,
Афтод чун шаҳоб, ки афтода бо шитоб
Хат мекашад ба шаршараи оташини ноб
(Хуни ситораҳо),
Дар коғази ҳаво...

Ӯро гирифт пуштаи саросиё ба пушт
Аз баъди сактааш,
Аз пушти хеш Рустами хокаш наменихад
То рӯзи бозхост чу фарзанди куштааш.

БА УСТОДИ БУЗУРГВОРЕ

Ҳастии бузургон чист?
Чизе, ки нагардад нест.
Ҷоне ҳама дар меҳнат,
Ҷисме ҳама дар сабқат.

Ҳамчун маҳи шабхӯрда,
Кам гаштану хам гаштан,
Ҳамчун маҳи нав аз нав,
Зам гаштану зам гаштан.

Садпора шудан сад бор,
Чун об ба сад кӯйе,
Баргашану пайвастан,
Чун об ба як ҷӯе.

Беҷо шудан аз ҷое,
Аммо на ба вайронӣ,
Девори Бухоро буд,
Исмоили Сомонӣ.

Шиштан масали хуршед,
Ҷастан масали хуршед,
Хуршед ҳамешинад,
Хуршед намешинад.

Як зарра ҷудо гаштан,
Дар ҳар қадаме аз хеш,
Як зарра адо гаштан,
Бо ҳар аламе аз хеш.

Шамшоди қади худро
Дар пирӣ асо кардан,
Шамшоди қадат дар даст
Пирии расо кардан.

ФАСЛИ ОБШУСТАИ ЗАРД

Чашми чанор нонамоён буд,
Баргаш, ки рехт чашм аён шуд,
Чашме, ки як шикофии холист
Яъне, ки кӯриаш намоён шуд.

Туте, ки рахти васеъ мепӯшид,
Рахташ дариду бишуд ворид
Ҳам қубаи шукуфаи зонӯяш,
Ҳам озахи ширеши бозӯяш,
Ҳам ҷоғари баланди гулӯяш.

Ҳар пояи дарахт, ки урён аст,
Чӯбӣ, чу пойи инвалидон аст;
Дар чорчӯбаҳои сафедорон
Тасвири зарди боғи хазон аст...

Мӯйи сари чаридаи ман ҳам,
Ҷону тани даридаи ман ҳам,
Ранги паридаи ман ҳам,
Чун он дарахти тут,
Монанди он дарахти чанор аст,
Чун ин дарахти сафедор аст.

Ҳамчун дарахти тирамоҳии берахт
Каҷу хамам намудор аст,
Захму харошу ғурии андомам,
Чинҳои зери чашму ҷабинам;

Лабҳои хушку чеҳраи хушкида,
Гардани пажмурда.
Яъне пурам ман аз пучӣ,
Яъне пурам ман аз лучӣ.

Дар чорсӯи умр нишаста,
Аз чор сӯ гузашта,
Беихтиёр менигарам хира
Чун аз баландии доре,
Чун аз сари сафедоре
Бар дурдасти хеш:
Аз он, ки дар ман аст
Ин сад харошу реш,
Аз он, ки дар ман аст
Бисёр нӯшу неш...

Тасвири зарди кӯҳнаи худро
Дар чорчӯбаи андомам
Бо қиссаҳои кӯҳнаи зарде,
Бо гӯссаҳои кӯҳнаи зарде,
Бо бӯсаҳои кӯҳнаи зарде
Чун сурате, ба пеши назар дорам,
Аз умр ман ҳаминқадар дорам...

Бо қиссаҳои кӯҳнаи зардам,
Бо ғуссаҳои кӯҳнаи зардам,
Бо бӯсаҳои кӯҳнаи зардам,
Ман фасли обшустаи зардам,
Ман фасли обшустаи сардам.

ЮСУФ

Ҳамон корвоне, ки суф мефурӯхт,
Фаромад ба бозору Юсуф фурӯхт.
Азизи Зулайхо, ки суф мехарид,
Даромад ба бозору Юсуф харид.

Ба зан гуфт асло ғуломаш махон
Чу фарзанд хонаш ту дар хонадон,
Ки дар чеҳрааш нури пайғамбарист,
Чунин чеҳра бе фоли фархунда нест.

Вале зан илоҷи таҳаммул надошт,
Ба Юсуф бинои муҳаббат гузошт,
Ки ҳусни гулӯсӯзи ӯ дар назар
Гулӯсӯзтар мешуд аз пештар.

Яке рӯзи монанди оби халиҷ,
Ки оромиаш бебало нест ҳеҷ,
Зан аз шавқи ишқи ҷавон буд маст,
Ҷавонро дарун хонду дарро бибаст.

Ҳарису ҳаросону саршори нафс
Чу дар тангное ба ӯ гашт ҷафс.
Валекин аз он кулба Юсуф шитофт,
Зулайхо чу гурге ба Юсуф шитофт.

Ҷавон ҷасту аз дарби долон гирифт,
Вале дасти зан аз гиребон гирифт.
Зулайхо чавонро ба бистар кашид,
Ҷавон сар надод, аз лаби дар кашид.

Ҷавон аз зулайхо, ки сар мекашид,
Зулайхо ҷавонро батар мекашид.
Зулайхо, ки сӯи дарун мекашид,
Ҷавонро ту гӯи, дарун мекашид.
Зулайхо, ки мӯи ба мӯ мекашид,
Ҷавонро ба кому гулӯ мекашид.

Кашидан ду танро ба ҷое кашид,
Ки гӯё намешуд ҳавое кашид.
Чунон шуд, ки танпӯши юсуф дарид,
Гиребонаш аз дӯши юсуф дарид;
Баромад ҷавон аз гиребони суф,
Ба монанди моҳи шабе аз хусуф...

Аз ин пас Зулайхо, ки ноком буд,
Зулайхо набуд, гурги бадном буд,
Ки он Юсуфи хӯрдааш зинда монд,
Даҳонаш вале Юсуфолӯда монд.
Пароканда шуд моҷарояш, ҳамон
Ба гуфтан нишастанд мисризанон,
Ки ҳамбистари бевафои Азиз
Тамаъ карда аз бардааш хобухез.

Зулайхо, ки ин таънашонро шунид,
Аз ин таънашон бӯи ғафлат шамид.
Фиристоду талбидашон назди хеш,
Ба одоби меҳмоннавозии беш,
Хушомадзанон лӯлаболиш ниҳод,
Навозишкунон хону хуриш ниҳод.

Дар аснои авҷу қиёми нишаст,
Ғурури занонро зулайхо шикаст.
Ба ҳар як турунҷеву тезина дод,
Бари озмун дод, бе кина дод.

Сипас, ҷониби ғурфа иммо намуд,
Ҷавонро ба маҷлис тақозо намуд.
Даромад яке Юсуф ороста,
Ба зевар саропош пероста.

Чи хотун, чи отун ҳар он зан, ки буд
Ҳама ногаҳон моту мабҳӯт шуд,
Ба ҷои турунҷ аз шигифти шадид
Нафаҳмида ангушти худро бурид.

Ба назди Зулайхо хиҷолат шуданд,
Пушаймони сахт аз маломат шуданд,
Бирафтанд аҳсантгӯён бурун,
Аз он Юсуфобод бо дасти хун.

1997 Ҷексонвил.

МАДДУ ҶАЗР

Вақте, ки дарё мешавад сероб,
Вақте, ки дарё мешавад лабрез,
Кафк бар лаб мешавд девона дарё,
Медамад об,
Ҳамчу шири пухтае аз дег,
Аз лаби об об мерезад,
Он чӣ дар ӯ ҳасту бо ӯ нест,
Мешавад нест.

Вақте, ки дарё мекунад тӯфон,
Мекунад исён
Мекунад чун кӯҳҳо кӯҳон,
Мешавад гирдоб,
Мехӯрад тоб,
Бо ҳазорон панҷаи мавҷаш,
Куштаҳояшро аз оғӯш,
Аз сари дӯш,
Мекашад берун:

Ғулачӯбе,
Хирмане аз сабзаи обӣ,
Ҳайкали пайғамбари дерин,
Каҳрабое, гӯшмоҳӣ,
Заврақи вайрони раҳзанҳои дарёӣ...
Аз ин қадар нопок
Дарё мешавад пок...

Синаи мо ҳам чу дарёст,
Мадду ҷазри хешро дорад,
Мехӯрӯшад, мезанад ҷӯш,
Партоба меандозад аз хеш;
Ҳарчи дар ӯ ҳасту бо ӯ нест,
Ҳарчи дар ӯ ҳасту аз ӯ нест,
Мешавад нест.

Бо ҳамин қонуну қувват
Мешавад полида дарё;
Бо ҳамин қонуну қувват
Мешавад полида дилҳо
Аз палидиҳо.

АШКАМ МАРО ГУЛӮЛА МЕЗАНАД

Гулмоҳие, ки аз таги обаш кашидаам
Дар оби чашми ман,
Ҳамчун даруни шишаи обе шиновар аст,
Балки...
Дар чашми ман нишона аз он гулмоҳӣ
Афтода гул,
Чу пӯлаки моҳӣ.

Он мӯрҳо, ки зери қадамҳоям
Помол кардаам,
Дар банди пойи ман
Аз фавҷ-фавҷи мӯр
Баста як чилбур,
Ки мегазад чун мӯр.

Як гурги пӯстак,
Як гурги мехкӯб ба девори хонаам
Дар гургу меши субҳи зимистон
Аз хобҳои барфии ман нӯла мезанад,
Ашкам маро гулӯла мезанад.

Дар дашти Кабкрез ба ғайр аз хироҷи[5] кабк
Аз кабки хушхиром
Ному нишона нест.
Вақте, ки Кабкрез маро мерасад ба ҳӯш
Нохост ҳарду гӯш
Фарёд мезанад, ки аё кабки рав гурез
Аз дашти Кабкрез!

---

[5] Хироҷи кабк, гиёҳи хӯрдании кӯдакиҳои мо.

Мурғе, ки ман гирифтамаш бо ҳалқа
Аз ҳалқаш,
Истодааст луқмаи овози ӯ ҳанӯз
Дар ҳалқам.

Кӯчида чашми ман,
Пӯчида чашми ман,
Чун лонае, ки чӯҷаи онро кашидаам
Ҳамчун нигини чашм...

ПУШТАҲО

Пуштаҳо - роҳҳои хокии ман,
Пуштаҳо ҷои хокбозии ман.
Пуштаҳо - гӯри модару падарам,
Хоку хокистари намозии ман.

Мебарад мӯр, мебарад мӯраш
Резаҳои дили маро ҳар сӯй,
Мебарад, мебарад парастуяш
Аз лаби ҷӯ гили маро ҳар сӯй.

Гӯйё буд момадояи ман
Момаборонаки баҳоронаш.
Гуфтӣ, гаҳвораам биҷунбондаст
Малахи гоҳворачунбонаш.

Чун қатори дулонаҳояш ман
Ҳамқаторе наметавонам дошт,
Ҳамчу дарёканори Ҳелокаш
Ҳамканоре наметавонам дошт.

Ману маҳтобу рӯи девораш
Сояи току туту сояи бед,
Филми шабҳои кӯдакиам буд
Филми маҳтобии сиёҳу сафед.

Чун чанори шикастапушташ нест
Пири садсола дар паси пуштам,
Нест муште чу мушти калтуташ,
Вой бар ман агар занад муштам.

Дар паси пушта Суфиёни ман аст,
Каҳгили кулбаҳош тиллоист.
Дар паси кулбаҳо чу мактаби ман
Чордевории сафедак нест.

Дӯст дорам, ки бӯяму бӯям
Бӯи дуди алови нонашро,
Дӯст дорам, ки бӯсаму бӯсам
Аз сари пушта осмонашро.

То наборад дигар биҷӯшондам,
Рӯзи боронӣ оби боронаш,[6]
Оби чашми маро биҷӯшонед,
То шавад хушк ашки резонаш.

[6] Мавриди боронҳои ҳафтшабу ҳафтрӯза оби боронро ҷӯшонида хушк мекардем, ки оби деги осмон ҳам хушк шавад.

НАВБАҲОР УСТОИ МАРҲАМБАНД

Осмон соф,
Чашмҳои осмонӣ соф.
Обҳо дар чашма мечӯшанд,
Чашмҳои обӣ мечӯшанд,
Мезананд аз ханда дандонҳо чароғак.
Шишаҳои хонаҳо шуста,
Шишаҳои синаҳо шуста,
Шуста ҳамчун шишаи офоқи боронӣ,
Атласи рангикамон ёдоваре аз ёри атласпӯш.

Ман ба сӯи акси даврони ҷавониам назар афканда
мегӯям:
Акси дерин, дидаат равшан, баҳор омад!
Акси ман аз қиблаи девор механдад,
Акси ман дар чорчӯби худ намеғунҷад.

Рост аз рӯи замин сабзида як қомат
Устухонҳои чанорон,
Устухонҳои сафедорон,
Гӯйё барҷаста як қомат
Устухонҳои азизон,
Устухонҳои шаҳидон.

Устухонҳо ғунча хоҳанд дод,
Устухонҳо барг хоҳанд дод,
Устухонҳо панҷа хоҳанд дод.

Навбаҳор устои марҳамбанд,
Бастааст аз махмалак, аз ушна марҳам
Бар тароши тешаву захми табарҳо,
Пои мачрӯҳи дарахтонро
Баста бо печак,
Ҳамчу як доругари ҳозик,
Ҳамчу як доругари бобоии тоҷик.

Ҷонамози сояашро бар замин густурда маҷнунбед,
Дар суҷуд истода сархам.
Ин дарахт умре намозашро
Дар ҳамин як ҷонамози сояи худ мегузорад.
Ман ҳам аз авлоди ин бедам,
Сояи касро накардам ҷонамоз умре,
Доиман бар сояи худ саҷда кардам,
Доиман бар сояи худ саҷда хоҳам кард.

Дар миёни сабзаву хори сари девори қишлоқ,
Лола чун тоҷи хурӯсони сари девори қишлоқ,
Гуфтӣ, алъон мезанад пар,
Бол мекубад ҳамин алъон,
Аз сари девор мехонад хурӯси лолаи сурхи
қалангӣ,
Пои хобат мешавад бедор,
Хуни хобат мешавад бедор,
Ҳар рагу пайвнди хобат мешавад бедор,
Бахти хобат мешавад бедор.

Баҳори 1997 Ҷексонвил.

КУЛБАИ МОДАР

Дар навдаи тути модар овезон
Чун халтаи чака халтаи маҳтоб,
Дар кундаи тути модар овезон
Чун халтаи моҳ халтаи ҷурғот.

Шаб аз лаби боми кулбаи модар,
Ҳамчун зари об мечакад маҳтоб,
Аз халтаи моҳу халтаи чурғот
Ҳамчун зари ноб мечакад зардоб...

Ман дар тани кӯдакӣ фурӯ рафта,
Худро таги тути пухта мебинам,
Дар ҷолаи туту тутборонаш
Як мушт ятими хуфта мебинам.

Як мушт ятими хуфтаро модар
Дар тахтаи дил гирифта мехобад,
Дар пахтаи дил гирифта мехобад.
Сар монда ба тахтаи дили модар,
Сар монда ба пахтаи дили модар,
Бо чак-чаки чака мебарад хобам,
Чун равғани маска мебарад хобам.

Дар ҷогаҳи мо, ки тут мерезад
Чун ҷола, ки моҳи ҳут мерезад,
Хамёза, ки мекашӣ, ба нохост
Шаб дар даҳони ту тут меафтад.

Вақте, ки сапеда деги гардунро
Чун модари ман ба рег мешӯяд,
Вақте, ки сапеда гови гардунро
Чун модари ман пагоҳӣ медӯшад,
Бо шир-шири шир мешавам бедор,
Бо шир-шири ширдӯшии модар...

Дар хоби шабам ҳанӯз бехотир
Ман дар тани кӯдакӣ фурӯ рафта
Худро таги тути пухта мебинам,
Дар ҷолаи туту тутборонаш
Як мушт ятими хуфта мебинам,
Додар ба бағал гирифта додарро,
Хоҳар ба бағал гирифта хоҳарро.

Вақте, ки аз ин миёна бархезам,
На мушти ятими хуфта мебинам,
На дасти бағалгирифта мебинам,
На навдаи тути пухта мебинам
На! На! На ба мушт донаи туте,
Танҳо ману мушти сахти калтуте.

Ман аз тани кӯдакии ман ҳар бор
Чун мурғи пагоҳӣ мешавам бедор,
Чун мурғи пагоҳӣ сина мекӯбам,
Чун мурғи пагоҳӣ мезанам фарёд,
Чун мурғи пагоҳӣ мекунам ку-ку:

Ку хоҳаракони хонарӯбам, ку?!
(Сад соли дароз хона норуфта),
Ку додаракони хонабонам, ку?!
(Сад соли дароз хона бесоҳиб),
Ку модараки сағерабонам ку?!
(Сад соли дароз дег ношуста,
Дегу табақаш ба рег ношуста).

На чак-чаки халтаҳои хобовар,
На шир-шири ширдӯшии модар,
Девори гилеву сояравшанҳо,
Девори дилеву сояравшанҳо,
Дар шохи чанор халтаи маҳтоб,
Аз халтаи сина мечакад зардоб.

10 Ноябри 1998 Сиэтл.

ШАБЕҲА[7]

Ҳанӯз хоби саҳар нопарида аз дида
Канори оинаи беғубор биншастам,
Ту гуйӣ, ин саҳар оина буд чашмаи об,
Дар оби чашмаи оина рӯй мешустам.

Дар оби оинаи пок ман чӣ медидам?
Хушида панҷаи дасте чу барги зарди хазон,
Касе ба рӯи ман аз маҳбасе нигаҳ мекард,
Ки чорчӯбаи оина буд даричаи он.

Шикасти қабзаи чини миёни абрӯяш
Хароши панҷаи қисмат намуд дар назарам,
Чунон, ки дида будам ин хароши қисматро
Замоне дар кафи пои кафидаи падарам...

Дурушту дарҳаму барҳам танида дар рӯяш
Ҳазор риштаи шӯрида ғундаи пирӣ.
Ба ҷои чашми сиёҳаш нишаста буд хамӯш
Даруни лонаи чашмаш парандаи пирӣ.

Ту гӯӣ, аз сари ӯ бӯйи барф меомад
Чу песабарфи сари пуштаҳо шақиқаи ӯ.
Ба пушти ҷӯи лаби ӯ набуд мӯи лабаш
Бағайри мушти хасу хори хушк дар лаби ҷӯ.

Ба сӯи оина хам гаштаму ба ӯ гуфтам:
Аз ин даричаи обӣ сароб мебинӣ,
Баҳори рӯи ту ку?
Лолазори рӯи ту ку?
Баҳори рӯи худатро надидӣ худ серӣ.

---

[7] Автопортрет.

Дамид гирди даҳонаш яке ба маззаи заҳр
Гиёҳи печаки зарди табассуми афсӯс,
Миёни хандааш аз дида об сар дода
Дар оби чашмаи оина ғарқ шуд маҳбус.

Manuchar Sosir

ХОНАИ МӮР

Рӯйи ба рӯ диламро
Пур кардам аз табу тоб,
Чун ҷомадони кампир
Аз ҷандаи кафанбоб.

Беҳуда ман давидам
Дар оби чӯ задам банд,
Гулмоҳиро дигарҳо
Аз оби рӯ гирифтанд.

Фанне, ки зиндагонист
Сад фан бувад дар ин фан,
Яъне, ки хол-хол аст
Монанди сояравшан.

Бо мех агар кушоданд
Он қулфи манзиламро,
Ҳаргиз намекушоянд
Қулфи дари диламро.

Ман тугмаи садоям
Дар пушти ин дари танг,
Ҳар қадр мефишоранд,
Он қадр мезанам занг.

Аз соддагии ман нест
Шеъре, ки сода гуфтам,
Охир, худам худамро
Ман ёд дода гуфтам.

Ҳар сатри дафтари ман
Чун мӯр меравад роҳ,
Гаҳ дона мекашонад,
Гаҳ тӯда мекунад коҳ.

Ҳар кӯр метавонад
Номи маро кунад кӯр,
Дар рӯи раҳ фитодаст
Имрӯз хонаи мӯр...

Рӯйи ба рӯ диламро
Пур кардам аз табу тоб,
Чун ҷомадони кампир
Аз ҷандаи кафанбоб.

Бо панҷаи фушурда
Ман омадам ба дунё,
Бо панҷаи фушурда
Ман меравам намурда.

ЁДАТ БА ХАЙР, МУАЗЗАМА

Рафти ҷавону сӯхт борои ту сад ҷавон,
Ошиқ ҷудову ҳамқадаму ҳамқалам ҷудо.
“Аспи сафед”-и ишқи ту, эй духтари адаб,
Дар синаҳои аҳли қалам мекунад чаро.

Ҳамчун сутун тарошидаи рукни ҷумларо
Бо тешаи хаёл чу устои Исфара,
Рангобаранг буд матоъи баёни ту
Монанди он матоъи заминҳои Исфара.

Чидӣ ту аз замини сухан санги сактаро,
Чунон, ки сангҳои заминро дар остин
Мечинад исфарагиву аз ҳалқи кӯҳ яке
Қирғиз хамида мебарад аз дасти ӯ замин...

Рӯзе, ки бебаҳонаву бо сад баҳонае
Дасти аҷал даричаи қалби туро бибаст,
Гуфтам ба худ, ки риштаи нуре бурида шуд,
Сандуқчаи тилоии ҳарфу ҳиҷо шикаст.

БАРОИ ДӮСТИ ДЕРИНААМ, УСТОДИ АДАБИЁТ РАҲИМИ МУСУЛМОНИЁН

Агар аз ришта оши ришта кардам,
Раҳимо, гуфтаму ноништа кардам,
Ки аз номи ту шайтон мегурезад,
Сиёҳӣ аз дилу ҷон мегурезад;
Ки номат марги шайтони рачим аст,
Чу бисмиллои раҳмону раҳим аст.

ГУРГ ВА БАРФ

Танаш чу барфи навборидаи сӯбҳи зимистон буд,
Паи дандони ман ҳар ҷо
Саҳаргоҳон чу нақши пои гургон буд,
Паи ошӯби гургони биёбон буд.

Ғизоли печутоби қоматаш, оҳуи рафтораш
Ту гӯйи, гурги мастам карда буд охир,
Чу гургони зимистон гушнамастам карда буд охир.

Ба мастиҳои гургон дар шаби мӯяш алӯ карда,
Ду чашми мешиашро
То ба гургумеши субҳидам қабӯ карда,
Чу гурги чила бозӣ кардаме бо борфи андомаш,
Чу гургон барфбозӣ кардаме бо барфи андомаш.

Вале дар хорбанди тези мижгонаш шикорам кард,
Ба мижгон захмдорам кард,
Ба мижгон хуншорам кард,
Маро бигрифт,
Ба занҷири нигоҳаш баст...

Дигар ман мекашам як умр занҷири нигоҳашро
Ба монанди қалам дар хат,
Ки умре мекашад занҷири пояшро.

ТУ НИМИ МАНӢ

Ту нимӣ, ними манӣ, ними ҷисму ҷони манӣ,
Ва зарра-зарра ту пайванди ҷовидони манӣ.
Бар ҳар куҷо, ки равӣ дар ман аст решаи ту,
Ту эй гул, аз қалами сабзи устухони манӣ.

Ба ҳар куҷо, ки равам, нимаи танам бе ту,
Ба ҳар куҷо, ки равам, ними одамам бе ту,
Ба ҳар куҷо, ки бубинам туро зиёд шавам,
Ба ҳар куҷо, ки набинам туро, камам бе ту.

Ба дасти ман бирасад дасти кас, ту меларзӣ,
Расад ба дасти ту дасте, ба ларза меоям,
Ту ошёни ману ман, ки ошёни туам,
Ту ҷои ҷони ману ман, ки ҷои ҷони туам.

Тамоми неъмати дунё чи ғам, ки моли кас аст,
Тамоми неъмати дунё ба ҳукми хору хас аст,
Туро насиб кунад ишқи ман, ҳамин кофист,
Маро насиб кунад ними бистари ту, бас аст.

ҲАМХУНИ ЛОЛАҲО

Лола меҷӯшад,
Хуни саҳро мехурӯшад,
Метапад набзи ҳаво акнун
Ҳамчу набзи ошиқи шӯрида номавзун.
Рӯз меёзад, ки меёзад,
Мекашам хамёза ман ҳам
Даст меёзам
Мерасад дастам ба нохост
Гуфтӣ, бар пешонии офоқ
Пешониаш гарм аст,
Арақ кардаст, таб дорад.

Вақт, вақти лолазорон,
Вақти лоларӯён.
Соғари гулҳо пур аз гулханд,
Соғари лабҳо пур аз лабханд
Бод менӯшад паёпай, ҳарчи бодо бод!
Ман паёпай бод менӯшам.

Бод менӯшад, намечинад.
Ҳар кӣ мечинад,
Зери пояш лола мерезад-
Ба ранги қатраи хун;
Ҳар кӣ мечинад,
Панҷаҳояш мешавад аз лола хунолӯд!

Мо намечинем, менӯшем, менӯшем
Ҷоми гулҳоро паёпай,
Ҷоми лабҳоро паёпай...

Лола аз гулбарг то бун,
Лоларӯён то ба нохун
Ҳамрагу ҳамрангу ҳамхунанд,
Ҳамрагу ҳамрангу ҳамхун.

ФАСЛИ ЗАНОНА

Як лаҳза тарки раҳ кун,
Ин чашмаро нигаҳ кун,
Ин чашма мезанад чашм,
Чашми занона дорад;
Аз ташнагии чашме
Як чашмаро бинӯшӣ,
Узру баҳона дорад.

Ин лолазори гулчӯш
Сурхида то баногӯш,
Инро макун фаромӯш,
Хунаш, ки мезанад чӯш,
Шарми занона дорад.

Беде, ки остинро
Рақсида метаконад,
Дар остини сабзаш
Дасти занона дорад;
Дар панҷаам гирифтам
Дасти занонаашро,
Набзи занона дорад.

Борон, ки чун гулобаш
Ҷорист оби нобаш,
Дар шишаи ҳубобаш
Атри занона дорад.

Рангинкамон ба ранги
Ин арғувон шукуфта,
Ин арғувон ба ранги
Рангинкамон шукуфта,
Аз махмалу бирешим
Рахти занона дорад.

Бунафшаро ба зону
Афтида мекашам бӯ,
Бунафшаи лаби ҷӯ
Буйи занона дорад.

Дар пушти бому девор
Чашмаш ба ҳар тараф чор
Меларзад ин сафедор,
Дарақ-дарақ саропо
Варақ-варақ саропо,
Меларзад устохонӣ,
Рашки занона дорад.

Шохи гуле, ки хораш
Нохун наметарошад,
Нохост мехарошад,
Хашми занона дорад.

Ин боғи ношумурда
Сад тири жола хурда,
Аз ғунчаи фусурда
Доғи занона дорад;
Чун ёри бедимоғе
Доғе нишона дорад.

Як дам ҳавои борон,
Як дам чароғи тобон,
Обу ҳавои найсон
Феъли занона дорад.

БӮСАҲОИ ЗАРНИГОРӢ

Моҳтобу рӯи маҳтобӣ,
Моҳтобу мӯйи маҳтобӣ.
Моҳтобу ишқи маҳтобӣ, зарандуд,
Моҳтобу шеъри маҳтобӣ, зарандуд,
Моҳтобу шаҳри маҳтобӣ, зарандуд.

Моҳтобу як лаби ноб,
Чашми бехоб,
Лаб-лаби об;
“Як ҳазору як шаб”-и маҳтобӣ шабҳои ҷавонӣ,
“Як ҳазору як шаб”-и бехобӣ шабҳои ҷавонӣ.

Ку лабе аз лаб шавад сер,
Ку даҳоне аз даҳоне,
Ку забоне аз забоне,
Ку ду дасте аз миёне,
Ку каноре аз каноре.

Моҳтобу қиссаҳои моҳтобӣ, зарнигорӣ,
Моҳтобу бӯсаҳои моҳтобӣ, зарнигорӣ,
Орзуҳо моҳтобӣ, зарнигорӣ,
Рӯйи дунё моҳтобӣ, зарнигорӣ.

Моҳтобу чашми бехоб,
Лаб-лаби об,
Як лаби ноб...
“Як ҳазору як шаб”-и маҳтобӣ шабҳои ҷавонӣ,
“Як ҳазору як шаб”-и бехобӣ шабҳои ҷавонӣ.

САРНОМА

Шабҳо ба алам қалам занам аз паи ту,
Бо чӯби қалам қадам занам аз паи ту,
Аз пораи дафтари дусадпораи хеш
Дар чӯби қалам алам занам аз паи ту.

Хобам чу калобае пароканда шудаст,
Печида ба пои ҳар касе канда шудаст,
Озори ту хокхӯрда чун занбӯре,
Дар синаи ман газандаи ганда шудаст.

Ишқи ту накушт агар маро дар таби дил,
Табхолаи ишқи ту нарафт аз лаби дил,
Бишкуфту ҳанӯз мешукуфад хуншор,
Ишқат чу гули шабонае дар шаби дил.

Ин шеъру ғазал, ки менависам шабҳо
Ҳар донаи нуқтааш бувад тирнамо,
То доғи чавониам ба пирӣ набарам
Охир ба қаламкамон паронам худро.

ДИЛАМ МЕСӮЗАД

Аз доғи ту дам ба дам дилам месӯзад,
Аз бахти пиёдаам дилам месӯзад,
Беҳ чашми маро намекушодӣ дар ишқ,
Аз чашми кушодаам дилам месӯзад.

То аз ғаму шодии ту пур шуд дили ман,
Монанди гуле ба ханда дур шуд дили ман,
Ишқи ту намурду зиндамур шуд дили ман,
Бар ин дили мурдаам дилам месӯзад.

Аз бахши ту ғусса хӯрдаам беҳуда,
Беҳ аз дигарат шумурдаам беҳуда,
Дар ишқи ту ҷон супурдаам беҳуда,
Бар ҷони супурдаам дилам месӯзад.

Вақте, ки ғами ту мекунад дилгирам,
Мехезаму дафтару қалам мегирам,
Аз дафтару аз қалам алам мегирам,
Бар дафтару бар қалам дилам месӯзад.

Чун хори шикастае, ки монад дар тан
На беманӣ як даме, на як дам бо ман,
На аз тани ман ҷудо, на бо ман ҳамтан,
Аз беҳамии ба ҳам дилам месӯзад.

ГИРЕҲИ САНГ

Ҳайфи таронаҳои пур аз ашки обшор
Боре нашуд таронаи ӯ нӯши гӯши санг,
Сад ҳайфи панҷаҳои булӯрии мавҷҳош
Беҳуда мехазад ба тани хаззапӯши санг.

Нохун ба санг мезанаду мезанад абас,
Резад сафед шаршараи хуни обшор,
Ҳамчун гиреҳи мушти хасис во намешавад
Мушти гиреҳи санг бо нохуни обшор.

Ин ҷо ҳубоб дар назари ман ҳубоб нест,
Аз печу тоб обилаҳо кардааст об...
Эй зан, чаро ба сангдиле дил супурдаӣ?
Охир ба мисли об дилат мекунад ҳубоб.

Дар пйкари сафеди ту ин пайкари сиёҳ
Часпида ҳамчу санги сияҳ дар гулӯи об.
Эй зан, чаро ба сангдиле дил супурдаӣ?
Охир ба мисли об дилат мекунад ҳубоб.

НОМАҲО

Номаҳоятро кушодам
Бар ҳаво сар додам аз даст,
То шаванд абри баҳорӣ
Номаҳои ёдгорӣ
Бар сари талҳо бигирянд,
Чашмаю дарё бигирянд,
Номаҳо бар мо бигирянд.

Дина шаб кардам ҳикоят
Аз ту бар боди парешон.
Дар дили тангам ҳубобе
Чун ҳубоби чамасорон,
Қатраҳои оби найсон.

Дина шаб дар зери борон
Раҳ ба раҳ рафтам хаёлӣ,
Кокулатро ришта-ришта
Бо хаёлам ришта рафтам.
Бӯсаҳои дар лабат нокиштаро
Қад-қади раҳ,
Лаб-лаби ҷӯ,
Дар заминҳо кишта рафтам.

То паёпай аз паи ман
Қад-қади раҳ,
Лаб-лаби ҷӯ,
Бӯса рӯяд ҳамчу қоқӯ,
Бӯса рӯяд ҳамчу ҳулбӯ,
Бӯса рӯяд бӯй дар бӯ.

Дина шаб бориду борид
Об дар дарё нағунҷид,
Дина шаб танҳоии ман
Дар мани танҳо нағунҷид.

Дина шаб дар зери борон
Худ ба худ чун хушксорон,
Сӯхтам номи ту дар лаб,
Сӯхтам ишқи ту дар ҷон.

ШИРИ БУРИДА

Шири андомаш бурида
Бурда-бурда,
Тухми чашмаш
Хом нӯшида.
Коғази пешониаш зард,
Холи рухсораш,
Чун магас дар косаи шир,
Ҳарду абрӯ
Паршикаста чун парасту.

Обутоб аз дасту бозӯяш парида,
Дасту бозӯяш
Моҳии дар ҷӯйбори остин мурда.
Ҷоми лабҳояш
Аз шароби бӯсаҳо холӣ,
Лаб ба лаб аз заҳри талхи ғуссаҳо пур.

Сӯзани мижгони тезаш ку?
Рангубори чашму рӯяш ку?
Печутоби химчаи банди миёнаш ку?
Ку анористони дашнободи пистонаш?

Меваҳои синаларзонӣ фурӯхтаст,
Шеваҳои думбаҷунбонӣ фурухтаст,
Хандаҳои паҳни дандонҳои тиллоӣ фурӯхтаст,
Хандаҳои зарнигориро ба арзонӣ фурӯхтаст.

Ҳарчи буд дар косаи чашмаш
Аз адову сеҳру афсун,
Хӯрдаю нӯшидаю лесидаанд акнун
Косалесони муҳаббат.

Зоғи ишрат хӯрда себи ғабғабашро,
Хирси ишрат хӯрдааст шаҳди лабашро,
Занги ишрат хӯрдааст теғи нигоҳаш,
Хок хӯрдаст, хок
Тири мижгонаш.

АЗ МӮЙИ ТО ЗОНӮИ ТУ ЯК МӮ НАБАХШАМ БАР КАСЕ

Борони сим-сим мезанад дар боғҳо, дар боғҳо,
Чун арғувон гул кардаам сар то қадам аз доғҳо;
Сад нахли гирён асту ман, ашки дарахтон асту ман,
Кафку ҳубобе дар дилам чун оби борон асту ман.

Рӯйи туро ҷамъ оварам аз ёдҳо, аз ёдҳо,
То рӯйи ту ояд ба ёд, ояд ба ёд, ояд ба ёд.
Бӯйи туро ҷамъ оварам аз бодҳо, аз бодҳо,
То бӯйи ту ояд ба ёд, ояд ба ёд, ояд ба ёд.

Ку чашми дарёранги ту чашмам нашуд аз об сер?
Он субҳи рӯхсори ту ку бахтам нашуд аз хоб сер?
Чашми ту гардонад маро дар обҳо, дар обҳо,
Рӯйи ту гардонад маро дар хобҳо, дар хобҳо.

Охир туро ҷамъ оварам аз чор сӯ, аз чор сӯ
Дар ҷои ҷонам ҷо кунам мӯйи ба мӯ, мӯйи ба мӯ,
Аз мӯйи то зонӯи ту як мӯ набахшам бар касе,
Аз хоки поят заррае дорӯ набахшам бар касе.

ДИЛХУНУК

То шуд дилаш аз ман хунук ях баст сар то пои ман,
Тӯмори гармиам надод аз мӯи ӯ мавлои ман,
Саҳрои ишқам дар ҷаҳон шуд ҷои вовайлои ман,
Бо ман бинолу гиря кун, саҳрои ман, саҳрои ман.

Сад дарди сил паймуда шуд, аз ман нашуд, аз ман нашуд,
Чашмони дил пӯшида шуд, аз ман нашуд, аз ман нашуд,
Дарёи дил нӯшида шуд, аз ман нашуд, аз ман нашуд,
Бо ман бинолу гиря кун, дарёи ман, дарёи ман.

Дар шабчарои бӯсаҳо аз чашму лаб, аз дасту по
Ман будаму маҳтоб буд, ӯ дар замин, ман дар ҳаво;
Акнун манам дар зери по, ӯ дар ҳаво, ӯ дар само,
Бо ман бинолу гиря кун шабҳои ман, шабҳои ман.

Дирӯзи ман як рӯз не, гӯё, ки як садсола буд,
Аз ишқи бефардои ман дирӯзи ман дар нола буд.
Дирӯзу имрӯзам гузашт, аз рӯзи фардоям чи суд,
Бо ман бинолу гиря кун, фардои ман, фардои ман.

ШАБИ ФАЙЗОБОД

Пурсояву пурмаҳтоб
Шаб хам-хами Файзобод,
Акси шаби маҳтобӣ
Дар шабнами Файзобод.

Шаббодаи саҳрояш
Бо бӯйи палак ояд,
Чун бӯйи малак ояд,
Аз авҷи фалак ояд.

Дар ҳар сари мижгонам
Каҳрезаи Файзобод,
Моҳи лаби ҷарҳояш
Чун кӯзаи Файзобод...

Пурсояву пурмаҳтоб
Шаб хам-хами Файзобод,
Акси шаби маҳтобӣ
Дар шабнами Файзобод.

Гаҳвораи таҳҷоӣ
Гаҳвораи устояш,
Гаҳвораи маҳтобӣ
Гаҳвораи талҳояш.

Бодаш, ки намехобад
Ҷунбонда кунад хобаш,
Ноништаи ман умре
Ширруғани маҳтобаш...

Пурсояву пурмаҳтоб
Шаб хам-хами Файзобод,
Акси шаби маҳтобӣ
Дар шабнами Файзобод.

Дар ҳарду ҷаҳон муште
Аз хоки сафедаш бас,
Дар барбари Элокаш
Рақсидани бедаш бас.

БӮСА БА ДУНЁ ЗАДАМ

Зулфата боло задам
Сила ба шабҳо задам,
Ҳар ду лабат гул намуд,
Бӯса ба гулҳо задам,
Бӯса ба гулҳо задам.

Навбати чашмат расид,
Дар лаби ман нам расид.
Чашми ту дарё намуд,
Бӯса ба дарё задам,
Бӯса ба дарё задам.

Навбати мӯят расид,
Моҳ ба кӯят расид,
Мӯи ту тилло намуд,
Бӯса ба тилло задам,
Бӯса ба тилло задам.

Бозӯву боло намонд,
Дар бари рӯ ҷо намонд,
Дар қадамат хам шудам
Бӯса ба дунё задам,
Бӯса ба дунё задам.

САФЕДОР

Дар сафи мушкилгузар як ҷангали андом,
Байни як майдон санавбарҳои ҚОМАТ,
Дар миёни як хиёбон тираки по,
Ӯ дарахте аз дарахтони сафедор аст,
Ман ба ҳар сӯйе, ки мебандам нигоҳамро
Чун сафедоре намудор аст.

Пойҳояш то миён-пойи сафедорӣ,
Қоматаш-қоматбаландии сафедорӣ,
Гарданаш-гардансафедии сафедорӣ,
Беқарории вуҷудаш-беқарории сафедорӣ,
Ростияш-ростиҳои сафедорӣ.

То расад дастам ба ин болобаландӣ,
То расад дастам ба ин гардансафедӣ,
То расад дастам ба ин соқи сафедорӣ,
Ман ба рӯи шонаи худ мебароям.

Дар ду чашми осмонрангаш-
Осмонбӯсии сарҳои сафедорон,
Дар димоғаш-
Гумбази гардунхарошии сафедорон,
Ҷилваҳояш-
Ҷилваҳои сабзи шодоби сафедорон.

Аз тани нарми сафедории ӯ рӯзе
Меканам ман пӯстҳои ҷомаҳояшро,
Мармари санги сарамро
Зери пойи хуштарошаш мегузорам,
Ҳамчу дар зери сутунҳои сафедорӣ.

ХОБАТ БАРАД БА ҶУНБИШИ МАВЗУНИ НАБЗИ МАН

Дам мекашам сафедии рӯйи туро чу шир,
Ҳамчун ҳавои тоза фурӯ мебарам туро.
Дар таҳти санги синаи ман ҷӯш мезананд
Чу обҳои зери замин изтиробҳо.

Мӯйи ту он шабест, ки шабгарди он манам,
Шабкӯракаш, ки мепарад- ин чашмҳои ман.
Рӯйи ту он маҳе, ки манам хобгарди он,
Бедор нест чашму равон аст пои ман.

Бо соқи дилписанди сафедории сафед,
Бо гардани баланди сафедории сафед,
Аз ҷӯйи шир, гуфтӣ, сафедори қоматат
Рӯида чун хаданги сафедории сафед.

Ман сина, сина, сина нафас мекашам туро,
Ман чашм, чашм, чашм туро мечарам тамом;
Ман бӯса, бӯса, бӯса туро мебарам ба лаб,
Ман мазза, мазза, мазза туро мечашам мудом.

Зери сарат ба хоб барам дасти хешро,
Зери сарам гузори ту ҳам дасти хештан;
Хобам барад ба ҷунбиши мавзуни набзи ту,
Хобат барад ба ҷунбиши мавзуни набзи ман.

НАЗМРО АЗ НАБЗИ МАВЗУНАТ МУРАТТАБ КАРДААМ

Ин қаламронӣ, ки дар чашму дар абрӯ кардаӣ
Чашму абрӯро тилисму сеҳру ҷоду кардаӣ,
Зинда бодо, зинда бодо, додаи доди қалам,
Дар қаламронӣ надорам чун ту устоди қалам;
Сад қаламро беамон сар мезанам дар пойи ту.

Дар навиштан хуни дилро то мураккаб кардаам,
Назмро аз набзи мавзунат мураттаб кадаам.
Лабнигории туро, нохуннигории туро
Ҳамчу шарти шоириам дарсу мактаб кадаам;
Сад қаламро беамон сар мезанам дар пойи ту.

Ҳар хати дасте равон ҳамчун хати дасти ту нест,
Чун хати дасти ту ҷуз абрӯи пайвасти ту нест.
Бо вуҷуди сад гирех, сад печу хам, сад печу тоб
Метавонам ин хати бишкастаро хонам чу об;
Сад қаламро беамон сар мезанам дар пойи ту.

Ман намедонам баёзе чун баёзи гарданат,
Ман надидам коғазе аз коғази рӯи ту беҳ.
Неши мӯят мекунад ҳар мӯшикоферо шикоф,
Аз китобе байти чопии ду абрӯи ту беҳ;
Сад қаламро беамон сар мезанам дар пойи ту.

БОРОН

Зангӯлазанон гузашт борон,
Чобӯку ҷавон гузашт борон,
Бо чилчилаҳо гузашт борон,
Бо шилшилаҳо гузашт борон,
Бо силсилаҳо гузашт борон,
Монанди занон гузашт борон,

Гесӯи занона дошт борон,
Луълуи занона дошт борон,
Аз тирукамони ранга-ранга
Абрӯи занона дошт борон;
Дар шишачаи ҳубобаш атри
Хушбӯи занона дошт борон.

Монанди занон чамида мерафт,
Мӯяш ба замин расида мерафт,
Нозаш ба замин чакида мерафт,
Абрӯи камони рангаашро
Бо ишва қалам кашида мерафт....

Оинаи ҳар тиреза тар буд,
Аз қатраи реза-реза тар буд,
Аз дидани ҳар тирезаи тар
Дил тозаю дида тозатар буд,
Як рӯи занона дар назар буд.

Борон ғами чилрӯзаро шуст,
Борон дилу дидаи маро шуст,
Оинаи ҳар тирезаро шуст,
Оинаи синаи маро шуст...

Зангӯлазанон гузашт борон,
Чобӯку ҷавон гузашт борон,
Бо чилчилаҳо гузашт борон,
Бо шилшилаҳо гузашт борон,
Бо силсилаҳо гузашт борон,
Монанди занон гузашт борон;

Борони ҳаво давои дилҳо,
Дорӯи шукуфаҳои дилҳо.

АЗ ШАРШАРАИ МӮЯТ МЕНӮШАМУ МЕНӮШАМ

Бе гушнагии рӯят
Ман гӯшна намемонам,
Дар шаршараи мӯят
Лабташна намемонам,
Аз шаршараи мӯят
Менӯшаму менӯшам.

Аз ташнагӣ месӯзам,
Аз ташнагии рӯят,
Аз ташнагии бӯят;
Аз шаршараи мӯят
Менӯшаму менӯшам,
Дар шаршараи мӯят
Як қатра намемонам.

Аз ташнагӣ месӯзам,
Монанди биёбонам,
Дар шаршараи мӯят
Як қатра намемонам:
Аз шаршараи мӯят
Менӯшаму менӯшам.

Бе шаршараи мӯят
Ман моҳии мурдобам,
Дар шаршараи мӯят
Гулмоҳии варзобам,
Аз шаршараи мӯят
Менӯшаму менӯшам.

Чашмони ту дарёӣ
Чун косаи гирдоб аст,
Дар шаршараи мӯят
Сад коса пур аз об аст,
Аз шаршараи мӯят
Менӯшаму менӯшам.

ДАРАХТИ САБДА ШУД ДАР ПУШТА МОДАР

Аз он чӯбе, ки дар гӯраш задам туғ
Баромад модарам сабзида аз гӯр,
Дарахти сабда шуд дар пуштаи хок,
Ки модар менамояд бар ман аз дур.

Чуноне зист ӯ, бечорагӣ кард,
Миёни ҷандаҳояш бандагӣ кард,
Дарахти модарам шуд латтабандӣ,
Саропо куртаҳои кандагӣ кард,

Ҷавонзанҳои қишлоқам ба армон,
Ки шояд кӯдаке гардад муяссар
Ба нӯги шохаҳояш латта банданд
Ба дандон канда аз ҳар докаи сар.

Ки ҳамчун остони модари ман
Набуд як остони хонаҳоҳе,
Набуд чун модари ман бо шафоъат
Азизею шаҳидею мазоре,

Ки ҳамчун модари ман серфарзанд
Ками кам буд дар дунё аёле,
Ки ҳамчун модари ман чӯҷапарвар
Ками кам буд мурғи чӯҷадоре.

Дукони хонааш чун хонаи мӯр
Ҳама анҷому бораш реза-реза,
Ба як ҷо рези хирманҳои қишлоқ,
Ба як ҷо донаву мағзу мавизак.

Ба мо ноне, ки модар баста медод
Ба қадри гӯшамон бишкаста медод,
Ки моро, баччаҳои гӯшнаашро
Наранҷонад ба вақти гушнагиҳо...

Валекин зиндагӣ ҳар тиккае дод,
Ба нархи гӯш дод, эй доду бедод,
Ту гӯфтӣ, зиндагонӣ гӯшамонро
Буриду тиккае, як тиккае дод.

Чунон ин зиндагӣ маро пакар кард,
Чунон хору чунон муҳтоҷу мадҳӯш,
Чунон номеҳрубон, бе нангу номус,
Ки модар ҳам фаромӯш шуд, фаромӯш.

На боре нон, на собунаш харидем,
На боре доккаву попӯшии нав,
Ба умраш куртаи моро напӯшид,
Кафан ҳам бар танаш аз мо напӯшид...

Дарахти сабда шуд дар пушта модар,
Дарахте чун сабадҳои каҷова[8],
Ту гӯфтӣ, як сабад ғам, як сабад ғам,
Ту гӯфтӣ, як сабад андӯҳу мотам...

Касе дар кулбаи модар намондаст
Ба ғайр аз корбофакҳои[9] чун ӯ,
Ба ғайр аз риштаҳои корбофак,
Ба ғайр аз лонаи ҷуфти парасту.

---

[8] Каҷова – сабади калон. Сабда (сабада), сада.
[9] Корбофак (карбосбофак) – тортанак.

ҚАСАМ БА ҲАРДУ ДИДААМ

Яке ту қаҳрии ману яке ту бо ман оштӣ,
Маро яке ту зинда кардию яке ту куштӣ...
Яке ба бӯса дар лабам ҳазор лола киштӣ,
Яке маро ту аз биҳишти ишқи худ биҳиштӣ.

На аз туам шикояту на аз ту ҳеҷ хашм,
Ки ман муҳаббати туро чашидаам ба оби чашм.
Қасам ба ҳарду дидаам,
Ки ғайри ту надидаам.

Шаби сиёҳи мӯи ман сафед шуд барои ту,
Адо шудам ба ҳар шабе чу моҳ дар ҳавои ту.
Чакида дона-дона ашкҳои ман ба пои ту,
Бубин баҳо чӣ додаам ба ишқи бебаҳои ту.

На аз туам шикояту на аз ту ҳеҷ хашм,
Ки ман муҳаббати туро чашидаам ба оби чашм.
Қасам ба ҳарду дидаам,
Ки ғайри ту надидаам.

БАҲОР ОМАД

Баҳор омад:
Бояд бо дарахтон буд,
Бо дарахтон аз замин рӯид,
Бо лолазорон дар замин сурхид
Ва бо парвонаҳо буд,
Ки чун гулбарг мерезанду мерезанд
Ва бо рангинкамон буд,
Ки аз он рангҳо ҷорист.

Бояд ошиқ буд, ошиқ буд, ошиқ буд,
Як даме бо резаборон,
Як даме бо бӯсаборон буд.

Баҳор омад, баҳор омад,
Чароғи лолаҳо равшан,
Чароғи дидаҳо равшан.
Агар бо чашм дуриро намебинед,
Бо дурбини чашмаҳо бинед,
Ҳар он кас аз шумо дур аст мебинед,
Чу дар оина мебинед.

Баҳор омад:
Ҳам ошиқпеша бошед
Ҳам ҳунарпеша.
Баҳори ошиқон, яъне
Шаби маҳтобии дунё,
Лаби ёре дар ин шабҳо,
Ки дарё аз шумо филме бибардорад
Пур аз оҳанги дарёй,
Пур аз тасвири дарёй.
Навори обҳоро пур кунед аз хеш,
Пур кунед аз ишқ.

Парастуҳо
Хати парвозашонро дар ҳаво чун ришта мебанданд,
Ки фардо ин ҳаворо бо ҳамин ёддошт
Дар ёд бояд дошт.
Шумо ҳам риштаи зулфе гирех бандед
Ва ин ёддоштро дар ёд бояд дошт,
Ки фардо ё пас аз фардо
Чароғи лолазорон мешавад хомӯш
Ва дарё ҳам наворашро
Ба гирди сангҳо печонда хоҳад дод
Ба бунёди хазонрезии тиллоӣ.[10]

[10] Фонди тиллоӣ.

ЧАШМИ КАБУДИ СУҒДӢ

Чашми кабуди суғдӣ,
Чашми кабуди дудӣ,
Дар Суғд монда будаст,
Аз маҷмари муғонаш
Ин дуд зинда будаст.

Чашми кабуди суғдӣ,
Чашми кабуди дудӣ, -
Чашмони ориёна,
Чашмони Рухшона,[11]
Чашмони бостонӣ,
Чашмони достонӣ.

Ҳарҷо, ки дуд будаст
Бе оташе набудаст,
Бовар намекунам ман
Оташпарастӣ мурдаст,

Чашми кабуди суғдӣ,
Чашми кабуди дудӣ,
Афсунгари назарбоз,
Ҷодугари амалсоз;
Ин илми сеҳру афсун,
Ин расми чашмбандӣ,
Дар Суғд зинда будаст,
Аз муғ монда будаст.

---

[11] Рухшонаи бостониву достонӣ, духтари Дориюш.

ТАСВИР

Лабҳои ту сурханд, вале сабзинарангӣ,
Дар сабзаи рӯйи ту гули лола шукуфтаст;
Як ҳафта намепояд агар лолаи саҳро,
Ин лолаи лабҳои ту садсола шукуфтаст.

Мижгони туву сӯзани мижгони санавбар,
Чашмони дурахшони туву тезии алмос.
Оғӯши туву синаи хезобу талотум,
Буйи туву атри гули садбаргу гули ёс.

Абрӯйи туву боли парастую паридан,
Рафтори туву боди пагоҳию вазидан,
Гуфтори туву булбули хушхону шунидан,
Лабҳои туву меваи серобу чашидан.

Гесӯи туву валвалаи хирмани оташ,
Бозӯи туву дасти туву моҳии дарё,
Соқи ту сафедори тарошидаи наччор,
Андоми туву чашми мани ошиқи шайдо.

АЗ ДАРАХТИ СОЯ АФТОДАМ

Вақте, ки ман як бачае будам,
Ошиқи духтарчае будам,
Ӯ маро аз тори болохонашон
Бо забонаш сӯз медод,
Бар сарам ё ҳарчи мепартофт,
Худ наметофт.

Хонаи онҳо сафедак буд,
Девори сафедак дошт.
Мо дар он шабҳои тобистон
Дар таги тути қаторак
Чашмҳо тар аз даҳанвоҷак
Чашмҳои хастаро молида медидем
Ҷанги сурхону сафедонро,
Беҳтарин кино.

Ман, вале шабҳои маҳтобӣ дар он девор
Соя мекардам тамошо,
Соя равшан кам набуд аз ҳеҷ кино.
Дар ҳамон вақте, ки маҳтоб
Аз лаби ёли камар метофт
Аз дарахте дар тани девор
Дарахти соя мерӯид тираквор,
Қад кашидан мегирифт оҳиста-оҳиста,
Ҳамчу кӯдакҳо, ки меёзанд,
Қад мекашанд аз қадкашакҳо.

Ман зи ҳайрат,
Моту мабҳут,
Ҷо ба ҷо як соя мегаштам,
Панҷаам беустухони соягӣ мешуд.
Дасту поям худ ба худ беустухони соягӣ мешуд.

Ман ду дасти соягиамро
Бар дарахти соя печонида маҳкам,
Ҳарду пои соягиамро
Қайчӣ мекардам,
Ки то нугаш бароям, лек ҳайхот...
Ногаҳон шаббода меомад,

Дастҳоям дар лаби бомаш дарахти соя меларзид,
Дасту пои соягии ман ба он якҷоя меларзид,
Дасту пои соягии ман
Аз лаби бомаш хато мехӯрд,
Бар замин афтида хомӯш,
Мепаридам ҳар чӣ буд аз ҳӯш...

Модарам аз шабдарав, аз пушта баргашта
Хобу хоболудаам
Зери каш мекарду мегуфт:
Бачаи бечораи ман тоқу танҳо
Монда инҷо маҳтали кино.

РИШНОМА

Рӯзе “Чароғи рӯз” агар рӯзнома буд,
Аз ришвахорӣ оқибат он ришнома шуд.
Дар ҳар саҳифа менигарӣ- риш, риш, риш,
Ришу қавоқи хандахарише чу Тухтамиш[12]
Дар ҳар саҳифа менигарам- пашм, пашм, пашм
Аз байни пашм менигарад чанд гушначашм.
Дар ҳар саҳифа менигарӣ- мӯй, мӯй, мӯй,
Дар зери мӯй монда ниҳон чанд гандарӯй.
Яъне, ки ҳар саҳифа ба монанди пӯстак,
Кам нест дар миёни чунин пашму пӯст кайк.
Покӯи тез хоҳаму устои сартарош,
К-ин ришномаро биторашад ба ришҳош.

10 Декабри 1996 Москва.

[12] Хони муғул

СУРХИИ РӮЯТРО БИДЕҲ

(Нисбати аловпараки наврӯзӣ)

Моро увол аст аз азал
Хокистаре дар зери по,
Эй, аз туам сад илтимос,
Эй, аз туам сад илтиҷо:

Сурхии рӯятро бидеҳ
Зардии рӯямро бигир,
Гармии рӯятро бидеҳ
Сардии рӯямро бигир.

Савғотӣ оташ бурдаанд
Оташпарастон ҳар кучо,
Эй, аз туам сад илтимос,
Эй, аз туам сад илтиҷо:

Сурхии рӯятро бидеҳ
Зардии рӯямро бигир,
Гармии рӯятро бидеҳ
Сардии рӯямро бигир.

Рӯйи замин сӯзад агар
Фардош мепӯшад гиёҳ,
Як умр мемонад вале
Рӯйи заминсӯзон сиёҳ.
Эй, аз туам сад илтимос,
Эй, аз туам сад илтиҷо:

Сурхии рӯятро бидеҳ
Зардии рӯямро бигир,
Гармии рӯятро бидеҳ
Сардии рӯямро бигир.

Бо пояш оташро накушт
Аҷдоди оташкеши мо,
Дар назди мардум лоҷарам
Сахт аст ин айбу гуноҳ;
Эй, аз туам сад илтимос,
Эй, аз туам сад илтиҷо:

Сурхии рӯятро бидеҳ
Зардии рӯямро бигир,
Гармии рӯятро бидеҳ
Сардии рӯямро бигир.

Ҳар кас, ки аз майдон гурехт
Сад латма зад дар кори кеш,
Оташ надод аз хонааш
Ӯро касе дар шаҳри хеш;
Эй, аз туам сад илтимос,
Эй, аз туам сад илтиҷо:

Сурхии рӯятро бидеҳ
Зардии рӯямро бигир,
Гармии рӯятро бидеҳ
Сардии рӯямро бигир.

ТАБХОЛА ДАР ЛАБҲОИ ДИЛ

Вақте, ки ишқам қисса буд,
Дил беғаму беғусса буд,
Як осмонам ҳисса буд,
Моҳи тамомам коса буд,
Обу таомам хоса буд-
Серии ман аз бӯса буд.

Дар зулфи шабранге агар
Чашмони ман шаб мечарид,
Лабҳои ман лаб мечарид,
Дандони ман лаб мегазид;
Ёд аз газиданҳои ман,
Аз лабчариданҳои ман,
Аз шабчариданҳои ман.

Акнун, ки он савдо гузашт,
Он шабчариданҳо гузашт
Он лабчариданҳо гузашт,
Он лабгазиданҳо гузашт,
Он бӯсасериҳо гузашт,
Чун соли сериҳо гузашт,
Серам дигар аз ғуссаҳо...

Шабҳои ишқам якка буд,
Рӯйи ҷаҳон белакка буд,
Дар зери поям ҳар қадам
Аз нури моҳаш докка буд,
Ҳар бӯсаам як тикка буд,
Лабҳои ёрам маска буд.

Ку як шабе, ку як шабе
Аз он ҳазору як шабам,
Ку як лабе, ку як лабе
Аз он ҳазору як лабам,
Лабҳои дандонхӯрдае
Аз лабгазиданҳои ман.

Акнун ману шеъри сабил,
Акнун ману сад дарди сил,
Ман мехӯрам лабҳои дил,
Ман мегазам лабҳои дил,
Аз лабгазиданҳои ман
Табхола дар лабҳои дил,
Чун лола дар лабҳои дил.

ДАР ЁДБУДИ МУҲАММАҶОН РАҲИМӢ

Шеъри нав гуфтаму рафтам ба дари хонаи ӯ,
Лек ман даст набурдам тарафи дастаи дар.
Дар гулӯям нафаси шоирӣ якбора шикаст,
Ки мабодо дигаре ояд аз ин кулба бадар.

То дари ӯ ба забон н-ояду гӯяд бар ман,
К-ӯ дигар нест дар ин хона, зи дунё рафтаст,
Худ ба худ баҳри тасаллои дили муштоқам
Гуфтам, аз шаҳри Душанбе ба Бухоро рафтаст.

Шеъри нав дар лабам аз пушти дараш баргаштам...
Вазн ноҷӯр, ғалат қофия, маънӣ носоз,
Оҳ шуд дар лаби ман шеъри мани беустоз.

БӮСАЕ Ё ҚИССАЕ Ё ҒУССАЕ

Дар лаби чӯ ҳар қадар нақше, ки ҳаст
Аз лаби сели баҳорон мондааст,
Дар лаби хушку дили ман низ ҳам
Мондааст аз ҳар касе пур аз алам:
Бӯсае ё қиссае ё ғуссае,
Ғуссае ё қиссае ё бӯсае.

ХОТИРА

Лабонам аз лаби ту бӯса-бӯса хотира дорад,
Даҳонам аз даҳанат қисса-қисса хотира дорад.
Ҳазор коса, ки чашм об додам аз чашмат,
Аз он ду чашми тарам коса-коса хотира дорад.
Ҳамон қадар, ки чаридам туро нигоҳ-нигоҳ,
Замини хотираам майса-майса хотира дорад.
Дилам, ки дар ҳавасат кам насӯхт, кам натапид
Алам-алам асару ғусса-ғусса хотира дорад.
Қадам чу оинаи қаднамои хотираат
Шикаста асту вале ҳисса-ҳисса хотира дорад.
Хулоса, аз камарат, аз канору оғушат
Тамоми ҳастии ман хоса-хоса хотира дорад.

СУХАНИ НОТАМОМ

Тамоми дору драхтони рӯи замин
Агар ба дасти нависандагон қалам гардад,
Агар, ки ранг шавад оби чашмаву дарё
Ва барги дору дарахтон шавад агар дафтар
Агар навишта шавад дар ситоиши модар,
Шавад тамому сухан нотамом монад боз.

СОЛИ МАН

Соли ман моҳист, аммо моҳии афлок нест,
Соли ман гулмоҳии дарёи Ҳелоки ман аст.
Лаззати гулмоҳии дарёчаи Ҳелоки ман
Бартар аз гулмоҳии дарёи афлоки ман аст.

БАРОИ РАҲИМ ҲОШИМ

То бувад фарҳанги тоҷик
Номи ӯ монад муқаррар,
Не дар аввал, не дар охир,
Чун гуле дар байни дафтар.

КӮДАКИАМ ҲАНӮЗ ГИРЁН АСТ

Дар ҳама сангу хоку хори диёр
Дарду гарди ятимии ман ҳаст,
Дар ҳама бодҳои саргардон
Оҳи сарди ятимии ман ҳаст.

Дар сари кӯчаҳои Файзобод
Чашм дар роҳи кӯҳна[13] шому саҳар,
Кӯдакиам ҳанӯз гирён аст,
Дар кафи ӯ хати сиёҳи[14] падар.

---

[13] Аскарбачаҳоро, ки ба роҳҳои кӯҳна ба ҷанг бурда буданд, солҳои дароз мардум беихтиёр ба ҳамон роҳҳои кӯҳна менигаристанд.
[14] Хати сиёҳ-хати азо нисбати қурбон шудани аскарон.

КОСАИ ОБ, КОСАИ ШИР

Косаи обе, ки чашми туст
Андар он хоҳам, ки хас н-афтад,
Косаи шире, ки рӯйи туст
Андар он хоҳам магас н-афтад.

ОБШОРИ ОБРӮ

Гар яке ғайри рӯйи аслии хеш
Боз ҳам гуна-гуна рӯ дорад,
Дигаре бо тамоми берӯй
Обшоре аз обрӯ дорад.

МЕХИ СИТОРАКӮБ

Хуршед рафту аз паси хуршед баста шуд
Мехи ситоракӯби дари чармпӯши шаб.

САФАРИ ШОИР

Ҳар сафар то Африқою Осиё мерафт агар
Дар ҳузураш ман намедидам касе бо чашми тар,
Ин сафар наздик буд раҳ, то лаби Варзоб буд
Лек чун Варзоб дар чашмони мардум об буд.

ФАРЗАНДИ ДЕҲҚОН

Давоми шир-шири барги алафҳост
Ҳиҷою ҳарфи ман дар шеъри озод,
Ғазалҳои маро дар шабдаравҳо
Ману шаббодаҳо кардем эҷод.

ДАР ЗЕРИ ШАРШАРА

Ҷӯйи ба ҷӯ, кӯйи ба кӯ
Ҳар қатрае ҳамроҳи худ
Мебурд бар дарёю рӯд
Аз чашми ӯ ранги кабуд.

СӮЗАН АГАР ДАР ДИЛИ МАН МОНД...

Аз хоки ватан гӯри падар дар дили ман монд,
Модар чу мазори лаби ҷар дар дили ман монд.
Дар оташи ғам коғази рӯи ман агар сӯхт,
Аз хоҳари ман коғази сар дар дили ман монд.
Дар баставу фарзанди падар дар паси дар рост,
Фарзанди падар дар паси дар дар дили ман монд.
Ман рафтаму сад хешу табор аз сари ман рафт,
Аз рафтанашон хуни ҷигар дар дили ман монд.
Дар сӯзани девори ман аст риштаи умрам,
Кофист ҳамон сӯзан агар дар дили ман монд.
Аз ҳамватану ҳамрагу ҳамгавҳару ҳамхун
Чашмони тару оҳи саҳар дар дили ман монд.

13 Апрели 1996 Ҷексонвил

БАРОИ ДӮСТАМ САИД АБДУЛЛО

(Шоир ва духтур)

Умеди офият он гаҳ бувад, ки набзи туро
Чу нӯги ришта бигирад Саиди Абдулло;
Агар, ки канда шавад ҳам, дубора низ вай аст
Касе, ки риштаи набзи туро тавонад баст.

Миёни мардуми тиб-шоири табибон аст,
Миёни мардуми шоир-табиби шоирҳо;
Ҳар он замон, ки сари шоире ба дард ояд
Ба ғайри ӯ накунад ёди Буалӣ Сино.

Агар, ки дорӯ нависад чу шеър нусхаи ӯ,
Агар, ки шеър нависад чу нусхаи дорӯст.
Даме, ки даст ба дастат гузорад эй бемор,
Бидон, ки дар кафи дасти ту ҳабби ҷондорӯст.

Бузург гашта чу ман бас, ки ӯ ба шеъри сафед
Ту гӯӣ нест маро ҷуз бародари ҳамшир,
Ба ҷойи қатраи шеърам миоди тасвираш
Чакид аз қалами дасти банда қатраи меҳр.

БАРОИ ХУДАМ - БОЗОР СОБИР

Рӯзи боронӣ барои ҷумла фарзандони деҳ
Нест ҷуз ёдовари бому дари вайрони деҳ.

Соқии базми сағирон будаам чанде,
Низ дар базми вазирон будаам чанде;
Бод ҳам паймудаам чанде,
Бода ҳам паймудаам чанде,
То гулӯ ғарқидаам дар оби соғарҳо,
То гулӯ ғарқидаам дар истаконҳо.

Ҳар куҷо густурда пояндози ман аз мавҷи қарсак буд,
Ҳар куҷо густурда пояндози ман аз авҷи чак-чак буд;
Аз ҳазорон ёри хушгил бар сарам гулдаста меборид,
Аз ҳазорон хирмани гул бар сарам гулдаста меборид.
Ҳар куҷо дасти қаламрони ману таҳсину аҳсан буд,
Ҳар куҷое дасти ман дар дасти ошиқҳои ман буд,
Он қадар дасти маро бигрифта мардум мефушурданд,
К-оби дастам мечакид аз дасти мардум.

Дидаам ҷилди китобамро
Дар қироатхонаи Салмони Рушдӣ,
(Гарчи безорам ман аз Салмони Рушдӣ),
Аз сигори дасти Нодирпур сигорамро
Кардаам равшан;
Будаам меҳмони Касроӣ Сиёвуш
(Вой! Вой! Умре арӯси шеър аз маргаш сияҳпӯш);
Соядаст аз Соя ҳам дорам
(Чой ҳам нӯшидаам бо ӯ,
Чойи сабзе, чойи хушбӯ).

Гӯри Саъдиро зиёрат кардаам бо бӯсаборон,
Гӯри Ҳофизро зиёрат кардаам бо бӯсаборон,
Сар фурӯд овадаам дар марқади Бедил,
Гаштаам бо ҳарду зонӯ гирди оромгоҳи Фирдасӣ.

Гаштаам ними ҷаҳонро аз замину аз ҳавопаймо,
Аз Халиҷи Форс то Қутби Шимолӣ,
Аз Сибир то шаҳри Деҳлӣ,
Бо ҳазорон баҳру дарё.

Кӯтаҳи гап,
Ҳарчи дидам, лек хурсандӣ надидам,
Ҳарчи пӯшидам нафаҳмидам,
Ҳарчи нӯшидам нафаҳмидам;
Ҳарчи кардам, лек хурсандӣ накардам,
Ҳар куҷо гаштам дилам зиқ буд.

Ҳеҷ дарё, ҳеҷ дарёе
Доғи дерини ятимиро нашуст аз ман,
Ҳеҷ сӯҳон, ҳеҷ сӯҳоне
Зангу зангори ятимиро насуд аз ман.

Чашмаҳои оби чашми кӯдакӣ хушкид,
Оби чашми модар аз ёдам нарафт умре,
Рӯзу шабҳо гӯшаҳои докааш тар буд,
Нони дасту тиккааш тар буд.

Осмони софи чашми модарамро ман надидам,
Абри чашми модарам афзунтар аз абри ҳаво буд;
Ашкҳои ӯ агар аз осмон мерехт,
Сангҳо нам мекашиданд.

Модари бечораи ман чанд фарзанди калон гум кард,
Ҳамсарашро бармаҳал гум кард
(Модарам чилсола буд он вақт);
Модари бечораам дар сӯги пайвандон
Рӯзҳои ҷумъа нони ҷумъагӣ медод;
Хатми қуръон карда мебахшид...

Модарам акнун
Дар миёни панҷ фарзанди ҷавонмаргаш
Дар таги хок аст,
Теппаҳои гӯрашон гаҳворарo монад,
Дар миёни инқадар гаҳвораи пок аст.

(Аз саґиронаш наосуд,
Доккае бар сар набаст аз мо,
Тиккаи ноне напурсид;
Гар кафанворӣ намедошт
Бекафан мерафт).

Модарам мурд,
Пеш аз он рӯзе, ки дод аз он
Аз тамоми шоирони Тоҷикистон
Шоири зиндонӣ ман будам,
Дигарон буданд шоирҳои зиндонбон;
Модарам мебуд сатилҳо ашки сузон гиря мекард.

Модарам мурд
Пеш аз он рӯзе, ки ман гаштам муҳоҷир;
Модарам мебуд сатилҳо ашки сӯзон гиря мекард.

26 Ноябри 2002 Сиэтл

ШАБ

(Барои Марям Исоева)

Марями ҳазору як Масеҳи чормехи ишқ
Ва Лайлии ҳазору як Маҷнун
Ва Шаҳрзоди як ҳазору як шаби ҳазор шаҳриёри ишқ,
Ғизоли як ҳазору як ғазал.

Ва мӯяш ин қадар сиёҳ, ин қадар сиёҳ,
Ки ин қадар сиёҳ,
Ин қадар сиёҳ
Намешавад сафед
То ҳазор сол.

Ба нохунаш- ба меҳроби моҳи нав
Чу ошиқони зор,
Ошиқони зори нохунаш
Намози ошиқона кардаам,
Ба неши нохунаш
Намози ҷумъа кардаам.

Нигинаҳояш аз ҳазор санги осмон
Ва чашми сурмасояш аз ҳазор қатраи ситора тар,
Ки аз ситорабори дидааш
Чу қатраҳои ашк,
Чу қатраҳои ишқ,
Чу қатраҳои ҷон,
Чу қатраҳои дил
Ситорақатра мечакад,
Кашида хат ба шишаи ҳаво,
Чу қираи алмос
Бурида шишаи дили маро.

ТИРАМОҲ

На дигар хирмани гандум, на дигар хирмани моҳам,
Ба ҳаво тӯдаи абрам, ба замин тӯдаи коҳам;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам, ҳама сардам.

Қафаси синаи гулбун қафаси тӯтии гул буд,
Қафаси синаи ман ҳам қафаси тӯтии дил буд,
Ки пари тӯтии гул рехт, пари тӯтии дил ҳам;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам, ҳама сардам.

Дили боғ аст аноре, ки кафидаст дуним,
Вой, ман аз дили худ, аз дили худ дорам бим,
Дили ман нест аҷаб гар бикафад ҳамчу анор
Ба назар қатраи хунаш, ки бувад донаи нор;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам.
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам, ҳама сардам.

Сурмаҳои сар мижгони санавбар аз хок,
Ба куҷо хушаи ангур бирафт аз кафи ток?
Мардум имрӯз агар хирману анбор гирифт,
Чашми ман дар сари мижгон пари каҳ бор гирифт;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам, ҳама сардам.

Нарасидаст, напухтаст чу такмеваи боғ
Чиқадар мева аз ин боғу аз он меваи боғ.
Нарасидаст, напухтаст чу такмеваи шеър
Чиқадар меваи шеърам, ки дар ин шохи қалам;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам, ҳама сардам.

20 Ноябри 1998 Сиэтл.

ФАРИШТА

Фаришта, эй фаришта, эй фаришта,
Дилам дар сина мекӯбад думушта,
Диламро карда ишқат бесаришта,
Саришта рафта аз дастам чу ришта.

Фаришта, эй фаришта, эй фаришта,
Маро абрӯнависии ту кушта,
Ба кирдорат қаламдасте надидам
Ба ин шаҳбайти абрӯи навишта.

Фаришта, эй фаришта, эй фаришта,
Ду рӯят лолазори пушта-пушта,
Ду чашмам дар саропои ту гашта,
Вале сар то ба поятро нагашта.

Фаришта, эй фаришта, эй фаришта,
Шудам аз печутобат ришта-ришта,
Худовандат аҷаб хушгил сиришта,
Ки аз обу гилат чун гул сиришта.

Фаришта, эй фаришта, эй фаришта,
Нашуд чун байти абрӯят навишта,
Қасам хӯрдам ба шири дафтар аз шеър,
Қасам хӯрдам ба шеъри нонавишта.

БА ШОИРИ ҶАВОНМАРГ ҲАБИБУЛЛО ФАЙЗУЛЛО, ЁДАШ ХАЙР БОД.

Ҳанӯз аз ҷилди китобаш бар ман
Сураташ тозаву тар механдад,
Сураташ бехабар аст аз маргаш,
Сураташ, бин, чи қадар механдад.

ЗАМИНИ БЕТАРАФ[15]

Замини бетараф ҳадди ду амлок аст,
Ки чандин посбонҳо дорад аз ҳар сӯ.
Ба мисли хонаи чашмаш ҳамепоянд,
Чу мижгон рӯ ба рӯ истода мӯ бар мӯ.

Замини бетарафро дар замин дида,
Яқин кардам ҳудуди имтиёзамро.
Ба ҳукми ҷонамози мӯйсафедон буд,
Намондам пеш пои бенамозамро.

[15] Ин шеър дар 24 - мисраъ ба номи Муҳаммадҷон Шукуров (Шакурӣ) буд, вале ҳамин ки лабонашро лесида-лесида ба ҳукумат хуш-хуш гуфтан гирифт номашро аз замини бетараф бартараф кардам.

ДАР АЗОИ ДОДАРАМ ИБРОҲИМ

Дар кадомин сарои Иброҳим,
Ин қадар камнамои Иброҳим
Талхаам мекафад агар гӯянд
Дар дили пуштаҳои Иброҳим.
Даҳ сари сол дарбадар будӣ,
Боз дар ким-куҷои Иброҳим.
Даҳ баҳору хазон магар кам буд
Боз аз мо ҷудои Иброҳим.
Як сафар ҳам наход дар даҳ сол
Хонаи ман наоӣ Иброҳим.
Магарам ман ба хонаи ту равам,
Дар лаҳад дар кушоӣ Иброҳим.
Тӯҳфаат як чароғ хоҳам бурд
Гӯри берушноӣ, Иброҳим.
Ин қадар зуд, ин қадар нохост
Аз чӣ карди ҷудоӣ, Иброҳим.
Гашта-баргашта модарам мегуфт,
Кенҷатулфори[16] моӣ, Иброҳим.
Кӯдаки чиллаи зимистонӣ,
Тифли соли сиёи Иброҳим.
Соли кунҷораву сабусхорӣ,
Давраи нонгадоӣ, Иброҳим.
Ин сиёҳӣ нарафт аз бахтат
Дар ҳазор осиёе, Иброҳим...
Панҷ тоҷи сари маро гардун
Бурд аз ман ҳавоӣ, Иброҳим.
Боварам, боварам намеомад,
Ки ту ҳам бебақои Иброҳим.
Ҳар касе бар дарат нигаҳ мекард,
Ки ту кай мебароӣ, Иброҳим.

---

[16] Тифли кенҷагӣ (вожаи модарам)

Ҳайфи он қадбаландӣ, яктоӣ,
Ҳайфи он хушнамоӣ, Иброҳим.
Бо қаде ончунон аламнок аст,
Ки ду рӯзе напоӣ, Иброҳим...
Ними мо дар ҷавонӣ шуд нобуд
Агар аз бенавоӣ, Иброҳим;
Бармаҳал ҷон супурд ними дигар
Фақад аз бедавоӣ, Иброҳим.
Кист аз мо, ки рост, рост намурд
Аз хуруҷи фаҷоӣ, Иброҳим.
Кист аз мо, ки ҷон надод охир
Дар таби бешифоӣ, Иброҳим.
Кист аз мо, ки ёфт, ки ёфт, ки ёфт
Аз маризе раҳоӣ, Иброҳим.
Кист аз мо, ки бо алам нагузашт
Аз ғами норасоӣ, Иброҳим.
Кист аз мо, ки дид, ки дид, ки дид
Аз касе раҳнамоӣ, Иброҳим.
Кист аз мо набуд, набуд, набуд

Бо рафиқон фидоӣ, Иброҳим.
Кист аз мо, ки дарду ғам накашид
Аз рафиқи риёӣ, Иброҳим.
Кист аз мо, ки аз рафиқ надид
Ба ҷуз аз бефаоӣ, Иброҳим.
Кист аз мо, ки аз рафиқ нахӯрд
Ҳеҷ, ҷуз пешпоӣ, Иброҳим.
Аз мазорат гузашту оҳ нагуфт
Халқи дандонтилоӣ, Иброҳим
Ҷуз саги мо касе нахоҳад кард
Дар ватан гӯрпоӣ, Иброҳим...
Кист аз хонадони мо, ки набуд
Содда чун рустоӣ, Иброҳим.
Кист аз мо надошт модарзод
Табъу завқи зиёӣ, Иброҳим.
Кист аз мо, ки ӯ нагуфту нахонд
Шеърҳои ғаноӣ, Иброҳим.
Кист аз мо, ки машқ, машқ накард
То ҳазорон рубоӣ, Иброҳим...

Бетуам шаҳсутуни сина шикаст,
Дар куҷо, дар куҷои Иброҳим.
Ҷуз хаёлат дигар надорам ман
Ҳеҷ чизи баҷоӣ, Иброҳим.
Дар азоят манам, ки мегӯям
То абад: Вой! Вои Иброҳим!
Чехраатро даруни синаи хеш
Кардаам мумиёӣ, Иброҳим.

10 Феврали 2003 Сиэтл


Manuchor Sobir

ҲАЙКАЛЧАИ БУДОӢ[17]

На ҳар чӣ ба қомат меҳтар-
ба қимат беҳтар.
(Саъдӣ)

Ҳарчанд, ки тандиси абулҳавл баланд аст,
Ҳайкалчаи тиллоии будоӣ писанд аст,
Тандиси абулҳавл баланд аст ба қомат,
Ҳайкалчаи будоӣ баланд аст ба қимат.

Хуршед, ки гардонадаш офоқ дар нагушт
Хуршед на, гуфти ту, зарандуда калид аст.
Дарбони уфуқ қулфи дари бастаи шабро
Аз рӯзи аласташ ба ҳамин боз намудаст.

Дар баҳс яке гуфт чунин нуктаи бебаҳс:
Як нуқта маро ҷойи ситодан ба ҳаво бас,
То ин, ки дар он нуқтача ман такя намоям,
То ин, ки заминро ба сарам чаппа намоям.

Ҳар пайкаре дар назарам санги дурушт аст,
Ҳар гуна калиде накушояд дари дилро,
Танҳо туӣ он нуқта, ки ман такя намоям,
Танҳо туӣ ҳайкалчаи тиллоии будо.

[17] Бахшида ба яке аз рафиқонам

БИНШИН БА РӮИ ЧАШМИ МАН

Дар ин замин монанди ман
Ошиқ намеояд дигар,
Биншин ба рӯи чашми ман,
Лоиқ намеояд дигар.

Ғайр аз шаби мӯят маро
Шабҳои эҷодӣ мабод,
Ҷуз байти абрӯи ту нест
Байте, ки мемонад ба ёд;

Дар ин замин монанди ман
Ошиқ намеояд дигар,
Биншин ба рӯи чашми ман
Лоиқ намеояд дигар.

Аз ҳар шаби назме, ки ҳаст
Моро шаби мӯйи ту бас,
Дар коғази рӯят ҳамин
Шаҳбайти абрӯи ту бас.

Ҷоно баёзи гарданат
Беҳ аз баёзи шеъри ман,
Шеъри тари лабҳои ту
Ҳаргиз наафтад аз даҳан.

Дар ин замин монанди ман
Ошиқ намеояд дигар,
Биншин ба рӯи чашми ман
Лоиқ намеояд дигар.

БО ХАСЕ ТАНҲО БА ТАНҲО

Аз тани ҷар сулфа мекард
Буми кӯре ҳамчу одам,
Аз сари каҳдарза мехонд
Зилла бо овози форам.

Имшаб аз нав тоза мешуд
Дар дилам ғамҳои пешин,
Гуфтугӯ мекардам аз нав
Ман ба одамҳои пешин.

Бо касе мегуфтам аз сӯз
Чун гирифтат пушта бар пушт,
Мекашам чун бору бандам
Пуштаҳоро бо ту дар пушт.

Аз касе мехӯрдам афсӯс
Бо хасе танҳо ба танҳо,
Мечакид аз дидаи шаб
Ахтаре чун ашки тилло.

НОНУ НАМАК

Ҳамсояи ман Теша Рачаб ранги малак буд
Ҷояш на замин, чархи фалак, чархи фалак буд.
Бар даргаҳи ӯ, гӯӣ ту, пешонии лухташ
Пешонӣ набуд, дар назарам нону намак буд.

СУГВОРА

Аз марги бародарони бечораи хеш
Меноламу шеър метарошам шабу рӯз,
Шеъре на, гириста ман ба нохуни қалам
Ҷӯз рӯйи варақ намехарошам шабу рӯз.



ҲАЙКАЛИ ЛЕНИН ДАР СИЭТЛ

Ҳар нафас, ҳар қтра хун, ҳар тори мӯям
коммунист.
(Мирзо Турсунзада)

Андар ин шаҳр, ки анбӯҳ-анбӯҳ
Саду як ҷилди китобхона дуруғ аст,
Саду як дафтару маҷмӯа дуруғ аст,
Саду як маҷлису маърӯза дуруғ аст,
Саду як нусха дуруғ аст;
Менависанд дуруғ
Ва дуруғ мегӯянд
Ва дуруғ механданд
Ва дуруғ аст салом
Ва дуруғ аст ҷавоб;

Путки оҳангариаш мушти ҳазорон полис,
Доси деҳкониаш аз чашми ҳазорон ҷосус,
Чашм не, тиккаи ях,
Чашм не, тиккаи як шишаи тез,
Нест қалбе, ки рагашро назанад гӯшаи
ин шишаи чашм.

Мо надорем дар ин шаҳр шинос,
Мо надорем дар ин шаҳр ҷариб,
Мо дар ин шаҳр надорем рафиқ,
Мову як ҳайкали Ленин наздик,
Мову як ҳайкали Ленин тоҷик.

Бо ҳамон ришаки маъмулии хорак-хорак,
Дасти ёзида ба пеш,
Дар сараш “шапка”-и машҳури чуқур
то сари гӯш,

Хоксорона, назарногир аст,
Аз ҳама пайкараҳо, манзараҳо,
мақбараҳо, лек кабир аст.

Андар ин мулк, ки аз озодӣ
Мезанад лоф, валекин ҷалабӣ озод аст,
Хоямолию қимор озод аст,
Чист ин "Ҳайкали озодӣ"-ии
машъалдораш?

Ҷалабе дар Нию-Ёорк,
Ки ба якчанд доллар
Ба шумо хоҳад дод.

Лек аз ин "ҳайкали озодӣ"-ии озодифурӯш
Чиқадарҳо касали сифилиси озодӣ шуданд,

Чиқадарҳо касали СПИД-и озодӣ шуданд...

Низ дар як сари кӯҳ чор сарест, -
Чор тандиси тарошида ба харсанги азим,[18]
(Ки ҷалабҳои сиёсии ҳукумат будаанд дар вақташ,

Сифилисҳои сиёсии ҳукумат будаанд дар вақташ);
Дар ҷаҳон аз ҳама тандис баланд аст,
Аз ҳама аҳром баланд аст
ва баланд аз ҳама бут аст, вале
ту, ки бо Ленинашон монда муқоиса кунӣ,
Гарчи дар қуллаи кӯҳанд,
Чиқадар пасту ҳақиранд,
Чиқадар берӯҳанд,
Ки на дар қуллаи руҳанд чу Ленин
Ва на чун ҳайкали Ленин ҳамадам дар анбӯҳ:

Ҳеҷ бе ёғиву бе осӣ нест,

---

[18] Манзур тандиси якҷояи Ҷорҷ Вашингтон, Томас Ҷеферсон, Абраҳам Линколн ва Теадор Рузвелт аст, ки ҳамчун президентҳои фахрии Ш.М.А. дар штати Дакота дар қуллаи кӯҳи Рушмор тарошида шудааст.

Минбари коршиканҳои ҷаҳон аст,
Ҷои бардоштани парчами оҳангари
вақт аст,
Ҷои сӯҳонзадани доси сурх,
Ҷои бардоштани путки сурх.

5.6.02. Сеатл, Ш.М.А.

ШЕРВОРАИ САДДОМ ҲУСЕЙН

Сари Спитаминро ҳамсараш бурида
ба урдуи мақдуниҳо тӯҳфа бурд,
бо ҷомаҳои тари хунолуд.
Масеҳро қавми яҳуд фурухт
(Хунаш ҳанӯз ношустааст)...
Ва ҷаъфар дудаев бо тутаи чеченҳо
мунфаҷир гардид,
Ба Саддом Ҳусейн арабҳо хиёнат карданд
(Эҳтимол сарашро бурида ба Қасри Сафед
фиристода бошанд).

Қайсари Румро аъзои сенаташ бо бисту ҳашт
шамшери обдор бисту ҳашт захм заданд,
аъзои баданаш тикка-тикка шуд
(Шамшери вопасинро писархондааш зад)
Ва Саддомро аъзои ҳукуматаш гирифтор
намуданд, -думҷунбонакҳо,
Лоф мезаданд, ки агар тир нашавад бо теғ меҷангем.
(Ман ин думҷунбонакҳоро ҳамчун рӯбоҳ
аз даҳонашон пӯст мекандам).
Эй мирону амирон,
Эй султонҳои араб,
Шарматон бод, ки ба дастбӯсии янкиҳои
лутӣ баромадед;
Ба хилъатҳои сафедтар аз барфу
намозитар аз коғазатон шошидаанд инҳо,
варақҳои Қуръонатонро дар
ҳоҷатхонаҳояшон хоҳед дид.

Эй мардҳои зери чодар,
Эй арӯсакҳои хунсо,
шарматон бод, ки аз хуни ҳамхунҳоятон
ба даст ҳино мебандед.

Шарматон бод, ки тасбеҳ мегардонед,
вале ватан мефурӯшед,
Арақчинҳои сафед дар сар навкарию
Ҳоямолии аҷнабӣ мекунед ва ба хуни
Миллати хеш таҳорат.

Ба тифлони маъсуматон мефармоед, ки
Расми буши лутиро бибусанд.
(Мавриде, ки мардуми ҷаҳон ҷуҳудбашараи
ин буш безоранд.
(Ҳамин, ки дар шишаи телевизор пайдо шуд,
беихтиёр ба он туф мекунанд).

Эй тӯдаи музахрафи араб,
ва эй амирони мурдор,
шуморо касе намешиносад.
Арабистон - Саддом Ҳусейн аст,
Саддом Ҳусейн - Арабистон.

Оё донг-донгу данг-данги зангӯлаи
Калисоеро нашунидаед?
Лашкари ҷаррореро ба ҷанг ҳидоят
менамояд.
Ва инқадар насорӣ, ки аллалуя-аллалуя[19]
Дуо мехонанд, барои ҷанг аст.

Вале шумо шайхҳои арабро дидам, ки
Дастҳо паси гардан пеш-пеши туфанг
Медавидед ва дар панҷаатон чаллаҳои
Тиллоӣ барқ мезаданд,
Аз куҷо дуздида будед?

Оё медонед, ки фавҷ-фавҷи мошинҳои Америка,
Фавҷ-фавҷи мошинҳои Британия,
Фавҷ-фавҷи мошинҳои Канада...
Ба бензини араб не, ба хуни араб мегарданд.

---

[19] Оллоҳу акбар.

Қубурҳои нафти араб-уруқи хуни араб,
Рагҳои бадани арабҳоянд, ки якзайл
фушурдаю макидаю ҷафида мешаванд,
То вақте, ки қатрае дар онҳо намонад;
То вақте, ки хушк нашаванд.
Ва ҳамчун мағзи устухони араб
балъидаю такида мешаванд,
то дараҷае, ки пӯку тиҳӣ нагарданд.

Ҳадафи тирандозони махфию пинҳонии
Қасри Сафед киҳоянд?
Равшанфикрони миллӣ,
сиёсатмардони миллӣ,
шахсиятҳои миллӣ,
ки аз ҳар гӯшае сояашонро ба тир мезананд.
Вале ватанфурӯшон-артистони лухтактеатраш;
Ҳар рӯз якеро грим карда аз Вашинг-тон- ДС
рост ба чавкие бурда мешинонанд.

Америка мамлакати дурӯя аст,
Як ними рӯяш сафеду як ними рӯяшсиёҳ.
Аълон ман сахт нигаронам, ки чи дасте,
Чи муште зада ними сафедашро ҳам сиёҳ мекунад.

Янкиҳо Бағдоди афсонаҳои “ҳазору як шаб”-ро
дар як шаб барбод доданд,
Чароғи сеҳрноки Алоуддинро, ки
ҳазор сол ин ҷониб месӯхт куштанд,
шаҳри шаҳриёрону шаҳрзоди афсонагӯро сӯхтанд.
Ва он қадар каргасҳои ғанимат
ҳуҷумиду рехту чанголу минқор
заданд, ки чизе намонд...

Вале дар чашми ман чизе наменамояд,
ман чизеро намебинам.
Дилам ба чизе намесӯзад, ки ба
Саддом месӯзад,
ва ба касе намесӯзад,
ки ба Саддом месӯзад.

Ҳеҷ шоҳзодаи “Ҳазору як шаб”
Сурати Саддомро надошт:
Бурутҳои сиёҳи ғафс,
Абрӯҳои ҳалқа-ҳалқаи баланд.

Мегуфтӣ, ки Сталин;
Мегуфтанд, ки писари Сталин аст.
Формаи низомӣ ба андоми варзидаи ӯ
зебанда буд,
Ку беретпӯше ҳамчу Саддом Ҳусейн,
берет ва тағмаи “оллоҳу акбар”
дар гӯшаи он.
(Мегуфтанд, ки чандин дугоник дорад,
Эй кошки ҳазору як дугоник медошт
Ва ҳазору як Саддом мебуд).

Эй миллати мазлум, ки дар
азои Ҳусайн
(Шаҳиди аввали дашти Карбало)
сина мекӯбию занҷир мезанӣ,
шармат бодо, ки дар азои Ҳусейн
(Шаҳиди сонии дашти Карбало)
сару сина нахарошӣ, худро ба шаш қатор
Занҷири ашки хунин назанӣ,
ба рӯйу рухсора.

5.10.03. Сиэтл, Ш.М.А.

ФИДОӢ БУД АҲМАДШОҲИ МАСЪУД

Фидоӣ беҳтарин сарбози меҳан,
Нигини ҳалқаҳои оташу дуд.
Фидоӣ то насӯзонад насӯзад,
Фидоӣ буд Аҳмадшоҳи Масъуд.

Бибандад дар камар норинҷакашро,
Ки бандад пеши роҳи лашкаре зуд,
Фидоӣ чораи таъҷилии ҷанг;
Фидоӣ буд Аҳмадшоҳи Масъуд.

Ҳар он захме, ки аз норинҷаки ӯ
Ба рӯйи синаи душман бадар шуд,
Ҳамон сурхида норинҷи фидоист;
Фидоӣ буд Аҳмадшоҳи Масъуд.

Фидоӣ шишаи тарканда дар даст.
Ту гӯӣ, шишаи ҷонаш ҳамин буд
Ба зери танки душман мешитобид;
Фидоӣ буд Аҳмадшоҳи Масъуд.

Фидоӣ ҷуз кафан чизе напӯшад
(Фидоӣ бе зиреҳу бе кӯлаҳҳӯд),
Ба ғайр аз як кафан чизе надорад;
Фидоӣ буд Аҳмадшоҳи Масъуд.

Фидоӣ байни хирманҳои оташ
Чу байни хирмани гул масту хушнуд
Занад пар ҳамчу мурғи оташинбол;
Фидоӣ буд Аҳмадшоҳи Масъуд.

Фидоӣ нест он марде агар мурд
Наояд аз либосаш бӯйи борут,
Фидоӣ кай равад аз ҷабҳа берун;
Фидоӣ буд Аҳмадшоҳи Масъуд.

Фидоӣ он, ки аз хунаш шавад сурх
Ба вақти дафнкардан чӯби тобӯт,
Фидоӣ мехӯрад тири аҷониб;
Фидоӣ буд Аҳмадшоҳи Масъуд.

Фидоӣ чун шавад дар ҷабҳа нобуд,
Фидоиро нашӯяд мурдашӯён,
Ки худро то ба нохун шуста бо хун;
Фидоӣ буд Аҳмадшоҳи Масъуд.

Фидоӣ бо сипоҳи янки дар ҷанг
Чи дар Кобул, чи дар Бағдоду Бейрут,
Фидоӣ дар камингоҳи Фаластин,
Фидоӣ буд Аҳмадшоҳи Масъуд.

Шапуе[20] дар сараш аз пашми уштур,
Туфангаш дар бағал, дар почааш бут,
Хӯрокаш тути хушку маъманаш кӯҳ;
Фидоӣ буд Аҳмадшоҳи Масъуд.

Агар меҳанпарастиаш намебуд
Фидоӣ парчами миллат намешуд,
Чу шери панҷшераш бисту се сол
Фидоӣ буд Аҳмадшоҳи Масъуд.

[20] Шапу - кулоҳи гирдаи пашминаи афғонӣ.

АМЕРИКА + БРИТАНИЯ + КАНАДА + СИОНИЗМ

(Шеървора)

Дар биёбони Карболо ҷамъияте сабадҳои гул
дар даст танкаҳои америкоиро пешвоз мегиранд...
Тифлакони маъсуме сурати Буши бадсуратро
мӯчӣ мекунанд...
Сарбозони америкоӣ ҳамчун аломати гуманизм
бо араббачаҳо футбол мебозанд...
Туф бар ин ҷуҳудтеатри сионизм,
Америка + Британия + Канада = псевдо - гуманизм.

Дар Қасри Сафед гримхонаест, ки ҳар рӯз як
ватанфурӯшеро ришу бурут часпондаю салла
баста ба чавкии арабу аҷам мешинонад.
Америка + Британия + Канада = империализм,
Америка + Британия + Канада = бандитизм.

Идеал - пул,
Дар сандуқи синаҳо дил нест, пул аст ва
дандонҳо-дандонаҳои калид.
Издиҳоми бепулон дар зери пулҳо мехобанд.

Озодӣ:
Мӯйи саратро ба ҳар ранге, ки хоҳӣ рангоранг
кардан гир.
Дар гӯшу бинию дасту гарданат чиқадар, ки хоҳӣ
Ҳалқаю занҷир овехтан гир.
Аъзои баданатро “наколка” зада ало-було
кардан гир.
Саҳнаҳо пуропур аз нашъамандони сарояндаю
навозанда, ки покӯбию сарафшонию девонагӣ
мекунанд.

Ва халта-халта синаҳои урён, ки бо синабандак
ба гарданҳо овезонанд.
қимору қартабозӣ- қонунӣ,
Лутигарӣ- қонунӣ,
Издивоҷи ҳамҷинсҳо - қонунӣ,
Бо сагҳо зану шавҳар шудан - қонунӣ...
Америка + Британия + Канада = парнографизм,
Америка + Британия + Канада = гомосексуализм.

Ибодатхонаҳо низ пур аз лутию пуштӣ ва дар
дасти ҳар кадоме як ҷилд “Таврот”,
Дар дасти то ба оринҷ хунолӯди Буш ҳам.
Америка + Британия + Канада = семитизм,
Америка + Британия + Канада = баптизм.

Америкоии маъмулӣ
(Аз зарби истеъмоли ғизои химиявӣ):
Гардан ниҳоят ғафс,
Тавқи ғабғаб то ба сари сина овезон.
Шикам ниҳоят бузург, то ба сари зонуҳо.
Калла-чӯкадуи дастмолхӯрдаи хушк
ва рӯйтахтаи чортарош.
Маълумот - о
завқ - о
ҷаҳонбинӣ - о
ахлоқ - о
дӯстию рафоқат - о
оилаю оиладорӣ - о
аклу фаросат - примитив...
Америка + Британия + Канада = примитивизм,
Америка + Британия + Канада = трагизм.

Агентура:
Созмони Милали Муттаҳид,
“Ҳилоли аҳмар”,
“Амнисти Интернешнл”,
“ОВСЕ”...
Америка + Британия + Канада = авантуризм,
Америка + Британия + Канада = шпионизм.

Расонаҳои хабарӣ аз оғоз то ба анҷом дурӯғ,
Оффисҳо -коғазбозӣ,
Ҷӯрабозӣ,
Ҷуҳудбозӣ...
Америка + Британия + Канада = бюрократизм,
Америка + Британия + Канада = кариеризм.

Ҳой африқоӣ!
Ҳой осиёӣ!
Ҳазор сол аст, ки Британия шуморо ғорат мекунад,
вале боре ҳам ғораташ накардед, чаро?
Чунки сахт мусаллаҳ аст.
Гарави мавҷудияти мо -ҷанг ва ғалабаи пайдарпай
аст, вагарна коммунизм ғалаба хоҳад кард, -
мегуфт Черчил.
Америка + Британия + Канада = милитаризм,
Америка + Британия + Канада = колониализм.

Ба Хирасима ва Нагасаки на Германияи ба қавли
ҷуҳудҳо фашистӣ бомбаи атомӣ партофт ва на
С.С.С.Р.-и коммунистӣ,
Америкаи “демократӣ” партофт.
Америкаи “демократист”, ки кулбаҳои похсагии
афғонро бомбаборон мекунад,
каппаи африқоиро оташ мезанад,
кӯдакҳои арабро тарконда бе дасту по месозад.
Хуни писарони Саддом Ҳусейнро
(Ҳамчун хуни Сиёвуш аз Афросиёб,
ҳамчун хуни имом Ҳусайн аз банӣ-
Маовия) аз сионизми хунхор, ки ба ноҳақ рехт
ситонед, ситонед!
Америка + Британия + Канада = фашизм,
Америка + Британия + Канада = терроризм.

Ш.М.А. Ҷои инсони бошараф нест,
Ҷои инсони бо виҷдон нест,
Ҷои соҳибдилу соҳибзавқ нест,
Ҷои бонангу номус нест,

Ҷои бешараф аст,
Ҷои дарранда аст,
Чунон даҳшатнок аст, ки агар амиқ тасаввур кунӣ
дар як он мӯйи сарат сап -сафед гардида,
устухонат об шуда мерезад.
Америка + Британия + Канада = шовинизм,
Америка + Британия + Канада = трагизм.

Нест бодо капитализм!
Империализм!!
Сионизм!
Зинда бодо болшевизм!
Ленинизм!
Коммунизм!

7.20.03. Ш.М.А.

ЧОРПОРА

(Рубоиҳо)

Ҳар шеър, ки пора-пора месозам ман
Пайдост, ки чорпора месозам ман.
Ҳар пораи чорпораам пораи дил,
Дилро дуҳазорпора месозам ман.

Фарёд, ки кал шудам ман аз кал-кали шаҳр,
Кам нест ба шонаам пайи дангали шаҳр;
Дар шаҳри ман одамаш ба одам гург аст
Ё одами ҷангалӣ дар ин ҷангали шаҳр.[21]

Гулҳои ватан начидаам даҳ сари сол,
Дидори ватан надидаам даҳ сари сол;
Мебинамаш аз харитаи деворӣ,
Дурии ватан кашидаам даҳ сари сол.

Ҳар қадр, ки дарбадар нагардидам ман
Дарҳои кушода аз даҳан дидам ман,
Ҷуз бо даҳани калон касе мард набуд,
Ҷуз бо даҳани калон ҷавонмард набуд.

Ин шохаи паҳлавӣ, ки дилкаш будаст
Аз кундаи гардани Сиёвуш будаст,
З- он гардани сарбуридаи тар аз хун
Рӯида ҳазор шохаи панҷаю даст.[22]
Шаҳри тару ошиқони боронхӯрда,
Сурхида чу арғувони боронхӯрда;
Дасти тару гардани тару бӯсаи тар,
Гулбарги тари лабони боронхӯрда.

Инро, ки ба хуни ӯ касе бинвиштаст
Дар чӯби чалипои Масеҳо будаст:
Ҳар ҷо, ки паямбару даҳое бошад,
Дар пушти сараш ҷуҳуди хоине ҳаст.

---

[21] Нисбати Ш.М.А.
[22] Аз Фирдавсӣ бардоштам: Гиёро диҳам ман кунунат нишон,
Ки хонаи ҳаме хуни Исёвушон.

Устуни замин тираки Файзобод аст,
Аз дастаи сабзи тешаи Фарҳод аст;
Он дастаи тешае, ки дар даст шикаст,
Тирак шуда дастаҳои дигар додаст.

Аз базми малак фалак шунидам шаби дӯш,
Аз Одинаи малак шунидам шаби дӯш;
Раққосаи ӯ ситораи Зуҳро буд,
Аз базми малак чапак шунидам шаби дӯш.[23]

Ин барф, ки қомати маро хам кардаст,
Абрӯи маро пур аз шакарнам кардаст,
Ҳар шому саҳар назар ба оина кунам
Дар боми сарам барфи дигар зам кардаст.
Дар сабзаи рӯ гулоб мепоши ту,
Дар барги лаб атри ноб мепоши ту;
Борони баҳори сунбулат аз атр аст,
Атре, ки ба мисли об мепоши ту.

Бо дасти нашуста нанавис шеър, нагӯй
Гар об нагардони даҳанро дар чӯй,
Бигзор қалам, ба ҳурмати Нодирпур
Аввал ту бирав даҳан бишӯ, даст бишӯй.[24]

Он кас, ки касе намешуморад ба касаш,
Он кас, ки касе намешуморад ба хасаш,
Байроқи замонаро парафшон кардаст
Аз боди димоғу аз шамоли нафасаш.

Ду қумрӣ нишаста, якдигарро ба даҳон
Пар-пар зада дона медиҳанд аз хӯрдон,
Ду мушти паре, ду ҳампаре нӯли ба нӯл,
Дар рӯйи чаҳон ба чуз ҳамин нест қабул.

---

[23] Сугвораи Одина Ҳошим, ёдаш ба хайр бод.
[24] Нодири Нодирпур дасти нашуста натанҳо нон намехӯрд, шеър ҳам наменавишт.

Он рӯзу шабе, ки маздакӣ мекуштанд,
Нокушта дарахтҳо барин мекиштанд:
Сарҳо ҳама ҳамчу реша дар хок панҳ,
Поҳо ба мисоли шохсорон ба ҳаво.[25]

Аз қиссаи сангсори Бобак кӣ шунид?
Бо панҷа ба ҳарду гуна хун мемолид,
То халқ ҳасад барад, ки рӯяш сурх аст,
Аз тарсу ҳарос ранги рӯяш напарид.[26]

Эй бе ту сари тамоми мо гашт сафед,
Эй бе ту тамоми мо шудем мӯйсафед,
Дар хок туро ба дасти худ биспурдем,
Аммо нигаронем ҳанӯзат ба умед.[27]

Хоби абадат ба шеър ошуфта кунем,
Санги лаҳадат ба бӯсаҳо суфта кунем,
Ҳарчанд, ки бе болину бистар хобӣ,
Дар сояи мижгони санавбар хобӣ.[28]

Баргардам агар ба хонаам, баргардам
Дар гирди мазори хонаам мегардам,
Бо ҳар каси кӯча мекунам сӯфисалом,
Бо ҳар хари мурда ҳам, саги дайду ҳам.

Ланҷам чиқадар, ки дар ҷаҳон будам, буд,
Ранҷам чиқадар, ки дар ҷаҳон будам, буд.
Бо ин ҳама ланҷу ланҷ, бо ин ҳама ранҷ,
Дар даст набуд дастранҷам, ки набуд.

---

[25] Дар бораи кушта шудани Маздак ва пайравони оинаш:
Ба дашт омад аз маздакӣ се ҳазор ...
Бикуштандашон ҳам ба сони дарахт
Забар пойю сар зер оганда сахт.
(Аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ).

[26] Бобакро санг мезаданд ва хун ба ҳарду даст ба рӯй мемолид, ки нагӯянд тарсид ва ранг бохт. (Аз вараҳҳои таърих).

[27] Дар ҳасрати бародари чавонмаргам Темур.

[28] Барои зиндаёд Нодири Нодирпур.

Роҳҳоят агар хотири отир доранд,
Оё қадами маро ба хотир доранд?
Базму тараби ту эй ватан, дар сари сол
Гӯяндаю хонандаю шоир доранд?

Қишлоқи маро, ки тозаю тар будаст,
Он сӯзанакаш[29] сӯзани модар будаст,
Ангури чиликаки сари девораш
Чун хушаи панҷаҳои хоҳар будаст.

Аз ёд нарафт мурғи шабкӯри ту,[30]
Боғи туву боғбони ранҷӯри ту,
Дар навқаламиамон ҳуҷум мекардем
Чун мӯру малах ба “Шеъри ангур”-и ту.

Андар шаби тори мӯйи ман субҳ дамид,
Гуфтӣ ту, ки умри ман ба як шаб нарасид;
З-он пеш, ки мурғи субҳ фарёд кунад,
Мурғи дили ман ҳазор фарёд кашид.

Ин себ, ки якта-якта меафшонад
Аз боғи фалак фаришта меафшонад,
Себе на, ситораҳои шабро ба замин
Монандаи себи пухта меафшонад.

Эй шаб, шаби маҳтоб, шаби пӯстсафед,
Андоми туро наметавонам начарид,
Чун маскаи тар наметавонам начашид,
Чун шир наметавон туро дам накашид.

Дар рӯйи замин агар худо ҳаст ҳанӯз,
З-он аст, ки одами гадо ҳаст ҳанӯз;
Аз рӯйи замин агар гадо нест шавад,
Лозим нашавад худо, худо нест шавад.[31]

---

[29] Гиёҳи хӯрданист сӯзанвор.
[30] Баргирифта аз “Шеъри ангур” -и Нодири Нодирпур.
[31] Исмоили Ҳӯй:
Дар хоки ман ҳанӯз худо ҳаст,

Ҳарчанд, ки хонаи падар вайрон аст,
Вайронаи рӯзҳои новайрон аст,
Вайронаи хоҳарону додарҳоям,
Вайронаи кӯдакии беҳамтоям.

Дар Марв, ки Яздигурдро[32] зору забун
Куштанд дар осиёб бо нанги фузун,
Гӯянд, ки осиёбҳо гардонанд
Умре ҳама дар вилояти Марв ба хун.

Он роҳ, ки ҳарду чашми ман мепоянд,
Кам мегузаранд аз ону кам меоянд;
Роҳест чунон, ки бо ҳавопаймояш
Дар ду шабу дар ду рӯз мепаймоянд.

Говест дар осмону номаш парвин,
Як гови дигар нуҳуфта дар зери замин.[33]
Мо низ дар ин миёна гове дорем,
Ин гов кунад гови фалакро рихин.

Ин ҷангали абр ҳам пур аз милтиқу тир
Оҳӯи пур аз ҷароҳаташ абри матир,
Тираш ҳама аз гулӯлаи боронҳост,
Хунаш ҳама аз ҷараққаи барқи ҳавост.

Эй себ, барои меваҳоят таҳсин!
Эй бед, барои сояҳоят таҳсин!
Эй арраю тешаю табархӯрда чанор,
Сад бор барои захми поят таҳсин!

Зеро дар хоки ман ҳанӯз гадо ҳаст.

[32] Шоҳи бозпасини сосонӣ, ки мавриди истилои араб то ба шаҳри Марв расида, боре ноилоҷ ба осиёбе паноҳ бурд, вале шабонгоҳӣ осиёббон кушташ ва либосҳояшро кашида гирифту ҷасадашро бараҳнаю урён ба об андохт.

[33] Байти Хайём аст.

Раққосаи моҳири биёбон мор аст,
Гулбуттаи дузахи биёбон хор аст;
Дар оинаи сароб метобад об,
Исмоили Ҳӯиро ҳамин гуфтор аст[34]

Фарёду фиғон аз ин балои бади риш,
Аз ҳар-ҳару пашму пати деву дади риш.
Бархезу биё, эй тавариш[35], эй тавариш!
Симхор бикаш дубора дар сарҳади риш.

Механдаду менамод дандонаш зард,
Мӯйи лабу панҷаҳои дастонаш зард;
Аз дуди тамоку нафасаш мепечад,
Арвоҳи хазонрезии зард аст ин мард.

Аз оби калону обаки хурди равон
Гулмоҳӣ шикор менамояд Меҳрон,[36]
Аз обаки хурд мекашад моҳии хурд,
Моҳии калон-калонаш аз оби калон.

Мо шоиракони ширчойӣ будем,
Ноништа ба ширчой мефармудем,
То шеъри сафеди ширчойӣ гӯем,
То рӯзи сафеди ширчойӣ ҷӯем.

Чун меши замин дар осмон ҳам меш аст,
Чӯпони қазо аз ину он ташвиш аст:
Ҳар шаб чу сафедаи дуруғи саҳарӣ
Дандони сафеди гург ҳам дар пеш аст.

Нохост кашида шуд раги пояш сахт
Бо пои карахт рост истод дарахт.
Умрест, ки аз замин намеҷунбад ҳеҷ
Истода дарахти рост бо пои карахт.

---

[34] Аз Исмоили Ҳӯӣ (шоири Эрон).
[35] Товариш (калимаи русӣ) манзур аз Шӯравӣ.
[36] Меҳрон номи писарам.

Шаҳре, ки манам нам аст аз боронаш,
Мардум ҳама дар ғам аст аз боронаш;
Боми дилам ушна баст аз боронаш,
Девори дилам нишаст аз боронаш.

Бо ранги бунафшу сабзи мушакҳоят,
Монанди хати шикаста сар то поят,
Устоди қалам, қаламкаши рӯзи азал
Дар коғази пӯстат навиштаст ғазал.

Ин санг агар чу шиша сайқал хӯрдаст
Пайдост, ки аз таровиши борон аст;
Аз санг агар дастаи гул рӯидаст,
Ин рӯишаш аз навозиши борон аст.

Рагҳои дили маро буриданд аз банд,
Сад теғ заданд дар рагу дар пайванд;
Рагҳои буридаи дилам хуншоранд,
Монанди найи буридаи найзоранд.[37]

Борон, ки шавад намешавад пажмурда
Гулҳои либосҳои боронхӯрда,
Борон нашавад агар, агар тар нашавад
Гулҳои либос ҳам шавад афсурда.

Дар ҳавлии ман на чормағз аст, на бед
Не арари қадбаланд, не дори сафед,
Маъзур парандагон, ҳазорон маъзур,
Дар шохаи панҷаҳои ман биншинед.

Девор агар намунаи пешонист,
Пешонии мо намунаи девор аст;
Пешонии кас агар ба девор хӯрад
Ҳушёр шавад агар, ки он девонаст.

---

[37] Бар байти зерини Ҳоҷӣ Ҳусайн:
Зи ғами ҷудоӣ Ҳоҷӣ ба фиғон чаро нанолам,
Ки чу най зи найситонам ҳама кас бурида бигзашт.

То нимаи рӯзҳо чаковак мехонд,
То ними шаби дароз чокак мехонд;
Он чокаку он чаковакамро кӣ шунуд,
Дар кӯдакиам садои тобистон буд.

Аз дашт, ки ҷир-ҷири чаковак ояд,
Чун ҷир-ҷири чашмаҳои Норак ояд;
Чун косаи об пур шавад косаи чашм
Аз чашми тари ман оби Моҳак[38] ояд.

Ман волаи сӯзане, ки гул медӯзад,
Қурбони гуле, ки Мавҷигул медӯзад;
Вақте нигарам ба сӯзани мижгонаш
Як сӯзании дигар ба дил медӯзад.

Ин оташи зарди баргрезон сард аст,
Ин шишаи айнаки ҳово пургард аст;
Ман тиру камони ҳафтранге дидам
Дар боғи хазон, ки ҳафт рангаш зард аст.

Вайронаи модарам пур аз осор аст,
Осори сағирабониаш бисёр аст;
Анҷоми шикастапораи модари ман
Дар зери нигас, дар тараҳи девор аст.

Гуфтам, ба гули хорам агар мебастанд
Кам буд дусад борам агар мебастанд,
Дар вақти шукуфтани гули хор вале
Дардо, ки ба сими хордорам бастанд.

Аз дастат агар обилаҳо барҷастанд,
Бигзор, ҳубоби обрӯйи дастанд.
Аз обилаҳост обрӯмандии даст,
Бигзор, ки дастат обрӯманд шудаст.

---

[38] Номи чашма, ишора ба шеъри Низом Қосим.

Сар то ба қадам дарахт дар хун ғарқ аст,
Бар дӯши дарахт рахт дар хун ғарқ аст;
Чун рахти тани шаҳид ин рахти дарахт
Садпораю лахт-лахт дар хун ғарқ аст.

Омад ба чаман шукуфа дар шоха савор,
Гул пойи пиёда аз паси турнақатор;
Чархофалаки тирукамон шилшиладор,
Сурхида дарахти арғувон ҳамчу шиор.

Аз Балху Бухорою Ҳарӣ то Ҳамадон
Зиндони занону мардҳо зиндонбон,
Инҳо, ки дар ин билод бе иқболанд
Ҳамфалсафаи Муҳаммади Иқболанд.[39]

Аз кӯчаи мо, ки бигзарад фасли баҳор
Аз бӯйи бадаш нафас нагирад зинҳор,
Бо бинии баста бигзарад фасли баҳор,
Аз рӯйи ту ҷаста бигзарад фасли баҳор.

Аз пул гузарам дари ватан боз шавад,
Ғамҳои диёри ёр оғоз шавад.
Ҳар ҷойи дигар маро аз ин ҷо беҳтар,
Ҳар ҷойи дигар агар, ки Дарвоз шавад.

Борони баҳорамон агар рагбор аст,
Борони сиришкамон аз он бисёр аст;
Тобӯти гарони боми каҳгилии мо
Бар шонаи хастаи қурумдевор аст.

Як рӯз агар дар таги намборонӣ,
Як рӯзи дигар дар таги ғамборонӣ;
Бар шаҳри ман омадӣ фаромӯш макун,
Бе чатр маё, маё ту бе боронӣ.

---

[39] Фалсафаи феодалие бо обу ранги нав.

Шабкӯраки пашахори шаббедорам
Бо болу пари хаёл пар-пар дорам,
Шабкӯраки шеърам, аз ҳавои шаби шеър
Хомӯшаку пашаи сухан медорам.

Ё дар дами найнавоз ё дар дами бод,
Ё ҳамдами найнавоз ё ҳамдами бод,
Фавворaи изтироб хезад аз най,
Фавворaи савти ноб хезад аз най.

Рӯзе писарам чашмаи сероб кашид,
Бо ранги зулоли обии ноб кашид,
Бар он нигаристаму дилам об кашид,
Аз чашмаи ранг чашми ман об чашид.

Он абр, ки ришта-ришта дар гардун аст
Гуфтӣ ту, ки дудаҳои овезун аст,
Гардун ҳама сақфи хонаро мемонд,
Вулқони замин ба ранги оташдун аст.

Дар хонаи ман маро намепояд кас
(Ман хонаи хешро супурдам ба магас),
Дар ҳасрати рӯйи ман фақад чашмаки дар,
Аз пушти дарам намекунад тарки назар.

Товӯсу тазарви ҳарду абрӯт парид,
Оҳӯи бухории ду чашми ту рамид;
Дар ҷангали нозу ишваи мижгонат
Сагҳои шикории нигоҳи кӣ давид?

Дидам ба ду чашм аз назарбандии ях
Гулдӯзии чевари самарқандии ях;
Ман кӯдаки барфии зимистон будам
Дар дастаки ман хурӯсаки қандии ях.

Ҳар кӯза, ки аз хоки лаби Эелок аст,
Ҳамхоки ман асту ҳамчу коғаз пок аст.
Аз кӯзаи пушти ман мапурсед маро,
Хоке, ки ба сар задам ман аз он хок аст.

На боғи падар монду на он беди қатор,
Аз беди қатор монда калбеди қатор.
Он беди қатор чӯби гаҳвора нашуд,
Ё чӯби аловӣ шуд ва ё чӯби мазор.

То хонаи ман масофаи бисёр аст,
Расмам ба ду чашми чор дар девор аст.
Аз рӯи ман оинаи ман сер нашуд,
Оинаи ман мунтазири дидор аст.

Дар хонаи ман дорӯи хобам мондаст,
Як пар қалами пари уқобам мондаст;
Ман болини ҳамсарӣ надидам умре,
Дар болини ман ҷилди китобам мондаст.

Дар пушти ман авлиё набуд, пир набуд,
Девори Хитою кӯҳи Помир набуд.
Дар пушти сарам латтамазорон буданд,
Бо латтаи пора - пораи сурху кабуд.

Ҳар ҷо, ки намеравам дилам волаи туст,
Дар боми дилам шукуфтани лолаи туст,
Қишлоқаки ман, пушти маро кас нагирифт,
Дар пушти сарам чанори садсолаи туст.

Ҳамхандаи ман гули сияҳгӯши ту буд,
Ҳамгиряи ман чашмаи хаспӯши ту буд.
Эй гумшуда қишлоқаки тиллоии ман,
Дорӯи ман оби шӯраки ҷӯши ту буд.

Қишлоқаки кӯдакӣ хасу хори ту бас,
Як лаҳза маро такя ба девори ту бас,
Дар маҳфили маҳтобии чирчираку ман
Чак-чак задани барги сафедори ту бас.

Сурхида замини лолагӣ дар таби сурх,
Барги гули лолааш мисоли лаби сурх;
Аз сурхии лолазор шабнам сурх аст,
Гуфти ту, шаби гузаштааш буд шаби сурх.

Қишлоқаки кӯдакии саҳроии ман,
Роҳи ту, раҳи бирешими лоии ман,
Дар кундаи ҳар дарахти ту пинҳон аст
Як кӯзача кӯдакии тиллоии ман.

Дарвозатароши шаҳри бедарвоза
Дар хотираҳо бимонд беандоза,
Чун сурати барқаде тасаввур гардад
Истода ба чорчӯби ҳар дарвоза.

Вақте, ки шамол мевазад дар найи хушк
Савти найи хушк мешавад чун майи хушк,
Мастона, ки чарх мезанад маҷнунбед,
Мерақси ту ҳам ба рақси дарвешии бед.

Аз ёд мабар, ки боғбон бо табару
Бо тешаю арра кор дорад бо ту,
Пеш аз ҳама эй дарахт чӯбӣ, чӯбӣ,
На току на олӯча, на олӯболу.

Аз барги хазон тамоми дунё зард аст,
Ҳар барг чу коғази авасто зард аст;
Дар ҳар тарафе боди хазон шеърашро
Дар зарвараҳи дарахт иншо кардаст.

Ҳарчанд, ки пеш-пеш рафтам умре,
Ҳатто қадаме пеш нарафтам умре;
Ҳарқадр қадам задам фурӯ рафтам ман,
Зеро, ки ман аз хеш нарафтам умре.

Ба шохи дарахтони ту ҳампайвандам,
Ҳарчанд, ки ман меваи ғам мебандам,
Печида ба решаи дарахтонат низ
Қишлоқаки кӯдакӣ, рагу пайвандам.

Фикрона ба ҳар паранда ҳампарвозам,
Аз кӯдакӣ баччаи кабутарбозам;
Дар боми дилам кабутарон мерезанд,
Аз боми дилам кабутарон мехезанд.

Гуфтам ба ту соли 2000-ум 2000
Табрик, на кам аз ин, на аз ин бисёр,
Аз гуфтаи порина, ки як сол гузашт,
Табрик, бародар, 2000- у 1 бор.[40]

Як духтари қадбаланд шуд духтари ман,
Шаҳдухтари дилписанд шуд духтари ман;
Оинаи қаднамо харидан лозим
Лоиқ ба қади расо харидан лозим.
Парҳои пароканда ба ҳар бому даре,
Бишкаста ба зери пойи ҳар раҳгузаре;
Бингар, чиқадар харобкорӣ кардаст
Сайёд ба як парандаи мушти паре.

Ҳар ҷо, ки навиштаи қаламҳои ман аст,
Тавъам ба навиштаи қадамҳои ман аст;
Дар коғаз агар, ки менавиштам ба қалам,
Аз кӯча ба кӯча менавиштам ба қадам.

Аз панҷаи пой то сараш рахти сиёҳ,
Аз панҷаи пой то сараш бахти сиёҳ;
Аз бахти сиёҳаш андар ин рахти сиёҳ
Моҳест, ки аз фалак биафтода ба чоҳ.[41]

Дарё ба тамоми осмон яксон аст,
Он кӯчаи каҳкашонаш аз марҷон аст;
Моҳи фалакаш, ки менамояд - моҳист,
Кайҳони пур аз ситораи дарёист.

---

[40] Барои Бӯрӣ Карим.
[41] Дар нисбати занони чодарпӯши Эронӣ.

Дар маҷлиси шоирон падарсолоре
Бо банда нишаста буд дар толоре,
Бар ҷойи нишастааш, ки акнун холист
Ман хам шуда бӯса мезанам ҳар боре.[42]

Дар рӯи ҷаҳон пиёда аст аз ҳама чиз,
Бечора фақад пиёда мегардад низ;
Дорӯст, ба чашми дардмандам дорӯст
Хоки кафи пойи Хоксории азиз.[43]

Қадри аҷалам аз одамон метарсам,
Аз ҳамватанон дарақ-дарақ меларзам,
Бонигари осиёбаш одам куштаст,
З-аҳли қаламу китобашон метарсам.[44]

Ҷангал ҳама айни дангали чӯпон аст,
Бе баргу карахту лухт - чӯбистон аст;
Бар шонаи хастаи зимистон ин чӯб
Тобӯти гарони фасли тобистон аст.

Рухсори тару лаби тару шонаи тар,
Сар то қадамаш ҳазор афсонаи тар;
Яъне, ки ту гуфтӣ аз тарӣ мехоҳад
Андоми тараш чакид аз синаи тар.

Бонур бувад ҳар он, ки бо Нур бувад,
Бенур бувад ҳар он, ки бе Нур бувад;
Бенур, ки хуша - хуша мегирям ман,
Сар то қадамам дарахти ангур бувад.[45]

Девору дари ватан шикастем, дареғ!
Аз серӣ гурусна ҳам нишастем, дареғ!
Майдон ҳама аз ғариби майдон пур шуд,
Дар гардани доҳӣ сим бастем, дареғ![46]

---

[42] Ишора ба Нодири Нодирпур.
[43] Ба шоири пиёдагарди кӯчаҳои Душанбе Абдулло.
[44] Ишора ба ҳамон осиёббоне, ки Яздигурдро бикушт.
[45] Барои Нур Табарови азиз.

Тоҷик, ки харгурез мекард умре,
Осема, ки чорхез мекард умре,
Чун аҳли гурез номи фарзандашро
Лоиқ ба худаш гурез мекард умре.

Кайҳост, ки дудмони ман дуд шудаст,
Дар авҷи ҳово чу дуд набуд шудаст;
Аз хонаи дудмони ман дуда намонд,
Фарёд, ки вақти банда ҳам буд шудаст.

Аз барги хазон, ки зарварақ мешумарад,
Бе саҳву хато варақ-варақ мешумарад;
Пул метакад аз дарахтҳо боди хазон,
Пул метакаду шарақ-шарақ мешумарад.

Садсола чанорро буриданд аз бех,
Аз зери заминаш бикашиданд чу мех;
Зоғон ба ҳаво чанорро мечӯянд
Пеш аз шаби хоби хеш чун шохи баланд.

Шаҳрест маро чаҳор фаслаш зард аст,
Шаҳре, ки чаҳор фасли зардаш гард аст,
Шаҳре, ки чаҳор фасли гардаш дард аст,
Шаҳре, ки чаҳор фасли дардаш сард аст.

Он мехи ситораҳо, ки дар офоқанд,
Монанди хати мехии мо дар тоқанд,
Бар мехи ситораҳо агар менигаранд,
Мардум ба хати мехии мо муштоқанд.

Аз савти хуши булӯрии овозат,
Аз сурхиву аз сафедии пардозат,
Дар қолаби зинда месарояд ҷонаш,
Дар қолаби мурда медарояд ҷонаш.

---

[46] Гуруснанишиниҳою тазоҳуроту барҳадар шикастани ҳайкали Ленин дар Душанбе дар назар дошта шудааст.

Аз савти хуши булӯрии овозат,
Аз сурати чинивории пардозат
Ҷангида намешавад ба ту, мешиканад
Сад ҷоми булӯрии танинандозат.

Он тири ҳавоие, ки яккаш мерехт,
Он тир на аз камони Ораш[47] мерехт,
Аз шаттаи гови мурдаи абри матир
Аз чашми ҳаво алову оташ мерехт.

Ёди ман аз он, ки пашаҳо боша шуданд,
Доди ман аз он, ки бошаҳо паша шуданд;
Девору дари сафедаки шаҳри мананд,
Девору даре, ки зард аз шоша шуданд.

Ин коғази барфи мо саропо холист,
Яъне, ки дар он хати пайи гурге нест,
Сагҳо ҳама меҷаканд аммо беист,
Ҳарчанд саге ҳам аз пайи гурге нест.

Гарм аст ситораи шаби пӯстсиёҳ,
Хушманзара рӯзи равшани пӯстсафед,
Ман шоири сояравшани маҳтобам,
Ҳампӯсти сояравшани сояи бед.

Гардун ҳама чатри абри гардон дорад,
Мардум ҳама чатри барфу борон дорад;
Ҳар бому даре, ки менамояд ба сараш
Аз дуд каманди зулфи печон дорад.

Аз оташи лола ҳар кӣ гулдаста набаст
Омад аҷабаш, чаро намесӯзад даст?
Аз оташи лола чашми кас дуд нахӯрд,
Ин оташи лола оташи бедуд аст.

---

[47] Ораши камонгири достонӣ:
Аз он шуд ном Орашро камонгир
Ки аз Омул ба Марв андохт ӯ тир.

Дар оташи лола дашту саҳро ҷӯш аст,
Аз оташи лола чашмам оташнӯш аст;
То оташи лола мезанад шӯъла, чи хуш
Ҳар оташи дигаре агар хомӯш аст.

Қишлоқаки ман бӯйи чапотӣ дорад,
Ширинии ширинии тутӣ дорад;
Аз чӯби дарахти бед дар ҳар хона
Гаҳвораи сабзи малакутӣ дорад.

Ангури сиришкам аз гиристан пухтаст,
Сад хуша дар ин чашми тари ман пухтаст;
Ин лаҳза куҷост, з-ашки ангурии ман
Ширинии ангурӣ пазад модари ман.

Ман хотираҳои кӯҳнаамро аз сар
Монанди либоси кӯҳнаам карда бадар,
Покиза дар оби чашмҳоям шуста
Дар тори хаёл мекашам тозаву тар.

Хиштаст рубоӣ, қолабаш яклухт аст,
Хишти суханони пухтаю нопухтаст,
Гар хоми ту, хишти суханат ҳам хом аст,
Гар пухтаӣ, хишти суханат ҳам пухтаст.

Дар боғи парандаҳо хазон омада буд
Аз тиру камони беамон омада буд,
Дар боғи парандаҳо хазонрезии пар
Аз тундари тири парфишон омада буд.

Себаргаю гул дамида аз сангу сафол,
Дар бом хурӯси лола мекӯбад бол.
Ин барраи сабзаи таракро, ки тар аст
Мелесаду хушк мекунад меши шамол.

Бо сангу сафолу хиштат будам ман,
Ҳамкосаи косапуштат будам ман,
Қишлоқаки найсавориам Сӯфиён,[48]
Дар найдараи биҳиштат будам ман.

Шеъру ману шаббодаи Варзоби ту,
Гугирди ман аст кирми шабтоби ту;
Шабҳои ҷануб, чашми ман сер нашуд
Аз нони самарқандии маҳтоби ту.

Ёдовари оши модарам гашниши ту,
Ёдовари чойи модарам кишмиши ту;
Қишлоқаки ман, шири малак мехӯрдам
Дар косаи чинии гули ғармаши ту.

Аҳли қаламе дар таги дуди борут
Дар тахтакате нишаста карданд сукут,
Чун мурда, ки рӯйи тахтааш мешӯянд,
Хомӯш чу мурдае ба руйи тобут.[49]

Чатре ба сараш набуд аз бориши тир,
Садпора пароканда шуд аз таркиши тир;
Аз ӯ, ки дигар дар ин ҷаҳон пой намонд,
Ғайр аз “Раҳи нотамом”[50] бар ҷой намонд.

Вақте, ки дар об менамояд маҳтоб
Тезина машӯед, машӯед дар об,
Маҳтоб дар об захм мебардорад, -
Мегуфт дар ин бора Сипеҳрӣ Суҳроб.[51]

---

[48] Номи зодгоҳам.
[49] Дар рӯзҳои нотенҷии Душанбе ҳамсояҳои ҳамқаламам дар тахтаи рӯйи ҳавлӣ лап зада шоҳмот медозиданд.
[50] Унвони китоби Ҳабиб Юсуфӣ.
[51] Ишора ба гуфтори зерини шоир Суҳроби Сипеҳрист:
Модарам чоқуро дар ҳавз намешуст,
Моҳ захмӣ мешуд.

Асло ба умеди кас набудам, асло!
Танҳо ба умеди хеш будам, танҳо!
Фардо нигарӣ, ба дӯши худ хоҳам бурд
Ҳатто ба мазори хеш тобӯтамро.

Зиндони дар он нишастаам рафт аз ёд,
Дасти паси пушт бастаам рафт аз ёд.
Бо ин ҳама, чун сиёҳию деву зиён
Аз ботини ман намеравад зиндонбон.

Чун чашмаи об чашми тар дорам ман,
Аз чашми тари хеш матар дорам ман;
Чизе, ки маро пеши назар метобад,
Пеши назарам тар аст, тар метобад.

Дар синаи санг чак-чаки қатра нишаст
Чун мех, ки мезанӣ ба девор ба даст.
Ё синаи санги сахт беҳад нарм аст,
Ё қатраи оби нарм беҳад сахт аст.

Олучаи латтадор буд модари ман,
Қишлоқии хоксор буд модари ман,
Яъне, ки бузургвор буд модари ман,
Дар зиндагиаш мазор буд модари ман.

Дар пуштазамин гули сияҳгӯш дамид
Монанди арӯсаки сияҳпӯш дамид,
Аз хуни тағораи сиёвуш дамид,
Тоҷи сару лоиқи баногӯш дамид.

Дар шохаи зиндагонӣ шабҳои мадид
Чун мурғи ҳақам касе на диду на шунид,
Ҳақ-ҳақ задаму чакид хунам аз ҳалқ
Ҳамсояи хоби ман, вале хоб кашид.

Чашми ту кабуду оби дарёст кабуд,
Чашми ту кабуду осмонҳост кабуд,
Бо чашми кабуд хоҳари дарёӣ,
Ҳамшираи осмони беҳамтоӣ.

Дар сина маро дилест бисёр тунук,
Яъне, ки сарам кал асту табъам нозук,
То дам накашам як истакон оби хунук,
Мушкил бувадам таҳаммули одами пук.

Аз руйи ту шири хоса менӯшидам
Он шир, ки коса-коса менӯшидам,
Аз ҷоми лабу пиёлаи чашмонат
Ман бо ту шароби бӯса менӯшидам.

Фасли таби сурху зарди боронхӯрда,
Ояд ба сарам, ки шоире фармуда,
Бар дӯши дарахт ҷомаи сабзи баҳор
Дар хуни хазон шудаст хунолӯда.

Аз оташ агар дарахт гардад нобуд
Арвоҳи дарахт мешавад лаккаи дуд,
Ҳар чашма, ки хушк мешавад арвоҳаш
Чун лаккаи абр меравад чархи кабуд.

Ин ҷо кӣ задаст бар замин чӯби алам?
Ин ишками хок аз чӣ кардаст варам?
Ин хоки шикамбузург одам хӯрдаст,
Одам хӯрдасту ишкамаш дам хӯрдаст.

Ман одами сояшин набудам умре,
Дар сояи ону ин набудам умре,
Чатре ба сарам набуд аз сояи кас,
Ин чатри кабуди осмон буду бас.

Олучаи наврасида чун қатраи хун
Аз бинии тези шоха омад берун,
Ёдовари ҷанги кӯдакиҳои ман аст
Ин бинии шохаю дар он ғураи хун.

Он рӯз, ки ман музди қалам бигрифтам
(Дил дар ҳаяҷон, ба чашми нам бигрифтам),
Бурдам ба гадои кӯча додам онро
Яъне, ки дуои ҳамқадам бигрифтам.

Дар роҳи ту себаргаю қоқу бошам,
Дар болину бистарат пари қу бошам;
Дар хушаи зулфу хушаи абрӯят
Бигзор, ки хусаю қарашқу бошам.

Аз кокули Ориёна чун аз гули боғ
Бӯи хӯши ориёнӣ ояд ба димоғ,
Хомӯш нашуд чароғам аз ҳичрати ман
Дар хонаи ман набераам сухт чароғ.

Гаҳвораи сабзи шеър Эрон будаст,
Ҷону ҷигари фалсафа Гирмон будаст.
То сарҳади Рум Раҳи Бирешим аз Чин,
Ҷойи дигар аз ҳикмати Юнон будаст.

Дар гардани ғафси ҳабаше хурҷинлаб
Як дасти сафед дидам аз мардуми ғарб,
Чун дасти сафеди субҳ дар гардани шаб;
Ларзидаму ханда кардам аз хашму ғазаб.

Меноламу бо забон наменолам ман,
Ҳаргиз ба лабу даҳон наменолам ман,
Сар то ба қадам дарун-дарун менолам,
Ҷуз бо рагу устухон наменолам ман.

Умрест, ки дар рӯйи замин аз тарсам
Чун дар пули ларзон задаам попархам,
Зеро, ки замин умри дарозест, ки нест
Дар зери ду поям устувору маҳкам.

Вақте, ки чу шиша оби дарё соф аст
Дарё ба мисоли рӯдаи шаффоф аст,
Дар рӯдаи оби соф метобад санг,
Санги таги об луқмае дар ноф аст.

Он чиз, ки дасту пойи мо мебинад,
Чашмони ману ту аз куҷо мебинад;
Санги таги обро намебинад чашм,
Санги таги обро ду по мебинад.

Буррандаю дӯзандаи рахти шабу рӯз
Аз шаб, ки лабе бурид дӯзад дар рӯз,
Аз рӯз лабе бурид дар шаб дӯзад;
Гоҳе ҳама шаб дарозу гоҳе ҳама рӯз.

Дар пайраҳае шабона мегаштам гирд,
Ман дар шаби тор шеър мекардам вирд;
То дафтару коғази маро хонда шавад
Як кирмаки шабчароғ мезад гугирд.

Вақте, ки чаковак аз ҳаво меояд
Бигзор, ба рӯйи чашми ман фармояд,
Дар байзаи чашми ман, ки чун байзаи ӯст
Биншинаду чӯҷаи чаковак ояд.

Эй модари меҳрубон, аз ин буду набуд
Безор шудам, дигар намехоҳам буд;
Ин қадр, ки зиндагист бемаънӣ чаро
Дар ботини худ маро накарди нобуд.

Қассоби фалак ханҷари барқаш дар мушт
Дар ҷашни малак рамаи абрашро кушт,
Аз бому дарам бирехт сад новардон
Дар рӯйи замин хуни сафеди борон.

Дар лавҳаю чорчӯбаҳо бисёр аст
Расми ману акси ман, ки нотакрор аст,
Аз сурати охирини худ мабҳӯтам
Дар лавҳаю чорчӯбаи тобӯтам.

Дар қаҳтии Миср ғела буд, ғалла набуд,
Дар сахтии Миср ғела буд, ғалла набуд;
Ҳарчанд, ки санги осиё чарх нагашт,
Бечораи ғалла орд шуд, ғела нашуд.

Аз қаҳтии ину он наметарсам ман,
Аз қаҳтии обу нон наметарсам ман,
Аз қаҳтии ёри маҳҷабин метарсам,
Аз қаҳтии ишқи нозанин метарсам.

Дар ҳукми чанори ҷангалу бешаи ман
Рӯида чанори фикру андешаи ман,
Чашмони ман ошиёни гунҷишконаш
Дар шохаи ин чанори бе решаи ман.

Дар вақти ҷанозаи шаби тор хурӯс
Се мартаба қудқудӯс зад дар дами рӯз,
Хуршед ҷанозахон, ки буд дер намонд
Бо мурғи саҳар ҷанозаи шабро хонд.

Якпоя дарахт шоири поябаланд,
Баргаш - ҳама барги сабзи дафтарҳоянд;
Бишмурда касе наметавонад, алҳақ,
Девони дарахти сабз аз чанд варақ.

Зайле, ки гирифта обро дар андом
Девор кашида мебарорад то бом,
Ман дар баданам нами зимистониро
Чун одами намкаше кашидам аз по.

Кӯҳрию гадою борбардор аз Шарқ,
Наҳсию касофатию мурдор аз Шарқ;
Думболи ситораҳои думдор аз Ғарб,
Тарёку чакида, бангу кӯкнор аз Шарқ.

Дарё на фақад чу осмон миноист,
Сар то ба сараш ситораи дарёист;
Дарё чу шаби ситоразор аст мудом,
Бисёр ситорамоҳиаш тиллоист.

Дар афти ту хашми гургро мебинам,
Дар чашми ту чашми гургро мебинам,
Дар пашми сарат, ки зарду бураш кардӣ
Ман пӯсту пашми гургро мебинам.

Ин вожаи ишқ ҳарфи якдона шудаст,
Чун вожаи ҷонӣ ҳарфи ҷонона шудаст;
Ин санги намак, ки бо забонаш суданд
Шаффоф ба ранги обу оина шудаст.

Аз дидани қомати сафедори баланд
Ояд ба хаёлам фалаху дори баланд,
Он дор, ки бо баландии Восе буд -
Ҳамқомату ҳамқади сафедори баланд.

Ништаи ман тарошаки деги ту буд,
Гармобаи хушки ман таги реги ту буд,
Қишлоқаки ман, хатат нависам ҳама умр,
Устоди хатам муаллими Беки[52] ту буд.

Коғаз чу сафедаи саҳаргоҳии шеър,
Андешаи ман пур аз нахи шоҳии шеър.
Аз ҷӯйи калима мекашам моҳии шеър,
Дар шасти қалам задаст гулмоҳии шеър.

Лабрез шуд аз фишори хун косаи сар,
Лабрез шуд аз фишори ғам косаи сабр;
Ҳам косаи чашми тар маро лабрез аст,
Лабрез нашуд, нашуд, вале косаи даст.

Дар мавсими замбурӯғ дар ҷангалҳо
Тандур зада, замбурӯғ рӯяд ҳама ҷо,
Дар ҷангали шаҳри мо, вале ҳеҷ наруст
Дар мавсими замбурӯғ ҷуз чатри сиёҳ.

Оинаи барқаде, ки саршори ту буд,
Саршори лабу доҳону рухсори ту буд,
Бишкастамаш аз ҳасад, ки аз шишаи тан
Оинаи саршори ту ман бошам, ман.

---

[52] Муаллими нахустинам Қаҳҳор Беков.

Он кӯҳ, ки менамояд - андӯҳи ман аст,
Он абри ҳаво - хаёли анбӯҳи ман аст
(Борони сиришк мебарад бар Ватанам),
Он бод, ки мевазад бар он-оҳи ман аст.

Қишлоқаки ман, ки лангараш мор бувад,
Чун лангари баста дар сафедор бувад;
Дар авҷи ҳаво сари сафедоронаш
Аз лангари мор баста чун дор бувад.

Як фирқа қаламкашест - сӯзангари шеър,
Як фирқа қаламкашест - оҳангари шеър;
Майдонию минбарию зиндонӣ манам
Яъне, ки манам қаламкаши сангари шеър.

Дар кӯчаи хокие равонам ҳама шаб,
Дар тути қатори Суфиёнам ҳама шаб;
Дар ҳавлии кӯдакиам аз донаи ашк
Ман донаи тут метаконам ҳама шаб.

Ку айни ҷавонию куҷо мактаби мо?
Он ҳамсабақони ҳамчу лухтакча куҷо?
Ку ишқи наву рашки наву ашки нав,
Гулҳои миёни варақи дафтарҳо?

Тоҷик агарчи мардуми бекафан аст
Дандони тило дар даҳани марду зан аст,
Гуфтӣ ту, ки марду зан надорад фарқе,
Аз қавми ҷуҳуду арманиву сиган аст.

То ин, ки дарахт рост истад бар по
Қадри таги пояш аз замин гирад ҷо,
Моро ду қадам замин насиб аст, вале
Вақте, ки дигар рост намеистем мо.

Умрест, ки ҳаст чашми ман абролӯд,
Борони сиришки ман даме канда нашуд;
Аз тарки ватан, ки даҳ сари сол гузашт,
Даҳ сол ҳавои чашми ман соф набуд.

Чашми ту - дари кушодае сӯи само,
Гӯши ту - дари кушодае сӯи самоъ;
Умри ту - дари кушода бар боди фано,
Гӯри ту - дари кушода бар хоки сиёҳ.

Вақте, ки Масеҳ дар чалипо будаст,
Пайғамбари мехкӯби дунё будаст,
Мардум ҳама лошахори ҳангомаи муфт,
Мардум ҳама каргаси тамошо будаст.

Сар то ба қадам чу арғувон дар хунам,
Аз зиндашаҳидони кафангулгунам;
Рагҳои маро чу ҳамрагам кас набурид,
Кас хуни маро нарехт чун ҳамхунам.

Дар чашми кабуди чашмаҳо айнаки ях,
Дар тахтаи пушти хонаҳо печаки ях;
Дар шишаи чорчӯбаҳо чечаки ях,
Аз гӯшаи боми чашми ман чак-чаки ях.

Гӯянд, ки шеър мояи дарду ғам аст,
Шоир нашавад ҳар он касе бе алам аст;
Ҳар қатраи вожае, ки дар дафтари мост,
Чун хуни чакида аз димоғи қалам аст.

Дар ҳеҷ нишаст кас ба ҷоят нанишаст,
Ҷуз ҷойи ту нест холӣ дар ҳеҷ нишаст,
Монандаи ҷойи холии дандоне,
К-он бемаҳал аз даҳони мо афтодаст.

Ту Рустаму, додарони ман Сӯҳробанд[53]
Дар тахтаи пушти пуштаҳоят хобанд,
Қишлоқаки кӯдакӣ пур аз куштаи ту,
Дар тахтаи пушти ман бувад пуштаи ту.

---

[53] Рустами достон ҷасади Сӯҳробро аз дилсӯзии бениҳоят муддатҳо бар дӯш мегардонд, ки шояд ба марҳамати худо зинда шавад.

Дар давраи навҷавониам монда касе,
Дур аз нафасаш намекашидам нафасе.
Вопас, ки ба сӯйи навҷавонӣ нигарам,
Дар ҷойи ҳамон каси ман истода хасе.

Ку он, ки ҳисоби баргҳоро донад,
Ку он, ки китоби баргҳоро хонад,
Чун бод шарақ-шарақ-шарақ гардонад,
Чун бод варақ-варақ-варақ гардонад.

Аз дасти шамол бӯйи гул меояд,
Бӯйи гули хори Сари Пул[54] меояд,
Яъне, ки ба пул гузашта аз об шамол,
Гул чида шамол омадаст аз сари ёл.

То дар дами назъ бишканад тобу табам,
Обе, ки ба пахта мечаконӣ ба лабам,
Он об зи кӯзаи Зураффо бошад,
Эй хоҳарам, ин васияти мо бошад.

Он рӯз, ки мо ҳанӯз кӯдак будем,
Хонандаи мактаби сафедак будем,
Як тахтаи синф буд он рӯз сиёҳ,
Имрӯз сиёҳ менамояд ҳама ҷо.

Дар зери сафедор бувад хоки падар,
Дар зери дарахти тут хоки модар;
Саддаста гирифтаанд азизони маро
Бо решаи хештан дарахтон дар бар.

Аз оби сухан, ки меравад шаршарадор,
Аз ҷӯйи сухан, ки об дорад бисёр,
Бо шасти фаросату ба як риштаи зеҳн
Гулмоҳии шеър метавон кард шикор.

---

[54] Сари Пули ноҳияи Ғарм, қишлоқи дӯстам Сайфулло Сатторов.

Ҳар мамлакате ҳазор духтур дорад,
Дорую давою дасти гулбур дорад;
Дар мамлакати Абӯалӣ духтур нест,
Хокистару теғу як-ду чукбур дорад.

Озори қаламкашӣ кашидам ҳар дам,
Аз касби қалам дилам пур аз дарду алам,
Як лаҳза намонд аз қалам даст кашам,
То ҷони маро кашид аз нуги қалам.

Ман тираки ростам, сафедорам ман,
Ёдовари чӯбу расани дорам ман.
Дар ман бинигар, ки ток овезон аст
Ӯро чиқадар баланд медорам ман.

Аз ҳамқаламони худ кашидам озор,
Озори қалам дили маро дод фишор,
Ҳар қатраи хуни ман, ки буд донаи нор
Дар сина дилам кафид монанди анор.

Устуни дарахти тиракат тири ту буд,
Дорӯи шукуфа шири анҷири ту буд,
Қишлоқаки кӯдакии қишлоқии ман,
Луқмони ҳаким пиру кампири ту буд.

Ман дар дили ҳаммакон намегунҷидам,
Дар маҳфили ҳамзамон намегунҷидам,
Селоби баҳору оби дарё будам
Дар истакани замон намегунҷидам.

Он кӯчаи Каҳкашон, ки роҳи малак аст,
Он роҳи сафед аз само то самак аст;
Не кӯчаи Каҳкашону не роҳи малак,
Дарёи сафеди шири гови фалак аст.

Аз синаи ман намеравад тобу табат,
Дарди дилам устухонӣ шуд дар талабат,
Холист ба руйи дида ҷойи қадамат,
Холист ҳанӯз дар лабам ҷойи лабат.

Мӯйе, ки сафед бар сару рӯйи ман аст,
Ин барфи баланди чиллаи мӯйи ман аст;
Месулфаму нӯла мекашад гурги аҷал,
Дар барфи баланди мӯйи ман бӯйи ман аст.

Дар лаб-лаби ҷӯй беди Маҷнун беҳтар,
Дар гулдара арғувони пурхун беҳтар;
Ин кӯчаи каҳкашонии хокии мо,
Аз кӯчаи Каҳкашони гардун беҳтар.

Ман нестаму нест касе дар сангар,
Ман нестаму нест касе дар минбар;
Он сангари “Майдони Шаҳидон” холист,
Он минбари хонаи адибон холист.

Дар авҷи ҳово чаковак[55] овезон аст,
Дар тори садо чаковак овезон аст;
Дар тори садои нозукаш аз гардан
Дар гӯши шумо чаковак овезон аст.

Умри ту агарчи умри нотакрор аст,
Рафтори ту аз ҳазору як рафтор аст,
Расму раҳи зиндагониат такрор аст,
Қонуни ҳаёти мо ҳамин нушхор аст.

Имрӯз дар ин замони пурқурбонӣ,
Мо низ намондаем бекурбонӣ;
Эй дӯст, ба “Шеъри ғарқи хун”[56]-ам бинигар,
Ман шеъри сафед кардаам қурбонӣ.

Ин говаки мо, ки говаки ширдеҳ аст,
Аз гови замину гови гардун беҳ аст;
Дар даст ҳамели пистаи хандонам
Арзандатар аз ҳамели ҳар тасбеҳ аст.

---

[55] Салича, залич, чаковак.
[56] Унвони китоб.

Ку рӯзи дубора дидани маъвоям,
Бикшудани қулфи хонаи танҳоям?
Рӯзе, ки ба дастмолакам тоза кунам
Чун айнаки чашм шишаи дарҳоям.

Се ҷойи муқаддас аст дар кишвари Фурс,
Аввал сари хоки шоири Машҳади Тус,[57]
Дуввум ба ҷануб меравӣ - қабри Куруш,[58]
Севвум ба шимол меравӣ - ҷангали Йуш.[59]

Бегона гирист аз алам, хеш гирист,
Бегонаву хеш бо дили реш гирист;
Дар марги бародарам шабу шому саҳар
Аз абри баҳор модарам беш гирист.

Ин кӯри раҳе, ки сари боло дорад
Ҷойи ду басар, ду гӯши бино дорад,
Вақте, ки туро мешунавад - мебинад,
Бо гӯш ба ҳар тараф тамошо дорад.

Аз хоби гарон бихез гуфтем, бихез!
Гуфтем фаро расидааст “Растохез”![60]
З-ин мардуми мурда кас намехезад рост,
Дар риши замона кас намемезад рост.

Дар чашмаи оби соф, дар чашмаи ноб
Чун китфи бараҳна менамояд маҳтоб,
Ин китфи бараҳнаро, ки ман мебинам
Дар чашмаи об, дидаам дар шаби хоб.

---

[57] Манзур Фирдавсист.
[58] Куруши Кабир.
[59] Зодбуми Нимо Йушиҷ, саромади шеъри нави форсӣ.
[60] Манзур созмони “Растохез” аст.

Занҳо, ки ба зери чодаранд, озоданд,
Аз кабки қафас, ки бадтаранд, озоданд;
Аз фалсафаи Хумайнӣ[61] гардам, ки дар он
Занҳо, ки ҳамин мушти паранд, озоданд.

Сарҳавз фурӯ нишаста чун дидаи пуч,
Дар тахтаи пушти бораҳо ҷангали луч
Мӯест, ки бар тани замин рост шудаст,
Ин мӯйи дамида рост нохост шудаст.

Чун коргари сиёҳкоре кораш,
Монандаи рангуборчӣ рафтораш,
Ҳаргиз қаламам сиёҳкорӣ накунад
Ҳарчанд, ки аз сиёҳӣ аст осораш.

Эрон ба мазори бекарон мемонад,
Бар кишвари мотамзадагон мемонад;
Аз кӯдакӣ бахту рахти эронӣ сиёҳ,
Умраш ба азои ҷовидон мемонад.

Фарёд задам номи туро дар ҷарҳо:
Райхо! Райхо!.. Аппаи ҷонам райхо!
Фарёд задӣ аз тани ҷар: Ҳо!.. Ҳо!.. Ҳо..!
Овози туро шунидам аз он дунё.

Шохи қаламам чу шохи гулбун сабз аст,
Тарзи ҳаракоти қаламам чун набз аст;
Мавзун гаҳе хаташ, гаҳе номавзун,
Яъне қаламам ба дасти ман ҳамнабз аст.

Бо хирмани мӯйи зарди тиллоии хеш,
Бо хирмани мӯйи зарди ҳиноии хеш,
Ин рӯзи фарангии зарафшонии ман
Аз ғайри шаби сияҳ намезояд беш.

---

[61] Имом Хумайнӣ.

Эй шаршарамӯй беди маҷнуни манӣ,
Сар то қадам арғувони гулгуни манӣ;
Аз ҷӯй ба ҷӯ шиновари дар хунам,
Гулмоҳии ҷӯя-ҷӯяи хуни манӣ.

Ку кӯдакии ману куҷо он ҳама сол,
Ку хонаи модару шабу хобу хаёл;
Ман бе пару бол мепаридам шабҳо,
Ку он ба ҳаво париданам бе пару бол.

Шаҳрест маро имораташ аз бетун,
Анбӯҳи дарахту ҷангалаш аз оҳан;
Дар ҷойи парандааш - ҳавопаймое,
Боди сари субҳу шомаш - оҳи дили ман.

Вақте, ки даҳон кушоду хамёза кашид,
Вақте, ки ба хамёза даҳонаш, ки дарид
Дандона намуд рахнаи дандонаш,
Дар қулфи даҳан ба шакли дандони калид.

Ман одами гапхунук набудам ҳаргиз,
Дар бахши қалам тунук набудам ҳаргиз,
Ҳарчанд навиштаам асарҳои тунук,
Ҳаргиз нанавиштаам асарҳои хунук.

Мӯйи ту ба қомати баландат ҷорист,
Зулфи ту ба рӯйи дилписандат ҷорист,
Пероҳани мавҷи обат аз атласи ноб
То хам-хами соқи арҷмандат ҷорист.

Пешонии шаб сафед шуд ҳамчу варақ,
Шабнам ба замин рехт - замин кард арақ;
Чун байза сапеда бар сари санги уфуқ
Афтоду шикасту рехт - зардиш шафақ.

Дар маҷмӯаи шеъри баланди ҷангал
Аз сарву санавбар аст ҳар сатри ғазал,
Коғаз - ҳама барги махмалин, мазмунаш -
Дар кундаи сад дарахт кандӯи асал.

Чандест, ки метапад дилам ноҳамвор
(Ҳарчанд, ки аз сакта раҳидам як бор),
Аз банди дилам гурум-гурум мешунавам
Чун мушт, ки мезанад касе бар девор.

Ҳар субҳи саҳар чу модарам мегирям,
Дар марги чаҳор додарам мегирям;
Ҳарчанд, ки мо падар надидем умре,
Пирона ба ҷойи падарам мегирям.

Имрӯз дарахти оҳанин бисёр аст,
Шамшоду буруҷу тираку девдор аст;
Ин беша ҳам оқибат хазоне дорад,
Зардии дарахти оҳанин зангор аст.

Худро, ки аҷинабод мечархонад,
Чархидани сӯфиёнаро мемонад;
Оташ, ки забона мезанад шуълафишон,
Монанди муаллаҚ задани сӯфиён.

Хуршед, ки менамод чун соати даст,
Он соати зарди осмонҳо будаст;
Ин ақрабакаш, ки гирди мо мегардад
Аз сояи қадду қомати мо будаст.

Дар чарх касе нишастааст масти аласт,
Як ҷоми ситора ҳар даме дар кафи даст
Менӯшаду ҷом мепаронад ба ҳаво,
Сад ҷоми ситораро шабе хӯрду шикаст.

Вақте, ки хунук хурад кас аз маҳфили мо,
Он вақт, ки ях бибандад обу гили мо,
Гугирд фурӯ барем, гугирд хӯрем,
Равшан шавад оташе магар дар дили мо.

Аз шаш нафарам, ки рафтааст аз кафи даст
Шаш гӯри азиз дар кафи дасти ман аст,
Шаш гӯри азизро чу ман дар кафи даст
Он кист, ки бо панҷаи худ панҷара баст.

Дар манзилаш он қадар, ки меҳмон будем
Ӯ сабзаю мо чу гӯсфандон будем,
Ҳар кас, ки чарид ҳамчу ман бисёраш
Умрест ба мазза мекунад нушхораш.[62]

Дар маркази шаҳр ҳайкали Сомонӣ,
Сартосари шаҳр бесарусомонӣ.
Ҷумҳӯрии мо ба асри даҳ баргаштаст,
Ҳар зардаку сурхаке амири сонӣ.

Барфест ба боми сарам аз муйи сафед,
Охир, чу зимистон шудаам муйсафед;
Сад решаю беху кундаам сӯхт, вале
Аз сар нагузашт ин зимистони шадид.
Занҷираи ҷумлае, ки ман месозам,
Аз нуқраю тиллои сухан месозам;
Инро на барои хештан месозам,
Овезаи гардани ватан месозам.

Бар маҷмӯаи навиштаҳоям бинигар,
Шеъру ғазалу мақолаам даҳ дафтар,
Аз маҷмӯаи навиштаҳоям лекин,
Маҷмӯаи нонавиштаҳоям беҳтар.

Ҷарроҳӣ шуд он касе, ки бисёр манам,
Садпораю тикка-тикка гардид танам;
Меғеламу печ мехӯрам пуштаку рӯ
Дар ҷандаи тиккапораҳои баданам.

Дар шарқ халосӣ нест аз бахти сиёҳ,
Чун он, ки халосӣ нест аз рахти сиёҳ.
Зан дар кафани сиёҳи чодар гум аст,
Аз бахти сиёҳу аз сари сахти сиёҳ.

---

[62] Аз меҳмоннавозии шоир Ашӯр Сафар.

Хуне, ки ба куртаҳои Маҳмуд[63] чакид,
Аз бинии сурхи шохи шаҳтут чакид;
Шаҳтути, ки пухта буд ғарқида ба тут,
Аз бинии шох қатраи тут чакид.

Як шаб се ҳазор маздакиро куштанд
(Фарёд, ки мардони закиро куштанд),
Монанди дарахт чаппагардон ба замин
Аз маздакиёни кушта ҷангал киштанд.[64]

Боде, ки ба хокистари Ҳаллоҷ[65] гузашт
Дар рӯйи замин паҳну парешон кардаш,
Хокистари ӯ ба ҳар куҷое, ки нарафт,
Ҳаллоҷи дигар бируст аз ҳар гардаш.

Оғӯши ту гоҳвораи сабзи ту буд,
Ҷунбидани он тапидани набзи ту буд;
Тифлони ту рафтаанд аз домонат,
Бе қатраи шир шишаи пистонат.

Афсӯс, ки нӯшдорӯ дар дунё нест,
Нӯшобаи мо ҳанӯз ҳам пайдо нест;
Дардам ба куҷо барам, ки як духтури хуб
“Дар мамлакати Абӯалӣ Сино нест”. [66]

Бар чор тараф, ки гӯши одам чург аст,
Аз чор тараф ба қасди одам гург аст,
Он гургаки бури чорпо нест - дупост,
Дар ҷангали одамист, одамгург аст.

---

[63] Рафиқи бачагиам, ки бо ҳам боғбонӣ мекардем.
[64] Ба дашт омад аз маздакӣ се ҳазор ...
Бикуштандашон ҳам ба сони дарахт
Забар пову сар зер оганда сахт.
(Фирдавсӣ)
[65] Ишора ба фоҷеаи сӯфӣ Ҳаллоҷи Мансур, ки ба дораш кашида сангсораш карданд ва сипас ҷасадашро сӯхтанд.
[66] Байти ман нест.

Дар рӯзи хазон нест садои булбул,
Дар рӯзи хазон нест касе дар ғами гул;
Аз дастаи гул ҳазор беҳ дастаи хас,
Мардум ҳамаро фақат гули оташ бас.

Он гуна нишаста дар барам сояи ман,
Гуйи ту, нишастааст ҳамсояи ман;
Гап мезанам аз ақидаю ғояи хеш
Бо сояи хеш, чун ба ҳамсояи хеш.

Чашмам, ки тар аст, ҳар чи тар метобад,
Захми ту тар аст агар, батар метобад;
Дар кишвари ман рӯйи сиёҳ дар шабҳо
Чун менигарӣ, сиёҳтар метобад[67]

Аз мурғи фалак[68] дида намебардорам,
То тухми сафедаи варо бардорам;
Ин тухми сафедаро, ки менӯшам хом
Ин аст наҳориам, ки шаббедорам.
Фавворaи ханда мепарад аз лаби ту,
Монанди паранда мепарад аз лаби ту.
Фавворaи хандаи ту ғамҳои маро
Аз реша кашида мепарад аз лаби ту.

Мулке, ки фақад фасли зимистон дорад,
Аз ҳар тарафе замини урён дорад,
Аз шохи ҳазор подаи говазнаш
Анбӯҳи дарахту ҷангалистон дорад.

Дар суффаи хоби оча будам дирӯз,
Бо ҳафт сағерабача будам дирӯз;
Ман аз тани ҳафт бачаи очаи хеш
Гармии пагоҳӣ мерабудам дирӯз.

---

[67] Аз Аҳмади Шомлу вом гирифта шуд:
"Ин ҷо, канори мо шаби ҳавл аст.., Рӯйи сиёҳро созад сиёҳтар."
[68] Парвин, ки мурғи чуҷадор низ номида мешавад.

Шукрона, ки нон нахӯрдам аз пушти қалам,
Чуз бод дарав накардам аз кишти қалам;
Ангуштаки момаи Назокат[69] бардошт
Ин коми маро, на чӯби ангушти қалам.

Аз Чин агарат нест касе маҳрами роз
Ин косаи чиниро ба нохун бинвоз,
Фавран ба ду гӯши хештан мешунавӣ
Аз косаи чинӣ Чинро дар Дарвоз.
Поиз, ки беҳтарин шабу рӯзи ман аст
Ёдовари зодрӯзи Ромизи ман аст,
Ин зарвараҚи сухан барои писарам
Савғотии ман аз қалами тези ман аст.

Ин шонасарак[70] шонатароше будаст,
Аз шонатарошиаш маоше будаст,
Аз пӯпаки зарди шонарангаш пайдост,
Чун шонаи шамшодии таҳҷоии мост.

Пажмурдани гул, ки ташнаи борон аст
Аз қаҳтию хушксолии найсон аст,
Пажмурдани ман, ки ташнаи ёронам
Аз қаҳтию хушксолии ёрон аст.

Бо нолаи бод сина мекӯфт дарахт
Аз пову сараш силсилаборон мерехт,
Он гуна, ки дар маросими Ошӯро
Худро занад эронӣ ба занҷири азо.

Дар рӯзи хазон, ки чашми тангаш зард аст
Як мушт гиёҳи сари сангаш зард аст,
Ман тиру камони ҳафранге дидам
Аз манзараҳо, ки ҳафт рангаш зард аст.

---

[69] Момадояи ман, ёдаш ба хайр.
[70] Тасвири ҳудҳуд ном наранда, ки мулло ҳудҳудакаш низ меноманд.

Пастию баландиро, ки гулгун кардаст
Бар соя нигар, ки сояро чун кардаст:
Бо панҷаи нур сояро аз девор
Хуршед харошида пур аз хун кардаст.

Танбӯри ту сар ба синаам зор гирист,
Дар синаи ман ҳазору як тор гирист;
Ёди ту ба хайр бод, эй Дӯстмурод[71]
Аз баъди ту дар гирист, девор гирист.

Танбӯри туву машқи диловези ту ку?
Хушхонии гарми то дами рӯзи ту ку?
Ку дар хами Кабгрез кабке, ки нарехт,
Эй Дӯстмурод кабки овози ту ку?

З-он пеш, ки чашм аз ҷаҳон пӯшидӣ,
Ин чашми маро кошки мепӯшидӣ.
Акнун, ки бимирам, аз ҷаҳон чашми маро
Дасти ту напӯшид, кӣ мепӯшад, кӣ.

Дасте, ки ба мардуми худо аз чапу рост
Ҳар лаҳза дароз мешавад - дасти гадост,
Дасте, ки ба мардуми гадо аз чапу рост
Ҳар лаҳза дароз мешавад - дасти худост.
Гӯянд, ки фасли сергард аст хазон,
Сад рангаш агар, ки ҳаст зард аст хазон;
Зард аст, ки фасли серсард аст хазон,
Зард аст, ки фасли сердард аст хазон.

Аз авҷи ҳаво риштаи борон кандаст,
Аз хастагӣ набзи ҷӯйборон кандаст;
Чун тортанак лаби касеро ба ҷаҳон
Ҳамчун лаби чашмаҳо касе сахт набаст.

---

[71] Ҳофизи мардумӣ Дӯстмурод Алиев.

Дар рӯзи ҷанозаи ту кардам таъхир
Даҳ соли чудоӣ абадӣ шуд охир,
Иброҳими ҷон, бародарам, то дидор
Бар ҳарфи дигар забон нагардад зинҳор.

Дар тӯдаи абр хирмани гирдаи моҳ
Дидам, ки шинос менамояд ногоҳ,
Гуфтам, ки ҳамин шапуи афғонӣ буд
Чун рамзи ҷиҳод дар сари Аҳмадшоҳ[72]

Чун дуру дароз мекашад бодаш “ҳӣ”
Форам бувад ин ба гӯши файзободӣ,
Гуфтӣ, нафаси ризои ҳикмат бошад
Ин бод, ки месарояд аз гуруғлӣ.

Дар кӯдакиам ҳанӯз тутборон аст
Ҳар шохаи тут шаддаи марҷон аст,
Аз ҳар лаби бому аз сари деворе
Дар кӯчаи кӯдакиам овезон аст.

Гӯянд, ки фасли серхун аст хазон
Сурхидагӣ аз фишори хун аст хазон.
Баракси хазон, фасли зимистон камхун,
Барфаш бинигар ту, нест дар рӯяш хун.

Беҳуда магӯ, ки бевафоӣ кардам
Чун ошиқи булҳавас ҷудоӣ кардам,
Ман ишқу муҳаббати ҷавонмарги туро
Дар синаи хеш мӯмиёӣ кардам.

Дар боғи шумо вақти гули ёс шудаст,
Шаҳтути сиёҳ пухта алмос шудаст;
Гелос ба гӯши барги гелос кашол
Сурхида чу гӯшвори гелос шудаст.

---

[72] Аҳмадшоҳи Масъуд.

Дар мамлакате гулӯла борид баҳор,
Оҳан ба мисоли ҷола борид баҳор;
Ҳайронам, аз он замин чӣ хоҳад рӯйид,
Гандумдараваш аз он чӣ хоҳад даравид.

Молида ба пой сабзаю гулзораш
Санге задаам ба ҳар дару деворaш,
Шаҳрест маро, ки сахт хоболӯд аст,
Аз хоб ба санг мекунам бедораш.

Ин тир, ки аз ҳаво расидаст акнун,
Бар толибин аз қазо расидаст акнун;
Даҳ сол, ки ришу риш мекориданд,
Рӯзи дараваш фаро расидаст акнун.

Эрон, ки аз он даҳони олам лол аст,
Машҳуртарин мамлакати футбол аст;
Бо саллаю калла омаву охундаш
Футбол, ки мезанад накӯаҳвол аст.

Мардум ҳама кал шудаст аз кал-кали пул,
Дилҳо кали завқи шеъру сарҳо кали пул;
Сармояпарасту кишвари сармоя
Печонда наҷосатест, дар махмали пул.

Сад факту далел аст маро дар кафи даст,
Аз нафрату аз ғазаб дилам саршор аст,
То бонг занам, бонг занам, бонг, ки нест
Аз мардуми Шарқ дар ҷаҳон мардуми паст.

Нохост, ки мезанад садо гӯши ман,
Ман мешунавам, ки аз паси дӯши ман
Дар шишаи ҷонам чи касе нохун зад,
Ин акси садояш ояд аз ҳӯши ман.

На кабки дарӣ, на дар ҳаво турнақатор,
Дар пушта на арғувон, на бӯйи гули хор;
Дар ҳар қадаме дар қадами тобистон
Саҳрои хурӯси лоларо кушт баҳор.

Лабҳои ту чун лаби уфуқ гулгун аст,
Он моҳи наваш туро сари ноху аст,
Ман дар қадами ту шеър қурбон кардам
Сурхида замини шеъри ман пурхун аст.

Аз шир-шири барге нафасе мешунавам,
Аз мурғи саҳар ҳамнафасе мешунавам;
Ман баччаи хокхӯрдаи қишлоқам
Аз бӯйи хасе бӯйи касе мешунавам.

Қишлоқаки ман ба хайр бодо хобат,
Бигзор маро ба кирмаки шабтобат;
Чун мӯри қатор рафтуое дорад
Фавҷи нигаҳам ба хирмани маҳтобат.

Ҳарчанд, ки чӯбе нагирифтам дар даст
Дар мӯйсафедӣ тахтапуштам нашикаст,
Дирӯз дарахти шеър дар пуштам буд,
Имрӯз асои шеър дар дасти ман аст.

Ин назми сафеди ман сафедии ман аст,
Ин номи сафед рӯсафедии ман аст;
Ин рахти сафеде, ки ба тан пӯшидам,
Ин рахти сафед мӯсафедии ман аст.

Маҷмӯаи шеъраш обшори ғазал аст,
Илҳоми ғазалнависиаш аз азал аст;
Ҳар як ғазалаш шакар барин, шаҳд барин,
Маҷмӯаи шеъраш обшори асал аст.[73]

---

[73] Бахшида ба “Сиёҳмашқ” и шоир Ибтиҳоҷи Соя.

Гандум, ки ба ранги рӯйи модар будаст,
Баргаш ба мисоли мӯйи модар будаст,
Он бӯйи фатирхамири гармаш ба димоғ
Аз кӯдакиам чу бӯйи модар будаст.

Чашмони кабуди осмонӣ дорӣ,
Як шаршара мӯйи зарфишоне дорӣ;
Рӯят ба мисоли лолазорон сурх аст,
Чун лола ту хуни ориёнӣ дорӣ.

Бишкуфт ба рӯйи тӯдаи хокистар
Дар вақти баҳор як баҳал лолаи тар,
Ё оташи мурда зинда шуд бори дигар,
Сар то ба қадам гарм шудам бехотир.

Эй дард набинад сари сабзи мардум,
Абтар нашавад хотири сабзи мардум;
Дар мамлакате, ки пул парастад, бепул
Духтур набарад даст ба набзи мардум.

Гуфтам, ки даруни ғор мебояд рафт
То шеър нависӣ бе ғаму бе ташвиш,
Гулчеҳра ба ханда гуфт, беҳуда магӯ
Феълан, ки ба ғор мурдаат хоҳад рафт.

Ин ҷо, ки димоғи дарра пурхок шудаст
Гӯянд, ки аз шамоли Элок шудаст,
Мисле, ки сабӯс дорад ин хоки сафед
Мебезедаш, ин шамол элак будаст.

Ин бод, ки шона мезанад беди маро
Гуфти ту, ки шона мезанад ёди маро,
Гесӯйи дарози беди ман то ба замин
Мемоладу мебарорад ин доди маро.

Дарё тару тар, садои дарё хушк аст,
Дарё тару тар ҳавои дарё хушк аст;
Дар гиряи обу обшораш ғам нест
Мегиряду гиряҳои дарё хушк аст.

Ҳар чизи баҷоие маро буд дуруст
Дар рахнаи девори ту мекардам руст,
Қишлоқаки кӯдакӣ, зару зевари ман
Зардии дулонаҳои тиллоии туст.

Рӯзе, ки шароби бӯса менӯшидам
Аз ҷоми лаби Ҳадиса менӯшидам,
Аз шишаи чашми ошиқонаш шабу рӯз
Ман заҳру зуқуми ғусса менӯшидам.

Сурхида лабат анори хандон воре,
Дандони ту қатраҳои борон воре;
Барфи баданат ҳанӯз номолида
Он барфи пагоҳии зимистон воре.

Зинҳор, ки равшан аст чун об рақам
Сатре, ки навиштаам дигар хат накашам,
Он марди қаламкашам, ки дар чашми хатам
Пайваста ба сурмаи қалам сурма кашам.

Мардум ҳама шири момпарвар буданд,
Савганду қасам ба шири модар хӯрданд.
Ман умр ба дафтару қалам тай кардам,
Савганду қасам ба шири дафтар хӯрдам.

Он бед, ки дар таби хазон месӯзад
Табларзааш он қадар, ки ҷон месӯзад.
Бингар, ки забона мезанад шохаи бед,
Дар оташи бедуд чисон месӯзад.

Аз шаршара об мепарад шар-шари шар,
Ман шишта рубоӣ менависам фар-фар.
Шабнамзада бутта-бутта дар лаб-лаби ҷар
Монанди лаби арӯс пухтаст кавар.

Аз меваи синааш сари шохи анор
Хам мезанад он қадар, ки мегирад бор,
Сурхида таранг медамад донаи нор,
Чун синаи ёр мерасад синаи нор.

Аз хунам агар кафан набуд дар тани ман
Чун ман набувад шаҳид дар меҳани ман,
Ғайр аз лаби ёру ранги сурхи лаби ёр
Хуни дигаре набуд дар гардани ман.

Дар косаи мо гуле шукуфтаст агар
Табрик шукуфтанаш, хуш ояд ба назар,
Дод аз гули марг, аз гули тираи марг,
Он гул, ки шукуфтааст дар косаи сар.

Сурхида дарахти арғувон лола шудаст,
Ҳар лола шукуфта ҳамчу пайғола шудаст,
Наврӯз ҳамин бас аст моро, ки кунун
Меҳрони азиз сийу як сола шудаст.

Гӯянд, ки шоирон фароғат карданд
Дар Баҳри Сиёҳ истироҳат карданд,
Таътили ман аз дари ту берун нагузашт,
Дар Баҳри Сиёҳи чашмҳои ту гузашт.

Мошинаи “Мазда”мефӯрӯшад Ҷопун
Сад мушаки ҳаста[74] мефӯрӯшад Гирмон.
Эй чӯра, аз Эрону аз эронӣ мапурс,
Зарчӯбаю писта мефурӯшад Эрон.

Дар хонаи ман, ки банду доси падар аст
Як умр аз он маро сипоси падар аст,
Мероси падар мапурс аз мардуми мо,
Мероси падар кадуи носи падар аст.

---

[74] Бомбаи гидроген.

Ҳарчанд, ки Ардашер кӯдак будаст
Муште, ки дар ӯст мушти мардак будаст,
Ҳар бузбалаеро зада меафтонад,
Аз решаи Ардашери Бобак будаст.

Ку марҳами реши синаам - решаи туғ,
Зардоб, ки мечакид аз халтаи дуғ?
Фоида накард шири занбури асал,
Фоида намекунад маро шири мурғ.

Сад пуштазамину ёла аз ман дурӣ,
Ҷӯйу ҷару бора-бора аз ман дурӣ,
Яксола на, шастсола аз ман дурӣ,
Эй кӯдакӣ, чун ситора аз ман дурӣ.

Чун риштаи канда мепарад риштаи хас,
Дар риштаи анкабӯд печида магас.
Ту аҳд бикун, вафо бикун бо як кас
Дарё нашавӣ, ки даст шуяд ҳама кас.

Шеъре насуруда шоири даврон буд
Дорандаи сад ҷоизаю унвон буд,
Сӣ сол касе напурсид аз эҷодаш
Маҷмӯаи шеъри Боқӣ “Мирзоҷон”[75] буд.

Ҳар он нафаре, ки аз бурун тоҷик нест
Дарёб, ки низ аз дарун тоҷик нест,
Дар мамлакате, ки Тоҷикистон номаш
Як роҳбараш то ба кунун тоҷик нест.

Дар шишаи “ҷин”[76] -и амрикоӣ ҷин аст,
Хушбахтии амрикоӣ “Лимузин”[77] аст.
Бепул ҳама ҷо ба зери пулҳо хобанд,
Ояндаи хонавори ман ҳам ин аст.

---

[75] Боқӣ Раҳимзода мирзоҷон-мирзоҷон гуфта ба Мирзо Турсунзода тамаллуқ заданро эҷодиёти худ қарор дода буд.
[76] Навъи арақ.
[77] Навъи мошин.

Гуянд, ки нӯқра буд оташдонаш,
Тиллоӣ ҳама олати дастархонаш,
Унсурӣ, ки мадҳи шоҳи туркон мекард,
Бо ин ҳама аз бешарафӣ буд нонаш.[78]

Ин чархи кабуд то ҷигархун накунад
Ҳар говсаворро Фаридун накунад,
Ку он ҷалаби сиёсии бешарафе,
К-аз хуни ману ту сурх нохун накунад?

Ҳар мулк, ки ҳаст аз камон аст ҷазир,
Шерони замонаро камон кард асир;
Ӯ дар сари синаи ту гул медӯзад
Бо риштаи сурхи хуну бо сӯзани тир.

Дар шишаи чорчӯбаҳо чечаки ях,
Аз гӯшаи боми кулбаҳо чак-чаки ях;
Фаслест хунук, парандааш лаклаки барф,
Дар чашми кабуди чашмаҳо айнаки ях.

Рухшонаи мо ошиқи Искандар буд
Савғот ба ошиқаш сари шавҳар буд,
Вақте, ки ҳарамсаройи ошиқ мерафт
Сар то қадамаш ба хуни шавҳар тар буд."[79]

Ёрону бародарони ман кам шудаанд
Дар гарду ғубори кӯчаҳо гум шудаанд,
Дар хам-хами пуштаҳои қишлоқаки ман
Гандумдаравон гиёҳи гандум шудаанд.

Ин хат, ки дароз дар кафи дасти ман аст
Арзандатарам нест аз ин дар кафи даст,
Кафбини замона гуфт аз рӯзи аласт
Дар ин кафи дасти ман хати умри ман аст.

---

[78] Шунидам ки аз нукра зад дегдон,
Зи зар сохт олоти хон Унсурӣ.
(Ҳоконӣ)

[79] Зани Спитамин сари шавҳарашро бурида ба Искандар савғот бурда буд.

Чашмони ту косаҳои гирдоб барин,
Абрӯи каҷи ту тоқи меҳроб барин;
Дар пушти лаби ту холи сабзат ба назар
Бишкуфта бунафшаи лаби об барин.

Хуни сари “Хингбут”-и мо рехт ба хок,
Фарёд, ки “Сурхбут”-и мо гашт ҳалок;
Куштор, ки толибони расво карданд
Бо тандиси шаш ҳазор будо карданд.[80]

Бутхонаи Бомиён пур аз тоқу равоқ
Ҳар бути шикастаест чун синаи чок,
Хунрезӣ, ки толибон дар ин ҷо карданд
Зинҳор ба шустушӯ намегардад пок.

Ҳар ҷо, ки намеравам дар андеша туӣ,
Бо булбулу кабку қумрӣ ҳамреша туӣ;
Аз ростӣ чун нигинаи марворид
Дар ҳалқаи мардуми ҳунарпеша туӣ.

Аз моли замон мазор дорад тоҷик,
Девонаи бешумор дорад тоҷик;
Аз ҳар ду нафар якест девонаи ҳот,
Девонагиро шиор дорад тоҷик.
Гулбонги ту мекушояд аз сина гирех,
Ку он, ки туро нагуфт сад бор бале;
Зинҳор набуд дар гулӯи ту, набуд
Аз зевари зарнигори овози ту беҳ.

Он солу замон, ки дар аристон будам
Ман дар ғами ҷон на, дар ғами нон будам,
Бенонӣ маро ҳамеша медод азоб,
Пасмондаи ошхона медидам хоб.

---

[80] Бар асари харобкории толибони ҷоҳил дар буткадаи Бомиён.

Он рӯз, ки бо баландии қомати хеш
Ғайри ту набуд аз сафедорон беш,
Оё хабарат набуд паст аст замон,
Сад тираки қомате шикастаст замон.

Сар то ба қадам гули ту, гулдастаи ту
Як даста гули шукуфтаи бастаи ту,
Як даста гул аз бирешими тозаю тар
Сар то ба қадам шукуфта дар куртаи ту.

Афсӯс, ки шоирони мо пир шуданд
Бо дасти қаламгир асогир шуданд,
Афсӯс хӯрам, ҳазор афсӯс хурам
Аз шоираҳои мо, ки кампир шуданд.

Гар мағз надорад суханат бевазн аст
Чур шеъри ҳичоии манат бевазн аст,
Аз бас, ки ҳаво вазн наметавонад дошт
Эй чӯра, ҳавои даҳанат бевазн аст.

Умрест, ки дар кисаи ман харчӣ нест
Илҳом, вале кафтари парқайчӣ нест,
Он сон бипарад, ки хол гардад ба ҳаво,
Ҳамболаш аз ин парандаҳо ҳар чӣ нест.

Тӯтиву яҳудиён ба ҳам монанданд
Ҳарчанд яҳудиён саропо фанданд,
Бинии каҷукилебашонро бинигар
Ҳақ аст, ки нӯли тӯтӣ ояд ба назар.

Кофист агар нишона аз пойи қалам
Дар роҳи адаб бимонад аз ман ду қадам,
Дар пайраҳаи хокии қишлоқаки ман.
Он гуна, ки ман нақши қадам бинҳодам.

Дар хандаи ӯ субҳи саҳар метобад,
Дар гиряи ӯ абри матир метобад;
Дар чашми кабуди осмонии тараш
Боронзада осмони тар метобад.

Ҳарчанд, ки шоири Душанбе будам,
Ман баччаи шаҳри Сталинободам;
Чун давлати Сталин кӣ кард ободаш,
Гӯйед дубора Сталинободаш.

Умре наҳаросид касе аз муштат,
Ҷуз соҳаи ту касе набуд дар пуштат;
Гугирд фурӯ бибар, ки дар синаи хеш
Равшан бинамои оташи Зардуштат.

Абрӯи навиштаат, ки сармашқам буд
Чун байти навиштае фаромӯш нашуд,
Бинрҳода ба дафтари сиёҳмашқии ман
Абрӯи ту буд, гули сияҳгӯш набуд.

Фоҳиша қалам, ҷалаб ҳар истеъдоде
Ҳар як ҷалабе арӯси сад домоде,
Дар мамлакате, ки шарму исмат айб аст,
Ҳатто ҷалаб аст “Ҳайкали озодӣ”.[81]

Миқрозчае, ки вақт дорад дар даст
Ин ақробаҳои соати дасти ман аст,
Бибрид маро ваҷаб-ваҷаб риштаи умр,
Як лавза наметавон аз он дида набаст.

Ин мулк, ки иддаои озодӣ кард
Ҳар рӯз ба номи дод бедодӣ кард,
Бо ҳайкали руспии “Озодӣ”-и ӯ
Бадбахт ҳар он касе, ки домодӣ кард.

---

[81] Нисбати Америка.

Чун байти навиштае ду абрӯи ту буд,
Чун химчаи тар миёни хушрӯи ту буд;
Ҷойе, ки ҳаво хӯрад дили хастаи ман
Он шаршараи баланди гесӯи ту буд.

Сарлавҳаи шеъри мар ду абрӯи ту буд,
Девони ман аз коғази бозӯи ту буд;
Он зулфи сухан, ки шона кардам ба қалам
Он зулфи сухан набуд, гесӯи ту буд.

Ҳар кас, ки дар илм уқиёнус будаст,
Дар баҳри маъонӣ ҳамчу қомус будаст,
Дар реҳлати умр заврақи тобӯташ
Дар мавҷи ҳазор дасти мухлис будаст.

Дар лӯлаи нафт хуни миллат будаст
Ҳар лӯлаи он шаҳраги давлат будаст,
Дар мулки араб ту англисро бинигар
Аз лӯлаи нафт мемакад хуни ҷигар.

Шаттуларабо[82], чу абру боронҳоят
Аз руғани нафту аз гази сахроят
Ин ҷо бифирист, то занам гугирде
К-аз Қасри Сафеди мо намонад гарде.

Фаррухӣ, ки хомӯшӣ наомӯхта буд
Аз ҷумлаи шоирони лабдӯхта буд,
Дилҳои тамоми шоирон чун дили ман
Аз баҳри лаби дӯхтааш сӯхта буд.[83]

Гӯянд, ки нархи бин-Ладин арзон аст
Ҳарчанд, ки 25-миллион аст,
Нархи сари Буши бехирад 1-доллар,
Ин қиммати каллаи сионистон аст.

---

[82] Дарёи азиме дар Ироқ.
[83] Ишора ба Фаррухии Яздӣ.

Аз Осама бин-Ладин, ки ҷонибдорам
Маъзур, мувофиқ на ба ҳар террорам,
З-он аст ба ӯ алоқаи хосаи ман
К-аз Қасри Сафеду янкиҳо безорам.

Султону амирони араб ифлосанд
Бузришаки занмиҷози беномӯсанд,
Ку он, ки ба ришу рӯяшон туф накунад,
Зонӯзада дасти янкиро мебӯсанд.

Сиэтл, 02.03 ШМА.

САРЛАВҲАИ ШЕЪРҲО

Ҷуз қалам нест касе ҳамхунам 3
Шеъри ғарқи хун 4
Як нафар ман мондаам 6
Чашмҳои дурбинҳо кӯр бодо, кӯр! 7
Хонақоҳи ман 9
Ҷунбиши гаҳвораи сабзаш - ҷунбиши набзаш 12
Шаҳри сиёҳ 16
Чаро намеоӣ? 18
Шоиру шеъре агар ҳаст 19
Теғи Сино 21
Девори Бухоро 23
Дарвозаи Бухоро 25
Аҳмади Дониш 27
Айнӣ 29
Тоҷикистон 30
Забони модарӣ 31
Вой бар ман! Вой бар ман! Вой! Вой! 33
Ғазои Восе 35
Сталин ва Сталинобод 37
Ба хотираи бародарам профессор Темур Собиров 39
Асп 41
Тирамоҳ 43
Бо чамидан, бо шамидан, бо чашидан... 44
Ёдкарди Ҷумъа Одина 46
Ба устоди бузургворе 47
Фасли обшустаи зард 48
Юсуф 50
Мадду ҷазр 53
Ашкам маро гулӯла мезанад 55
Пуштаҳо 57
Навбаҳор устои марҳамбанд 59
Кулбаи модар 61
Шабеҳа 63
Хонаи мӯр 66
Ёдат ба хайр, Муаззама 68

Барои дӯсти деринаам, устоди адабиёт Раҳими Мусулмониён 69
Гург ва барф 70
Ту ними манӣ 71
Ҳамхуни лолаҳо 72
Фасли занона 73
Бӯсаҳои зарнигорӣ 75
Сарнома 76
Дилам месӯзад 77
Гиреҳи санг 78
Номаҳо 79
Шири бурида 81
Аз мӯйи то зонӯи ту як мӯ набахшам бар касе 82
Дилхунук 83
Шаби Файзобод 84
Бӯса ба дунё задам 86
Сафедор 87
Хобат барад ба ҷунбиши мавзуни набзи ман 88
Назмро аз набзи мавзунат мураттаб кардаам 89
Борон 90
Аз шаршараи мӯят менӯшаму менӯшам 92
Дарахти сабда шуд дар пушта модар 93
Қасам ба ҳарду дидаам 95
Баҳор омад 96
Чашми кабуди суғдӣ 98
Тасвир 99
Аз дарахти соя афтодам 100
Ришнома 102
Сурхии рӯятро бидеҳ 103
Табхола дар лабҳои дил 105
Дар ёдбуди Муҳаммаҷон Раҳимӣ 107
Бӯсае ё қиссае ё ғуссае 108
Хотира 109
Сухани нотамом 110
Соли ман 111
Барои Раҳим Ҳошим 112
Кӯдакиам ҳанӯз гирён аст 113
Косаи об, косаи шир 114

Обшори обрӯ 115
Мехи ситоракӯб 116
Сафари шоир 117
Фарзанди деҳқон 118
Дар зери шаршара 119
Сӯзан агар дар дили ман монд... 120
Барои дӯстам Саид Абдулло 121
Барои худам - Бозор Собир 122
Шаб 125
Тирамоҳ 126
Фаришта 127
Ба шоири ҷавонмарг Ҳабибулло Файзулло, ёдаш хайр бод 128
Замини бетараф 129
Дар азои додарам Иброҳим 130
Ҳайкалчаи будоӣ 134
Биншин ба рӯи чашми ман 135
Бо хасе танҳо ба танҳо 136
Нону намак 137
Сугвора 138
Ҳайкали Ленин дар Сиэтл 140
Шервораи Саддом Ҳусейн 143
Фидоӣ буд Аҳмадшоҳи Масъуд 147
Америка + Британия + Канада + Сионизм 150

Чорпора 154

Бозор Собир

«Аз «Гули хор» то «Симхор»»

Некоммерческое литературное издание
Редактор и издатель: Каримов Бури Бачабекович
Составитель: Ромиз и Мехрон
Компьютерный набор: Гулчехра Собир
Компьютерная верстка: Манучехр Собир и Н.А.Никитин
Лицензия ИД № 05062 от 14 июля 2001 года
Сдано в набор 8.12.2003 г.
Формат 60х90 1/16 Бумага офсетная
Гарнитура «Таймс». Печать офсетная
Усл. печ. л. 16
Тираж 3000 экз. Заказ 2155

From the "Thorn-flower" to the "Barbed Wire"
Copyright © 2003 Bozor Sobir
All rights reserved.

«Интрансдорнаука»
125829. М., Ленинградский проспект 64

Отпечатано в ОАО «Можайский полиграфический комбинат»
143200. г. Можайск, ул. Мира, 93